Ҷаҳонишавӣ Тараққиёт Бонкдорӣ

№1 (100)

ЯНВАР-МАРТ

2023

«Ҳадафи пешниҳоди эълони Соли ҳифзи пиряхҳо қалби таваҷҷуҳи қомеаи қаҳонӣ ба ин масъалаи мубрам ва муттаҳид сохтани талошҳо барои андешидани чораҳои қатъӣ қиҳати коҳиши ин раванд, устувор сохтани қомеа ва иқтисоди кишварҳо ба таъсири он мебошад».

Эмомалӣ Раҳмон

ТАШАББУСИ ПАНҶУМИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

“СОЛИ 2025 СОЛИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲИФЗИ ПИРЯХҲО”

ДАР ИН ШУМОРА

3 ПРЕЗИДЕНТ АЗ МИНБАРИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД

РАИСИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ХОЛИҚЗОДА ҲОКИМ НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2022 БО НИШОНДИҲАНДАҲОИ ХУБ ҶАМЪБАСТ ГАРДИДА, ВАЗИФАҲОИ НАВРО ДАР ПЕШ ГУЗОШТ 10

ЗАН НЕРУИ ИНСОНСОЗУ ҚУВВАИ ПЕШБАРАНДА ДАР ҶОМЕА
НАҚШИ ЗАНОН ДАР РУШДИ НИЗОМИ БОНКӢ 52

29 АНҶУМАНИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА РУШДИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЛОНДОН

ДАСТОВАРДҲО ВА ВАЗИФАҲОИ НАВИ НИЗОМИ БОНКӢ 18

ДАР ИН ШУМОРА

20 ҶАМЪБАСТИ ФАЪОЛИЯТИ НИЗОМИ СУҒУРТАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2022

22 МУЛОҚОТИ РАИСИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БО РАИСИ БОНКИ МАРКАЗИИ ҶУМҲУРИИ ОЗАРБОЙҶОН

23 ДУ САНАДИ НАВИ ҲАМКОРӢ БАЙНИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ВА БОНКИ МАРКАЗИИ ҶУМҲУРИИ ОЗАРБОЙҶОН

24 ҲАМКОРИИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БО ДАФТАРИ ШВЕЙТСАРИЯ ОИД БА ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДӢ

34 ДЕДОЛЛАРИКУНОНӢ - ҶАНБАИ МУҲИММИ ТАЪМИНИ СУБОТИ МОЛИЯВӢ

40 ТАВАРРУМ ВА ОМИЛҲОИ ТАЪСИРРАСОН БА ОН

45 ДАСТРАСӢ БА МАБЛАҒГУЗОРИҲОИ ҚАРЗӢ

48 ВАЗЪИ ҶОРИИ РУШДИ ҲИСОББАРОБАРКУНИҲОИ ҒАЙРИНАҚДӢ

58 ТАҶЛИЛИ РӮЗИ МОДАР ВА ҶАШНИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ НАВРӮЗ

62 МАВҚЕИ ҶАВОНОН ДАР ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

63 ҲАДАФИ СОЗАНДА БАРОИ РУШДИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

68 ҶАМЪБАСТИ ФАЪОЛИЯТИ БДА ҶТ «АМОНАТБОНК»

71 АХБОРИ НИЗОМИ БОНКӢ ВА СУҒУРТА

73 ПУЛҲОИ КОҒАЗИИ БАРОРИШИ СОЛИ 2022

75 ҲИСОБОТИ БОНКҲО ВА ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ

Ҷаҳонишавӣ Тараққиёт Бонкдорӣ

Маҷаллаи таҳлилии бонкӣ
1 (100) ЯНВАР-МАРТ, 2023

Тел: +992 (44) 600- 31- 24
Факс: +992 (44) 600- 32- 49

НИШОНИИ МАҶАЛЛА:
734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 38/1
E-mail: majalla@nbt. tj

РАИСИ ШУРОИ МАШВАРАТӢ:
Ҳ. Холиқзода
Аъзои Шурои машвараті:
Н. Ҳикматуллозода, Г. Назирӣ,
Ш. Хайрзода, Қ. Хушвахтзода,
А. Миралиев, Т. Ҳақназаров,
М. Ҳасанова

ҲАЙАТИ МАҶАЛЛА:
Сармуҳаррир: М. Ҳасанова
Мутахассиси пешбар: А. Мӯминов
Мутахассиси дараҷаи II: М. Умадуллоева
Ороишгар: Ҳ. Муҷебуллоев

Маҷаллаи "Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ" дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.
Шаҳодатномаи қайд: №259/МҶ- 97, аз 29 августи 2022 с.

Маҷалла ба хотири таъмини гуногунандешӣ маводҳои муаллифонеро низ ба табъ мерасонад, ки фикри шахсии онҳоро инъикос мекунад. Ҳангоми истифодаи маводи маҷалла истинод ба асл ҳатмист.

Теъдоди нашр: 608 нусха.
Дар матбааи
ҶДММ “Мега-принт”
чоп шудааст.
ш. Душанбе, кӯчаи Борбад 36.

“Об сарчашмаи ҳама мавҷудоти зинда дар олам ва қудрати муттаҳидсозии одамони сайёра”

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз минбари Созмони Милали Муттаҳид ҷаҳониёнро барои муттаҳид шудан дар атрофи масоили об даъват намуданд

22-24 марти соли 2023 дар шаҳри Ню-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Конфронси оби СММ оид ба баррасии миёнамуҳлати фарогири татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор”, солҳои 2018-2028 таҳти раёсати Тоҷикистон ва Подшоҳии Нидерланд баргузор гардид. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун раискунандаи Конфронси дуюми Созмони Милали Муттаҳид оид ба масоили об дар робита ба Конфронси таърихии оби СММ таъкид намуданд, ки қудрати бузурги об қитъаҳо, кишварҳо ва фарҳангҳои гуногуни ҷаҳонро муттаҳид месозад.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон обро сарчашмаи ҳама мавҷудоти зинда дар олам ва қудрати муттаҳидсозии одамони сайёра номида, таъкид доштанд, ки мо бояд ба кулли тағйир додани тарзи фаҳмиш, арзиш ва идоракунии обро ба хубӣ дарк намоем.

Таъкид кардан ба маврид аст, ки дар ҳошияи конфронси об Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Подшоҳи Нидерланд, роҳбарони як қатор ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ вохурда, масъалаи ҳамкории дуҷониба ва рӯзномаи Конфронсро баррасӣ карданд.

Инчунин дар доираи кори Конфронс садҳо ҳамоишҳо дар мавзуъҳои обу иқлим баргузор гардид. Иштирокчиёни конфронс ва ҳамоишҳо ба саҳми Пешвои миллат ва Тоҷикистон дар самти ҳалли масъалаҳои марбут ба об, иқлим ва пиряхҳо баҳои баланд доданд.

Аз ҷумла Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Намоишгоҳи

“Таърихи рушди Тоҷикистон” дар қароргоҳи Созмони Милали Муттаҳид, дар чорабинии “Об ва Наврӯз – ду сарчашмаи ҳаёти башар”, Конфронси СММ оид ба шарҳи фарогири миёнамуҳлати ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028”, чорабиниҳои канории корӣ зери унвони “Об моро муттаҳид месозад”, Табдили институтҳои иқтисодии глобалӣ ба манфиати умум: Даъват барои бедоршавӣ аз ҷониби Комиссияи глобалӣ оид ба иқтисодиёти об”, “Харитаи роҳ барои соли 2015: Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо” ва боз даҳҳо ҳамоишу чорабиниҳои муҳим иштирок ва суханронӣ намуданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун раискунандаи Конфронси дуюми Созмони Милали Муттаҳид дар маросими ифтитоҳи Конфронси СММ оид ба шарҳи фарогири миёнамуҳлати ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” ба сухан баромада, ҳозиринро ба ин ҳамоиши муҳимми таърихӣ шодбошӣ карда, аз ҷумла иброз доштанд:

“Муҳтарам сарони давлатҳо ва роҳбарони ҳайатҳо,

Муҳтарам Дабири кулл,

Муҳтарам Раиси Маҷмаи умумии Созмони Милал,

Ҳозирини гиромӣ,

Шуморо дар ин ҳамоиши муҳимми таърихӣ шодбош гуфта, сипоси амиқи худро ҷиҳати иштироки фаъолатон дар раванди омодагии он иброз менамоям.

Басо рамзист, ки ҳамоиши мазкур ба Рӯзи ҷаҳонии об ва ҷашни

Мо ба талошҳои ҳамгироёна дар ҳалли масъалаҳои обу иқлим дар доираи Созмони Милали Муттаҳид, аз ҷумла зимни татбиқи Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо, ки бо ташаббуси Тоҷикистон моҳи декабри соли гузашта аз ҷониби Маҷмаи умумии Созмони Милал эълон гардид, идома хоҳем бахшид.

байналмилалии Наврӯз рост меояд.

Ҳамаи шуморо ба ин муносибат сидқан табрик мегӯям.

Мавриди зикр аст, ки Тоҷикистон тайи зиёда аз ду даҳсола масъалаҳои марбут ба обро дар рӯзномаи ҷаҳонии рушд пеш мебарад.

Бо ибтикори ҷониби мо Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои об нуҳ қатънома қабул намудааст ва татбиқи онҳо барои расидан ба ҳадафҳои глобалии ҳамоҳангшуда дар соҳаи об заминаи сазовор гузоштанд.

Албатта, дар пешбурди чунин ҳадафҳои глобалӣ давлатҳои узв ва ниҳодҳои Созмони Милали Муттаҳид, аз ҷумла аъзои Гурӯҳи дӯстони об нақши муҳим мебозанд.

Бо истифода аз фурсат, мехостам ба ҳамаи онҳо барои талошҳои пайваста ва фаъолашон дар ин самт изҳори миннатдорӣ намоям.

Хонумҳо ва ҷанобон,

Чуноне медонед, имрӯз захираҳои об зери таъсири амиқи таҳдиду хатарҳои гуногун қарор доранд, ки ба тамоми соҳаҳои ҳаёти мардум, бахусус ба амнияти озуқаворӣ, тавлиди “нерӯи сабз”

ва пойдории табиат бетаъсир намемонад.

Дар ин радиф тағйирёбии иқлим низ ҳамчун омили таъсиррасон ба захираҳои оби ошомиданӣ дар меҳвари таваҷҷуҳи мо қарор дорад.

Обшавии босуръати пиряхҳо, чи дар Арктикаву Антарктида ва чи дар қитъаҳои континенталии сайёра, намунаи возеҳи ин зуҳурот мебошад.

Аз тарафи дигар, афзоиши босуръати шумораи аҳолии ҷаҳон ба зиёдшавии талабот ба об оварда мерасонад.

Ин ду омил боиси он гардид, ки дар панҷ даҳсолаи охир нишондиҳандаҳои таъмини об ба ҳар сари аҳолӣ дар ҷаҳон қариб дуюним баробар ва дар минтақаҳои алоҳидаи олам, аз ҷумла Осиёи Марказӣ, зиёда аз чор баробар паст шудааст.

Гузашта аз ин, тағйирёбии иқлим сабаби афзоиши бесобиқаи офатҳои табиии марбут ба об гардида истодааст.

Ҳамаи мо соли гузашта ва зимистони соли ҷорӣ шоҳиди хушксоливу обхезиҳои бесобиқае будем, ки бо миқёси бузург ва фарогирии ҷуғрофӣ бори дигар ҳамбастагии зичи обу иқлимро собит намуданд.

Тоҷикистон низ ҳамасола аз офатҳои табиии марбут ба об хисороти зиёди молию ҷонӣ мебинад.

Ин ҳолат ба талошҳои мо барои расидан ба Ҳадафҳои рушди устувор монеаи ҷиддӣ эҷод менамоянд.

То ҳанӯз ду миллиард нафар аҳолии сайёра ба оби ошомидании бехатар ва зиёда аз сеюним миллиард ба шароити нисбатан хуби беҳдоштӣ дастрасӣ надоранд.

Ҳамасола қариб ним миллион одам аз бемориҳои сироятии марбут ба об ба ҳалокат мерасад.

Мутаассифона, ин ва дигар далелу рақамҳо аз нокифоя будани амалҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷиҳати ҳалли мушкилоти мавҷуда дарак медиҳанд.

Маҳз ба ин хотир, дар раванди омодагӣ ба Конфронс мо бо Подшоҳии Нидерланд ва шариконамон аз Созмони Милали Муттаҳид таваҷҷуҳи асосиро ба гирифтани уҳдадориҳо ҷиҳати суръатбахшӣ ба амалҳо барои ноил гардидан ба ҳадафҳои рушди марбут ба об равона намудем.

Вобаста ба ин, дар доираи Конфронси дуюми Душанбе оид ба Даҳсолаи об, ки дар раванди омодагӣ ба Конфронси имрӯза нақши калидӣ дошт, мо Рӯзномаи амали обро муаррифӣ кардем.

Ҳозирини гиромӣ,

Мо ба талошҳои ҳамгироёна дар ҳалли масъалаҳои обу иқлим дар доираи Созмони Милали Муттаҳид, аз ҷумла зимни татбиқи Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо, ки бо ташаббуси Тоҷикистон моҳи декабри соли гузашта аз ҷониби Маҷмаи умумии Созмони Милал эълон гардид, идома хоҳем бахшид.

Дар ин замина, соли 2025

мо Конфронси байналмилалии сатҳи баландро дар мавзӯи ҳифзи пиряхҳо дар шаҳри Душанбе баргузор мекунем.

Тоҷикистон, ки дар ҳудудаш шаст фоизи захираҳои оби минтақаи Осиёи Марказӣ ташаккул меёбад, дар доираи раёсати кишвар дар Фонди байналмилалии начоти Арал, талошҳои худро барои боз ҳам густариш додани ҳамкориҳо дар Осиёи Марказӣ дар соҳаи об таҳвият хоҳад бахшид.

Дар сатҳи миллӣ мо имкониятҳои худро ба он равона месозем, ки то соли 2025 ислоҳоти соҳаи оби кишварро пурра амалӣ намуда, мудирияти ҳамгироёнаи захираҳои обро ба таври комил ба роҳ монем.

Мо Стратегияи миллии кишварро дар соҳаи об тибқи талабот ва стандартҳои имрӯза таҳия менамоем.

Ҷиҳати дастрасии пурраи аҳолии кишвар бо оби босифати ошомиданӣ ва шароити беҳдошт то соли 2030 Барномаи миллии ҳадафнок таҳия мегардад, ки дар доираи он мо тасмим гирифтем ҳаҷми маблағгузориро зина ба зина ду баробар зиёд намоем.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 98 фоизи неруи барқ дар неругоҳҳои барқи обӣ истеҳсол мешавад ва ин дар ҳолест, ки мо ҳамагӣ панҷ фоизи зарфиятҳои гидроэнергетикии кишварамонро аз худ кардаем.

Бинобар ин, мо тасмим гирифтем, ки иқтидори неругоҳҳои барқи обии худро то соли 2050 ду баробар афзоиш дода, дар рушди "иқтисоди сабз" саҳми муносиб гузорем.

Қобили зикр аст, ки ҳоло

Сарез, воқеан, чун намунаи нодири захираҳои оби поку мусаффо, ки аз пиряхҳо ва қуллаҳои барфпӯши ватани мо сарчашма мегирад, метавонад солҳои тӯлонӣ мардуми минтақаи Осиёи Марказиро бо оби ошомидании босифат таъмин намояд.

Тоҷикистон аз рӯйи ҳиссаи истеҳсоли неруи барқ аз захираҳои барқароршавандаи обӣ, яъне тавлиди "энергияи сабз", дар ҷаҳон дар мақоми шашум қарор дорад.

Дӯстони гиромӣ,

Конфронси имрӯза бояд бештар аз лиҳози мусоидат ба дарки дурусти таҳдидҳо ва мушкилоти соҳа, инчунин, дарёфти роҳҳалҳои муассир ва самарабахш дар таъриҳ сабт гардад.

Дар ин ҷода кӯшишҳои муштарак бояд ба натиҷагириҳои мушаххас ва пайгирии минбаъдаи созишҳои бадастомада равона карда шаванд, то интизориҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ин раванд ба таври шоиста амалӣ гарданд.

Бо дарназардошти ин ва ба мақсади назорати пайвастаи раванди амалӣ гардонидани ухдадориҳои гирифташуда, пешниҳод менамоям, ки Конфронси навбатии Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои об дар ҷамъбасти Даҳсолаи байналмилалии амали об соли 2028 дар Тоҷикистон баргузор карда шавад.

Ҷиҳати иҷрои амалу ухдадориҳои мазкур, бахусус татбиқи Рӯзномаи амали об мо пешниҳод менамоем, ки Раванди оби Душанбе ҳамчун платформаи пайгирӣ васеъ истифода карда шавад.

Итминони комил дорам, ки талошҳои дастҷамъона ва ухда-

дориву амалҳои нави мо дар доираи ин Конфронс ва татбиқи натиҷаҳои он самараи дилхоҳ хоҳанд дод.

Дӯстони арҷманд,

Об сарчашмаи асосии ҳаёт маҳсуб меёбад.

Тоҷикистон кишвари дорои захираҳои бузурги оби ошомиданӣ мебошад.

Мо як миқдор обро аз кӯли Сарез, ки дар кӯҳсори Тоҷикистон, дар баландии 3500 метр воқеъ мебошад, бо худ овардем.

Сарез, воқеан, чун намунаи нодири захираҳои оби поку мусаффо, ки аз пиряхҳо ва қуллаҳои барфпӯши ватани мо сарчашма мегирад, метавонад солҳои тӯлонӣ мардуми минтақаи Осиёи Марказиро бо оби ошомидании босифат таъмин намояд.

Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид ҷаноби Гутерриш ва шояд баъзе аз ҳозирини гиромӣ зимни сафар ба Тоҷикистон аз ин кӯл ва пиряхҳои мо дидан кардаанд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки зери таъсири тағйирёбии иқлим ва дигар равандҳои глобалӣ сарчашмаҳои оби ошомиданӣ сол аз сол коҳиш меёбанд.

Барои мисол аз 14 ҳазор пиряхи Тоҷикистон дар чанд даҳсолаи охир ҳазортояш пурра аз байн рафтааст.

Бинобар ин, пешниҳод мекунем, ки барои ҳифз ва самаранок истифода бурдани ҳамаи сарчашмаҳои оби ошомиданӣ барномаҳои мушаххаси миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ таҳия ва татбиқ карда шаванд.

Пайгирии ин иқдом, албатта, бо уҳдадориҳои мо дар татбиқи Рӯзномаи ҷаҳонии иқлим ҳамоҳанг буда, ҳамкориҳои судмандро бо тамоми шарикон тақозо менамояд.

Дар зимн бояд механизмҳои

боэътимоди муосир барои таъмини об ва мудирияти самараноки масъалаҳои марбут ба об таҳия ва роҳандозӣ гарданд.

Умед дорам, ки бо саъю талошҳои муштарак мо ба ҳадафҳои мувофиқашудаи байналмилалии марбут ба об ноил хоҳем шуд”.

Аз ҷумла, 24 март Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Ню-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар маросими пӯшидашавии Конфронси оби СММ оид ба баррасии миёнамуҳлати фарогири татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор”, солҳои 2018-2028 иштирок карданд.

Тибқи муқаррароти маросими пӯшидашавӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Сарвазири минтақаи Арубаи Нидерланд Эвелин Вевер-Крус ба ҳайси раисони Конфронс дар минбари асосӣ ҷойҳои худро гирифтанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун раискунандаи Конфронси дуюми Созмони Милали Муттаҳид оид ба масоили об суханро ба Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид, Раиси Маҷмаи Умумии СММ ва Раиси ниҳоди СММ – Об Жилбер Ҳунбо дода, сипас бо нутқи ҷамъбастӣ баромад намуданд.

Зимни суханронӣ дар маросими пӯшидашавии Конфронси оби СММ - 2023, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки дар давоми се рӯзи охир Конфронси дуюми Созмони Милали Муттаҳид оид ба масоили об, ки пас аз 46 сол бори аввал баргузор гардид, ҳазорон нафарро ҷамъ овард.

“Моро зарур аст, ки вобаста ба об дидгоҳи наве дошта бошем, ки дурнамои рушди захираҳои онро инъикос намуда, ҳамзамон ба таҳкими нақши захираҳои оби тоза дар рӯзномаи баъдинаи ҷаҳонӣ мусоидат кунад” иброз доштанд зимни суханронӣ Президенти мамлакат.

Зимни суханронӣ таъкид намуданд, ки дар кори конфронс иштирокчиён яке аз масъалаҳои ҳаётан муҳим - об, ки аз он ҳамаи соҳаҳо, аз ҷумла ғизо, тандурустӣ, иқлим, табиат, фарҳанг ва иқтисодиёти кишварҳоямон вобастагӣ дорад, баррасӣ гардид.

Зикр гардид, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шоҳигарии Нидерланд ҳамраисони ин Конфронс дар ҳама марҳилаҳо бо кишварҳои аъзои Созмони Милали Муттаҳид ҳамкории хуб доштанд. Ин робитаҳо кишварҳои сайёраро дар масоили об шарикони воқеӣ гардонд.

Дар кори конфронс масоили вобаста ба кӯҳҳо, пиряхҳо ва дарёҳои сермаҷро дар кишвари зебоманзари Тоҷикистон, то резишгоҳи дарёҳо, соҳили баҳр ва ҷазираҳои Шоҳигарии Нидерланд баррасӣ карда шуд.

Моро зарур аст, ки вобаста ба об дидгоҳи наве дошта бошем, ки дурнамои рушди захираҳои онро инъикос намуда, ҳамзамон ба таҳкими нақши захираҳои оби тоза дар рӯзномаи баъдинаи ҷаҳонӣ мусоидат кунад

Дар робита ба Конфронси таъриҳии оби СММ Сарвари давлат таъкид намуданд, ки қудрати бузурги об қитъаҳо, кишварҳо ва фарҳангҳои гуногуни ҷаҳонро муттаҳид месозад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон даъват намуданд, ки биёед дар атрофи об муттаҳид бошем, ҳамин фурсатро ҷиҳати суръат бахшидан ба татбиқи минбаъдаи Ҳадафи шашуми рушди устувор ва дигар ҳадафҳои вобаста ба об аз даст надиҳем.

Бо натиҷагирӣ аз кори Конфронс таъкид шуд, ки ин оғози шоҳроҳи нави амалҳои мушаххаси мо мебошад ва бо неруи нав акнун мо метавонем амалҳои таҳиягардидаи муштаракро дар соҳаи об ба ҷаҳон расонем.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд: **“Ин се рӯз дар ҳақиқат моро неруи наве бахшид: мо аҳли ҷаҳонро ба шаҳри Ню-Йорк овардем, акнун мо метавонем амалҳои таҳиягардидаи муштаракро дар соҳаи об ба ҷаҳон расонем”.**

Таъкид шуд, ки ҳама уҳдадориҳои пешниҳодшудаи давлатҳои узви СММ дар Рӯзномаи амалиёти об ворид карда шудаанд ва Рӯзномаи Амал оид ба об бояд дар се ҳамоиши калидии дарпешистодаи Созмони Милали Муттаҳид, яъне Саммити ҳадафҳои рушди устувор-2023, Саммити Оянда-2024 ва Саммити ҷаҳонӣ оид ба масоили иҷтимоӣ-2025 ва тавассути Форумҳои солонаи сиёсии сатҳи баланд оид ба ҳадафҳои рушди устувор, конфронсҳои ҷонибҳои манфиатдор оид ба масоили иқлим, гуногунии биологӣ, инчунин дигар равандҳои Созмони Милали Муттаҳид ва албатта Раванди оби Душанбе ба таври мушаххас пайгирӣ карда шавад.

Дар охир **Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамаи иштирокчиёнро ба Конфронси навбатӣ оид ба татбиқи Даҳсолаи байналмилалии об, ки соли 2024 дар шаҳри Душанбе баргузор мешавад, даъват намуданд.**

Изҳори итминон карда шуд, ки имрӯз кишварҳо аз ӯҳдадориҳои гирифта ҷиҳати суръатбахшии амалҳо дар соҳаи об илҳоми тоза гирифтанд ва якҷоя метавонанд ба ин мақсадҳои начиб ноил гарданд.

10 нафар ҳамраисони муколамаҳои интерактивӣ, 5 нафар намояндагони ҷонибҳои манфиатдор ва 2 модератор ба саҳна даъват карда шуданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Сарвазири минтақаи Арубаи Нидерланд қуттии рамзии Рӯзномаи Амал оид ба обро, бо тамоми уҳдадории кишварҳо ба Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид ва Раиси Маҷмаи Умумии СММ тақдим карданд. Дар ин лаҳза онҳоро вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон ва Вазири инфрасохтор ва оби Нидерланд ҳамроҳӣ карданд.

Баъди аксбардории маросими супоридани рамзи рӯзномаи об Раискунандаи Конфронси об - Президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба иштирокдорон изҳори сипос намуда, Конфронси оби СММ оид ба баррасии миёнамуҳлати фарогири татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор”, солҳои 2018-2028-ро пӯшида эълон намуданд.

Ҳамин тавр, кори Конфронси оби СММ, ки аз 22 то 24 марти соли 2023 таҳти раёсати Тоҷикистон ва Подшоҳии Нидерланд гузаронида шуд, ба анҷом расид.

www.president.tj

Низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 бо нишондиҳандаҳои хуб ҷамъбаст гардида, вазифаҳои навро дар пеш гузошт

Маърӯзаи раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким дар ҷаласаи васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 24-уми январи соли равон таҳти раёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор гардид, натиҷаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар дар соли 2022 мафассал баррасӣ гардида, вазифаҳои асосӣ барои соли 2023 муайян карда шуданд.

Зимни ҷаласаи Ҳукумат ҳисоботи Сарвазири мамлакат Қоҳир Расулзода оид ба натиҷаҳои рушди иқтисодию иҷтимоӣ дар соли 2022 шунида шуда, дар идома вазорату идораҳо ва сохторҳои давлатӣ ҳисобот доданд. Аз ҷумла раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло

оид ба вазъи низоми бонкӣ ва татбиқи сиёсати пулию қарзӣ суханронӣ намуда, чунин иброз дошт:

- Бонки миллии Тоҷикистон фаъолияти худро дар соли 2022 мутобиқи қонунгузории соҳавӣ ва вазифаҳое, ки аз Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ", инчунин дар ҳамоҳангӣ бо Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022 ва давраи миёнамуҳлат роҳандозӣ намуд.

Дар соли 2022 новобаста аз вазъи мураккаби сиёсӣ дар минтақа ва ҷаҳон, болоравии сатҳи нархҳои молу маҳсулот ва идомаи раванди номуайяниву зудтағйирёбандаи онҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ, рушди устувори иқтисоди миллӣ таъмин карда шуда, нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ ва низоми бонкӣ мусбӣ ҷамъбаст гардиданд.

Сатҳи таваррум дар соли ҳисоботӣ дар ҳудуди поёнии нишондиҳандаи мақсаднок **(6% ± 2 банди фоизӣ)** ҷамъбаст гардида, **4,2 фоизро** ташкил намуд, ки нисбат ба соли қаблӣ **3,8 банди фоизӣ** кам мебошад. Таваррумӣ бавуқуъомада асосан дар натиҷаи болоравии нархи маҳсулоти хӯрокворӣ **5,2 фоиз,** молҳои ғайрихӯрокворӣ **4,0 фоиз** ва хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ **1,9 фоиз** ба амал омад.

Қобили қайд аст, ки барои расидан ба ин нишондиҳанда дастуру ҳидоятҳои пайвастаи Шумо,

муҳтарам Ҷаноби Олӣ, ки ҳамеша дар ҷаласаҳои Ҳукумат, машвараҳо мулоқотҳои корӣ ва зимни сафарҳои кориатон ба минтақаҳои кишвар, ҷиҳати таъмин намудани фаровонии бозори истеъмолии дохилӣ бо маҳсулоти ниёзи аввалия ва дар сатҳи кофӣ захира намудани маҳсулот, гузаронидани ярмаркаи фурӯши молу маҳсулоти ниёзи аввалия дар бозорҳои пойтахт ва дигар минтақаҳои кишвар, назорат бурдани нархҳо аз ҷониби мақомоти дахлдор, инчунин ба роҳ мондани кишти такрорӣ ва гирифтани зиёда аз 2 ҳосил дар як сол ва захира намудани маводи зарурии истеъмолӣ барои на кам аз 2 сол баён менамудед, мусоидат намуд.

Дар ин раванд, Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади нигоҳ доштани муътадилии сатҳи нархҳо ва маҳдуд сохтани таъсири омилҳои монетарии он як қатор чораҳои зарурӣ, аз қабили истифодаи самараноки фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ, таъмин намудани ширкатҳои воридкунандаи молу маҳсулоти ниёзи аввалия бо асъори хориҷӣ ва муътадил нигоҳ доштани қурби пули миллиро амалӣ намуд, ки дар натиҷа барои пешгирии болоравии сатҳи таваррум мусоидат кард.

Сатҳи таъминнокии иқтисодиёт бо пул, яъне ҳиссаи ҳаҷми пул (М4) дар Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (монетизатсия) ба санаи 31 декабри соли 2022 **34,5 фоизро** ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин санаи соли қаблӣ **5,8 банди фоизӣ** зиёд буда, ба афзоиши Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ва андозу дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ таъсири мусбӣ расонида, дар маҷмуъ ба рушди иқтисодиёти мамлакат мусоидат намуд.

Сиёсати пулӣ. Баҳри танзим намудани ҳаҷми пул дар муомилот, идоракунии самараноки сатҳи пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ ва коҳиш додани фишорҳои қурбӣ-таваррумӣ дар соли 2022

103 музоядаи фурӯши коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳаҷми **9,6 млрд. сомонӣ** баргузор карда шуд, ки маблағи умумии он нисбат ба соли қаблӣ **21,5 фоиз** зиёд мебошад.

Дар баробари ин, дар ин давра аз ташкилотҳои қарзии молиявӣ тавассути амалиёти амонатҳои шабонарӯзӣ маблағҳои озод ҷалб карда шуд, ки ба ҳисоби миёна дар як рӯз **700 млн.** сомониро ташкил менамояд.

Меъёри бозтамвил, ки яке аз фишангҳои калидии сиёсати пулию қарзӣ барои анҷом додани амалиётҳои монетарӣ ба ҳисоб меравад, дар асоси дурнамои таъсири хавфҳои эҳтимолии дохилию берунӣ ба иқтисодиёт бо назардошти дар сатҳи ҳадафи муқарраргардида қарор доштани сатҳи таваррум ва нисбатан беҳтар шудани интизориҳои таваррумии аҳолӣ, аз 1 ноябри соли 2022 **0,5 банди фоизӣ** паст карда шуда, дар сатҳи **13,0 фоизи солона** муқаррар гардид.

Ҳаҷми пулҳои захиравӣ ҳамчун нишондиҳандаи амалиётӣ дар давраи гузариш ба реҷаи ҳадафгирии таваррум ба санаи 31 декабри соли 2022 **38,4 млрд.** сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин санаи соли қаблӣ **53,0 фоиз** зиёд мебошад.

Қурби асъор. Мутобиқи “Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022 ва давраи миёнамуҳлат” сиёсати қурбӣ ба реҷаи “шинокунандаи танзимшаванда, бе муайян ва эълон намудани ҳудудҳои тағйирёбии қурб” асос ёфта, қурби расмии сомонӣ нисбат ба асъори хориҷӣ дар асоси талабот ва пешниҳод дар бозори дохилии асъор муқаррар карда мешавад. Бонки миллии Тоҷикистон тибқи реҷаи мазкур танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ метавонад ба бозори дохилии асъор дахолат намояд.

Дар давоми соли 2022 қурби пули миллӣ, дар маҷмуъ дар сатҳи муътадил қарор дошта, нисбати асъори озод табдилшаванда ва шарикони савдо, аз ҷумла нисбат ба лираи Туркия ба андозаи **36,5%,** рубли Белорус **31,2%**, тангаи Қазоқистон **16,7%**, юани Чин **15,9%**, Евро **14,9%**, суми Ӯзбекистон **12,9%**, соми Қирғизистон **10,7%**, доллари ИМА **9,7%** ва рубли Русия **4,1%** устувор гардид.

Сармоягузориҳои хориҷӣ. Тибқи дастуру ҳидоятҳои Шумо, муҳтарам Ҷаноби Олӣ, чиҳати ҷалби **сармоягузориҳои хориҷӣ** ба низоми бонкӣ бояд қайд намуд, ки дар давоми соли 2022 ба низоми бонкии кишвар **1,3 млрд**. доллари ИМА қарз, сармоягузориҳои мустақим ва дигар намуди сармоягузориҳо ҷалб карда шуд, ки нисбат ба соли қаблӣ **26,6** фоиз зиёд мебошад. Ҳиссаи нишондиҳандаи мазкур дар ҳаҷми умумии сармоягузориҳои хориҷии ба кишвар дар соли 2022 ҷалбшуда саҳми назаррас дошта, **52,0** фоизро ташкил менамояд.

Масъалаи таҳвият бахшидани ҷалби сармояи хориҷӣ ба низоми бонкӣ доимо муҳим ва афзалиятнок арзёбӣ гардида, зимни ҷаласаҳову вохӯриҳо бо роҳбарони ташкилотҳои қарзӣ дар ин хусус пайваста таъкид карда мешавад.

Низоми бонкӣ. Дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 31 декабри соли 2022 дар маҷмуъ **64 адад** ташкилоти қарзии молиявӣ, аз ҷумла **15 адад** бонк, **1 адад** ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ ва **48 адад** ташкилоти маблағгузории хурд фаъолият дошта, тавассути **1 862 адад** воҳидҳои сохтории худ ба аҳолии кишвар хизматрасонии бонкӣ намуда истодаанд.

Дороиҳои ташкилотҳои қарзии

молиявӣ ба санаи 31 декабри соли 2022 маблағи **30,0 млрд**. сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин санаи соли қаблӣ **34,0 фоиз** ё ба маблағи **7,6 млрд**. сомонӣ зиёд мебошад.

Дар интиҳои соли 2022 уҳдадориҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба **30,0 млрд**. сомонӣ баробар шуда, нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 **37,0 фоиз** ё ба маблағи **6,4 млрд**. сомонӣ афзоиш ёфт.

Сармояи тавозунии ташкилотҳои қарзии молиявӣ бошад, ба санаи 31 декабри соли ҳисоботӣ ба **6,3 млрд**. сомонӣ баробар шуд, ки нисбат ба ҳамин санаи соли 2021 ба маблағи **1,2 млрд**. сомонӣ ё **24,1 фоиз** асосан аз ҳисоби фоидаи гирифташуда ва сармояи изофавӣ зиёд шудааст.

Пасандозҳо. Бояд қайд намуд, ки яке аз вазифаи асосии ташкилотҳои қарзӣ ин миёнаравии молиявӣ ба ҳисоб рафта, он тариқи ҷалби бештари пасандозҳо амалӣ карда мешавад.

Ба ҳолати 31 декабри соли 2022 бақияи умумии пасандозҳо **15,5 млрд**. сомониро ташкил намуд, ки дар муқоиса ба ҳамин санаи соли қаблӣ **52,6 фоиз** ё ба маблағи **5,3 млрд**. сомонӣ зиёд мебошад. Нишондиҳандаи мазкур аз барқароршавии эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ шаҳодат медиҳад.

Аз ҳаҷми умумии бақияи пасандозҳо ҳиссаи пасандозҳо бо пули миллӣ **55,7 фоиз** ва бо асъори хориҷӣ **44,3 фоизро** ташкил медиҳад, ки аз паст шудани сатҳи долларикунонии иқтисодиёт ва зиёд гардидани эътимоди аҳолӣ ба пули миллӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар таркиби пасандозҳо **7,4 млрд.** сомонӣ ё **48,0 фоизро** пасандозҳои шахсони ҳуқуқӣ ва **8,1 млрд**. сомонӣ ё **52,0 фоизро** пасандозҳои шахсони воқеӣ ташкил медиҳанд, ки нисбат ба соли қаблӣ мувофиқан **55,0 фоиз** ва **51,0** фоиз зиёд мебошанд.

Қарздиҳӣ. Аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ба соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти кишвар дар соли 2022 ба маблағи **14,4 млрд**. сомонӣ қарзҳо пешниҳод шуданд, ки нисбат ба соли қаблӣ **700,0 млн**. сомонӣ ё **5,1 фоиз** зиёд мебошанд.

Бақияи қарзҳо бошад, ба санаи 31 декабри соли 2022 маблағи **13,7 млрд**. сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин санаи соли гузашта **13,3 фоиз** ё **1,6 млрд**. сомонӣ афзоиш ёфт.

Дар таркиби бақияи қарзҳо **9,8 млрд.** сомонӣ ё **72,0 фоиз** ба пули миллӣ ва **3,9 млрд**. сомонӣ ё **28,0 фоиз** ба асъори хориҷӣ рост меояд, ки аксарияти қарзҳо бо мақсади кам кардани хавфҳои асъорӣ дар низоми бонкӣ, бо пули миллӣ пешниҳод гардиданд.

Дар интиҳои соли ҳисоботӣ қарзҳои ғайрифаъол **1,6 млрд**. сомонӣ ё **12,0 фоизи** сандуқи қарзиро ташкил доданд, ки нисбат ба ҳамин санаи соли 2021 вазни қиёсии онҳо дар сандуқи қарзии умумӣ ба андозаи **1,4 банди фоизӣ** коҳиш ёфтааст.

Меъёри фоизи миёнавазни қарзҳо дар соли 2022 бо пули миллӣ **23,3 фоиз** ва бо асъори хориҷӣ **12,0 фоизро** ташкил дода, нисбат ба соли қаблӣ бо пули миллӣ **0,6 банди фоизӣ** ва бо асъори хориҷӣ **1,0 банди фоизӣ** кам гардид.

Натиҷаи фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ.

Натиҷаи фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар соли ҳисоботӣ бо фоида ба маблағи **1,2 млрд.** сомонӣ ҷамъбаст гардид, ки нисбат ба соли қаблӣ **1,1 млрд.** сомонӣ ё **11,0 маротиба** зиёд мебошад.

Нишондиҳандаи даромаднокии дороиҳои (ROA) ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба санаи 31 декабри соли 2022 нисбат ба ҳамин санаи соли қаблӣ аз 0,5 то 3,9 фоиз ва нишондиҳандаи даромаднокии сармоя (ROE) аз 2,1 то 18,7 фоиз афзоиш ёфтаанд.

Қобили қайд аст, ки нишондиҳандаҳои зикргардида дар даврони соҳибистиқлолӣ баландтарин ба ҳисоб мераванд.

Низоми пардохт. Ба санаи 31 декабри соли 2022 шумораи кортҳои пардохтии бонкии ба муомилот баровардашуда **5,1 млн**. ададро ташкил дода, нисбат ба ҳамин санаи соли қаблӣ **45,5 фоиз** зиёд мебошад.

Шумораи умумии ҳамёнҳои электронии ташкилотҳои қарзии молиявӣ **6,3 млн**. ададро ташкил дода, нисбат ба ҳамин санаи соли қаблӣ **2,8 млн**. адад (**79,0 фоиз**) афзоиш ёфт.

Барои хизматрасонии дорандагони кортҳои пардохтӣ ба санаи 31 декабри соли 2022 дар ҷумҳурӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар маҷмуъ **1 724 адад** банкомат ва **6 004 адад** терминалҳои электронӣ насб карда шуда, дар муқоиса ба ҳамин санаи соли 2021 шумораи банкоматҳо **312 адад** ва шумораи терминалҳои электронӣ **1 126 адад** зиёд гардид. Аз ҳаҷми уму-

мии терминалҳои электронӣ ба нуқтаҳои пешниҳоди пули нақд **2 132 адад** ва муассисаҳои савдо ва хизматрасонии кишвар **3 872 адад** рост меояд.

Ба санаи 31 декабри соли 2022 дар муассисаҳои савдо ва хизматрасонии ҷумҳурӣ **17 433 адад** QR-рамз мавриди истифода қарор дода шудаанд, ки нисбат ба ҳамин санаи соли қаблӣ **6 400 адад** (**58,0 фоиз**) зиёд мебошад.

Дар моҳҳои январ-декабри соли 2022 дар муассисаҳои савдою хизматрасонии кишвар тавассути воситаҳои электронии пардохтӣ (кортҳои пардохтӣ ва ҳамёнҳои электронӣ) **33,4 млн.** амалиётҳои ғайринақдии пардохти молу хизматрасонӣ ба маблағи **8,2 млрд**. сомонӣ анҷом дода шуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 аз рӯи шумора **46,3 фоиз** ва аз рӯи ҳаҷми амалиёти гузаронидашуда **2,3 маротиба** зиёд мебошад.

Низоми суғурта. Суғурта ҳамчун низоми ҳимоя ва дастгирии манфиатҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ барои пешрафти соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт муҳим арзёбӣ мегардад.

Ба санаи 31 декабри соли 2022 дар қаламрави кишвар дар маҷмуъ **16 адад** ташкилоти суғуртавӣ, аз ҷумла **1 адад** ташкилоти суғуртавии давлатӣ ва **15 адад** ташкилоти суғуртавии ғайридавлатӣ фаъолият менамоянд.

Дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ ба санаи 31 декабри соли 2022 маблағи **612,0 млн.** сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин санаи соли қаблӣ **16,4 фоиз** зиёд мебошад.

Дар интиҳои соли 2022 ухдадориҳои ташкилотҳои суғуртавӣ ба **226,0 млн**. сомонӣ баробар шуда, нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 **10,0 фоиз** афзоиш ёфт.

Сармояи тавозунии ташкилотҳои суғуртавӣ бошад, ба санаи 31 декабри соли ҳисоботӣ ба **386,0 млн**. сомонӣ баробар шуд, ки нисбат ба ҳамин санаи соли қаблӣ **20,6 фоиз** зиёд гардид.

Миқдори умумии шартномаҳои басташудаи ташкилотҳои суғуртавӣ дар давоми соли 2022 ба **2,1 млн**. адад баробар шуд, ки дар муқоиса бо соли қаблӣ **7,3 фоиз** (144,0 ҳазор адад) зиёд шуданд.

Воридоти мукофоти суғуртавӣ дар соли ҳисоботӣ маблағи **306,0 млн**. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2021 ба андозаи **6,8 фоиз** афзоиш ёфтааст.

Нишондиҳандаи даромаднокии дороиҳои (ROA) ташкилотҳои суғуртавӣ ба санаи 31 декабри соли 2022 **3,1 фоиз** ва нишондиҳандаи даромаднокии сармоя (ROE) **7,3 фоиз** ташкил намуданд, ки нисбат ба ҳамин санаи соли қаблӣ мутаносибан **1,6 банди фоизӣ** ва **3,1 банди фоизӣ** зиёд мебошад.

Бонки миллии Тоҷикистон дар соли 2023 баҳри таъмини

фаъолияти устувори низоми бонкӣ ва мусоидат ба рушди иқтисодиёти миллӣ фаъолияти худро дар самтҳои зерин идома медиҳад:

- тибқи дастуру супоришҳои Шумо, муҳтарам Ҷаноби Олӣ, ки дар Паёми навбатиатон 23 декабри соли 2022 ироа гардид, аз ҷониби низоми бонкӣ фароҳам овардани дастрасии соҳибкорони хурду миёна ба қарзҳои имтиёзноку дарозмуҳлат, афзоиш додани ҳаҷми қарздиҳӣ ба соҳибкорони истеҳсолӣ, таъмини суботи молиявӣ ва фаъолияти самараноки низоми пардохт, инчунин дар ҳамбастагӣ бо вазорату идораҳои дахлдор ба таври ғайринақдӣ ба роҳ мондани қабули пардохтҳои хизматрасониҳои пулакии вазорату идораҳо ва корхонаву муассисаҳои давлатӣ ба роҳ монда мешавад;
- баҳри баланд бардоштани сатҳи эътимоднокӣ ва боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ аз тамоми воситаю имкониятҳои мавҷуда истифода карда мешавад;
- дар ҳамбастагӣ бо ташкилотҳои қарзӣ, шарикони рушд, ташкилотҳои байналмилалӣ ва сармоягузорони хориҷӣ ҷиҳати ҷалби бештари захираҳои молиявӣ ва сармояи хориҷӣ ба низоми бонкии кишвар ҳамкориҳои судманд ба роҳ монда мешавад;
- дар ҳамкорӣ бо бонкҳои давлатӣ ва дигар ташкилотҳои қарзӣ ҷиҳати зиёд намудани сатҳи миёнаравии молиявӣ, дастрасӣ ба қарзҳои бонкӣ, бахусус дар минтақаҳои дурдаст бо назардошти идоракунии хавфҳо ва мусоидат ба афзоиши иқтидори содиротӣ тадбирҳо андешида мешаванд;
- ҷиҳати васеъ гардидани доираи хизматрасониҳои муосири бонкӣ ва таъмини дастрасии аҳолӣ ба онҳо тадбирҳои иловагӣ андешида мешаванд;
- дар якҷоягӣ бо вазорату идораҳои давлатӣ, шарикони рушд ва бахши хусусӣ татбиқи босамари “Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026” идома дода мешавад.

Дар фароварди суханронӣ раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким иброз намуд, ки Бонки миллии Тоҷикистон барои таъмини сатҳи муътадили пардохтпазирӣ, устувор нигоҳ доштани нишондиҳандаҳои асосии низоми бонкӣ, шаффофият дар фаъолияти ташкилотҳои қарзию суғуртавӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати пурзӯр намудани ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ кӯшиш ба харҷ дода мешавад.

Дар маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо натиҷагирӣ аз фаъолияти тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ ба аъзои Ҳукумат, Дастгоҳи иҷроияи Президент, роҳбарони вазорату идораҳо, вилоят, шаҳру ноҳияҳо ва дигар мақомоти давлатӣ барои рафъи камбудиҳои мавҷуда, иҷрои нишондиҳандаҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳияву татбиқи нақшаи чорабиниҳои таъминкунандаи пешрафту тараққиёти соҳаҳо ва минтақаҳои кишвар, дарёфти роҳҳои пешгирӣ ва кам кардани таъсири омилҳои манфии берунӣ, устувор нигоҳ доштани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, ҷалби сармоя, зиёд намудани иқтидорҳои истеҳсолӣ, хусусан, ҷиҳати худтаъминкунӣ бо маҳсулоти ғизоӣ дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ҳукумати мамлакат, вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро вазифадор карданд, ки бо мақсади ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ ва дар сатҳи на кам аз 8 фоиз таъмин намудани рушди иқтисоди кишвар фаъолияти худро вусъат бахшанд.

Ҳукумати мамлакат, вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадор гардиданд, ки иҷрои саривақтӣ ва сифатноки дастуру супоришҳои дар Паёми Президенти мамлакат гузошташударо таъмин намоянд.

Таъкид гардид, ки соли 2022, бо вуҷуди мураккаб гардидани вазъи геосиёсиву иқтисодии ҷаҳон, дар натиҷаи амалӣ намудани стратегияву барномаҳо ва андешидани тадбирҳои саривақтии зиддибуҳронӣ вобаста ба пешгирӣ кардани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ, рушди иқтисодии кишвар дар сатҳи 8 фоиз таъмин карда шуд.

Дар ин самт зарур аст, ки ба масъалаҳои пешгирӣ кардани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда, ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ, таъсиси ҷойҳои кории нав, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ, тақвияти иқтидори содиротии мамлакат, ташаккули «иқтисоди сабз», суръат бахшидан ба раванди рақамикунонии бахшҳои иқтисодиёт, инкишофи неруи инсонӣ ва беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ диққати аввалиндараҷа дода шавад.

Ҳамин тариқ, Бонки миллӣ вазифадор гардид, ки якҷо бо ташкилотҳои қарзӣ ҷиҳати беҳтар намудани раванди қарздиҳӣ, зиёд намудани ҳаҷми қарздиҳӣ ба ноҳияҳои дурдасти кишвар, тавсеаи фарогирии минтақаҳо ва дастгирии соҳибкорони хурду миёна, бахусус, дар соҳаҳои соҳибкории истеҳсолӣ ва кишоварзӣ чораҳои иловагӣ андешад.

Бори дигар таъкид гардид, ки Бонки миллӣ якҷо бо вазорату идораҳои марбута ҷиҳати рушди низоми пардохт ва ба низоми ғайринақдӣ гузаронидани соҳаҳои савдо ва хизматрасонӣ, бо истифодаи воситаҳои электронии пардохт қабул кардани боҷу андозҳо, ҷаримаҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет тадбирҳои фаврӣ андешад.

Инчунин, Бонки миллӣ бояд якҷо бо ташкилотҳои қарзӣ рушди истифодаи технологияҳои рақамии муосир ва рақамикунонии пурраи амалиёти бонкиро дар кишвар таъмин намоянд.

Дар охири суханронии худ Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои дар сатҳи баланд ҷашн гирифтани 35 – солагии истиқлоли давлатӣ ва иҷрои дастуру супоришҳои Роҳбари давлат, ки аз Паёми навбатӣ бармеоянд, ба вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ супоришҳои мушаххас доданд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки аъзои Ҳукумат, роҳбарони дигар сохтору мақомоти давлатӣ, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо бо истифода аз имконияту захираҳои мавҷуда барои бартараф кардани камбудиву норасоиҳои дар маҷлиси имрӯза зикргардида ва супоришу вазифаҳои гузошташуда масъулияти шахсӣ доранд.

Роҳбари давлат хотирнишон намуданд, ки ҳар яки мо бояд ватандӯсту ватанпараст бошем ва ҳаргиз фаромӯш насозем, ки эҳсоси гарми ватандӯстӣ ва ҳисси баланди миллӣ омили асоситарин ва роҳи муҳимтарини рушди давлат ва ҷомеа мебошад.

НАВИД • РӮЙДОД • АХБОР

АХБОРИ БОНКӢ

Дастовардҳо ва вазифаҳои нави низоми бонкӣ

Гузориш аз ҷаласаи ҷамъбастии фаъолияти низоми бонкӣ дар соли 2022 ва вазифаҳои он барои нимсолаи аввали соли 2023

Бонки миллии Тоҷикистон зимни ҷаласаи ҷамъбастӣ аз фаъолияти низоми бонкӣ дар соли 2022 натиҷагирӣ намуда, вазифаҳои низоми бонкиро барои нимсолаи якуми соли 2023 муқаррар кард. Ҷаласаи мазкур 12 январи соли 2023 бо роҳбарии раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода ва ҳузури ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иқтисодӣ Неъматулло Ҳикматуллозода, муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода, муовинони раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирӯз Шарифзода ва Аличон Салимзода, роҳбарони ташкилотҳои қарзии молиявӣ, Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон, Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон ва Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ доир гардид.

Зимни ифтитоҳи ҷаласа раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода аз дастгирии доимии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба низоми бонкии ҷумҳурӣ изҳори сипоси самимӣ намуда, қайд намуд, ки дар натиҷаи фаъолияти босамар ва андешидани тадбирҳо фаъолияти босуботи низоми бонкӣ дар соли 2022 таъмин гардид. Аз ҷумла, дар натиҷаи устувор нигоҳ доштани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, коҳиш додани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, ба афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноативу кишоварзӣ ва беҳтар гардонидани фазои сармоягузорӣ ва дастгирии соҳибкорӣ мусоидат намуд.

Рушди воқеии маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар 8,0 фоизро ташкил дода, ба 115,7 млрд. сомонӣ баробар шуд. Сатҳи таваррум дар ҳудуди поёнии нишондиҳандаи мақсаднок қарор гирифта, 4,2 фоизро ташкил намуд ва нисбат ба соли қаблӣ 3,8 банди фоизӣ кам шуд. Қурби пули миллӣ дар давоми соли 2022 нисбат ба асъорҳои озод табдилшаванда ва шарикони савдо устувор гардид. Бино ба ҳисобҳои эмпирикӣ дар давоми соли 2022 (моҳи декабр нисбат ба моҳи апрел) устуворшавии қурби расмии пули миллӣ нисбат ба асъорҳои озодтабдилшаванда имкон дод, ки сатҳи таваррум коҳиш дода шавад. Дар давраи ҳисоботӣ, меъёри бозтамвил бо назардошти дар сатҳи ҳадафи муқарраргардида қарор доштани мизони таваррум, аз 1-уми ноябри соли 2022 0,5 банди фоизӣ паст карда шуд ва ба андозаи 13,0 фоизи солона нигоҳ дошта шуд.

Дар ҷаласаи ҷамъбастӣ зикр гардид, ки Бонки миллии Тоҷикистон барои татбиқ намудани сиёсати пулию қарзӣ ва таъмин намудани устувории низоми бонкӣ дар ҳамкорӣ бо ниҳодҳои дигари иқтисодии кишвар аз тамоми тадбирҳои лозимӣ истифода бурда, бо мақсади баланд бардоштани рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар ислоҳоти соҳаи бонкдориро идома дода истодааст.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон ҳангоми суханронӣ бо таъкид ба аҳамияти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии

Тоҷикистон” изҳор дошт, ки татбиқи он ба ворид гардидани сармояи иловагӣ ба низоми молиявӣ, афзоиши маблағгузорӣ дар иқтисодиёти миллӣ, коҳиш ёфтани сатҳи иқтисодиёти ғайрирасмӣ ва беҳтар гардидани мавқеи тавозуни пардохти ҷумҳурӣ мусоидат намуд. Зеро дар натиҷаи амалӣ шудани чораҳои дар ин самт анҷомдодаи Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзии ваколатдор, дар давраи аз 30 августи соли 2021 то 31 декабри соли 2022 дар ҳаҷми беш аз 2,3 млрд. сомонӣ маблағҳо қонунӣ гардонида шуданд.

Дар идомаи ҷаласа, роҳбарони сохторҳои каналидии Бонки миллии Тоҷикистон (директори департаменти назорати бонкӣ Абдуллоев Зафар, сардори идораи суботи молиявӣ Қурбоналиева Нигина, муовини директори департаменти идораи захираҳои байналмилалӣ ва сиёсати қурби асъор Бояков Зиёратшо, директори департаменти мониторинги молиявӣ Мирзоалиев Ҳалим, сардори идораи низоми пардохт Салоҳиддинов Шуҳрат ва сардори идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ Муродалиев Далер) бо рӯнамои муфассали фарогири масоили вазъи низоми бонкӣ, устувории суботи молиявӣ, татбиқи сиёсати асъорӣ, такмили қонунгузорӣ дар самти МҚД/МТ МПСҚО, татбиқи сиёсати самараноки низоми пардохт ва ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми молиявӣ ва бонкӣ дар соли 2022 дар назди ҳозирин суханронӣ намуданд.

Зимни ҷаласаи ҷамъбастӣ ба роҳбарони бонкҳо низ барои муаррифӣ кардани нишондиҳандаҳои асосии худ, аз ҷумла дастовардҳо дар соли ҳисоботӣ имкон фароҳам оварда шуд. Дар рафти муҳокима бо роҳбарони ташкилотҳои қарзии молиявӣ вазъи ичроиши вазифаҳои барои соли 2022 гузошташуда, аз қабили ҷалби амонатҳо, таъмини эътимоднокии аҳолӣ ба низоми бонкӣ, беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасониҳои бонкӣ, пурзӯр намудани низоми назорати дохилӣ ва идоракунии хавфҳо, вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, коҳиш додани ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол, ҳалли масоили амволи дар гарав қарордошта, тадбирҳо бахри ҷалби бештари сармоягузорӣ ва мустаҳкам намудани заминаи сармоявӣ, тадбирҳо ҷиҳати ҳар чи бештар қонунигардонии маблағҳо бо мақсади ичрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва татбиқи “Стратегияи рушди фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ барои солҳои 2022-2026” мавриди муҳокима қарор дода шуд.

Дар ҷаласа ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иқтисодӣ Неъматулло Ҳикматуллозода ҳангоми суханронӣ аз фаъолияти устувори низоми бонкӣ дар давраи ҳисоботӣ истиқбол намуд. Зикр карда шуд, ки дар натиҷаи фаъолияти низоми бонкӣ сатҳи начандон баланди таваррум ва устувории қурби пулли миллӣ нигоҳ дошта шуда, ҳаҷми пасандозҳо зиёд гардидаанд ва ҳиссаи қарзҳои батаъхирафтода коҳиш ёфтаанд:

- Аз ҳисоботу таҳлилҳои матраҳгардида муайян гардид, ки дар соли 2022, бо вуҷуди мушкилиҳои ҷойдошта ва таъсири омилҳои беруна, аз ҷумла буҳронҳои иқтисодиву сиёсӣ дар ҷаҳони имрӯза, низоъҳои минтақавӣ, таҳримҳои иқтисодиву тиҷоратӣ, болоравии бесобиқаи нархҳои ҷаҳонии молу маҳсулоти гуногун, инчунин, паҳншавии беморихои сироятӣ ва бинобар ин сабабҳо – ҷорӣ шудани баъзе маҳдудиятҳо дар фаъолияти иқтисодию молиявӣ ва савдои беруна, аз ҷониби низоми бонкӣ фаъолияти ҳадафманду натиҷабахш ба роҳ монда шуд.

Неъматулло Ҳикматуллозода аз ҷумла қайд намуд, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ бо ибтикору дастгирии бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хотири таҳкими низоми бонкии кишвар чораҳои назаррас андешида шуда, татбиқ намудани тадбирҳои дахлдори соҳа идома доранд. Дар робита ба ин, дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ масъалаи таъмини саривақтии талаботи иқтисодиёт ба маблағгузорӣ, хусусан, қарздиҳӣ, ки бояд ҳамеша дар меҳвари фаъ-

олияти низоми молия ва бонкҳои кишвар қарор дошта бошад, махсусан таъкид гардид. Зеро ҳар қадар, ки

аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ба аҳолӣ ва субъектҳои хоҷагидор қарзҳои дастрас зиёд пешниҳод карда шаванд, суръати рушди соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ ҳамон қадар баланд мегардад. Бинобар ин, зарурати боз ҳам беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои бонкӣ, ҷорӣ кардани хизматрасониҳои нави муосир, хубтар намудани нишондиҳандаҳои молиявӣ, ҷалб намудани сармояи дохиливу хориҷӣ, зиёд кардани ҳаҷми қарздиҳӣ ба соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт, аз ҷумла ба бахшҳои истеҳсолӣ, паст кардани фоизи қарзҳо ва андешидани тадбирҳо барои ҳавасмандгардонии амонатгузорону пасандозгузорон бори дигар таъкид шуд.

Зимни натиҷагирӣ аз фаъолияти низоми бонкӣ, раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода аз ташкилотҳои қарзии кишвар даъват ба амал овард, ки таъмини татбиқи босамари "Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026" ва иҷроиши саривақтии "Стратегияи рушди фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ барои солҳои 2022-2026"-ро дар авлавияти фаъолияти худ қарор диҳанд ва дар сиёсати қарздиҳии худ барои бо қарзҳо таъмин намудани соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, бахусус соҳибкории хурду миёна ва истеҳсолоти ватанӣ, ки барои бунёд намудани ҷойҳои нави корӣ замина мегузоранд, аҳамияти ҷиддӣ диҳанд.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода ҳамчунин хостори он шуд, ки ташкилотҳои қарзӣ барои пурзӯр намудани низоми назорати дохилӣ ва идоракунии хавфҳо, таъмини амнияти иттилоотӣ ва шаффофият дар фаъолият, роҳ надодан ба эҷоди монеаҳои сунъӣ дар самти амалиёти мубодилавӣ ва саривақт қонеъ кардани дархости муштариён бо асъори хориҷӣ, иҷроиши саривақтии талаботи дастурамалҳо ва дастурҳои Бонки миллии Тоҷикистон дар самти амалиёти асъорӣ, зиёд намудани ҳиссаи дороиҳои даромаднок, баланд бардоштани тахассусияти кормандон, баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ тадбирҳои таъхирнопазир андешанд. Ҳамзамон, барои тавсеаи инфрасохтори пардохти ғайринақдӣ ва ташкили равзанаи ягонаи пардохти тамоми хизматрасониҳои давлатӣ дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор, таъмини дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои пардохтӣ дар тамоми манотиқи ҷумҳурӣ, хусусан дар ноҳияҳои дурдаст бо андешидани тадбирҳои муҳим кор кунанд. Иҷро намудани вазифаҳои зикршуда аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ, барои боз ҳам дастёбӣ ба натиҷаҳои мусбату беҳтари низоми бонкӣ боис хоҳад шуд.

ҶАМЪБАСТИ ФАЪОЛИЯТИ НИЗОМИ СУҒУРТАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2022

10 январи соли 2023 дар Бонки миллии Тоҷикистон аз фаъолияти низоми суғуртаи кишвар дар соли 2022 натиҷагирӣ карда шуд. Ҷаласаи мазкур бо роҳбарии муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода ва иштироки роҳбарони ташкилотҳои суғуртавӣ, Ассотсиатсияи миллии ташкилотҳои суғуртавии Тоҷикистон ва роҳбарони сохторҳои масъул баргузор гардид. Зимни ҷаласа аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавии кишвар риояи санадҳои танзимкунандаи соҳа, ҷобаҷогузории дороиҳо тибқи муқаррарот, татбиқи стандартҳои байналми-

лалии ҳисоботи молиявӣ (МСФО), амалисозии фаъолияти таблиғотӣ, ичрои принсипҳои асосии суғурта дар бозори суғурта, тақвият бахшидани танзиму назорат, идоракунии корпоративӣ, аудити беруна ва дигар масъалаҳои муҳимми соҳа мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Зикр карда шуд, ки бо вуҷуди маҳдудиятҳои иқтисодии бо вазъи геосиёсӣ алоқаманд, дар натиҷаи андешидани чораҳои саривақтӣ аз ҷониби Ҳукумати мамлакат ҷиҳати коҳиш додани таъсири манфии ин омилҳо, нишондиҳандаҳои асосии иқтисодиёт, аз он ҷумла низоми суғурта мусбат арзёбӣ гардид.

Муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода зимни суханронӣ аз таваҷҷуҳи Роҳбари Олии мамлакат ба рушди бозори суғурта ва дастуру роҳнамоиҳои мушаххас ҷиҳати ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани соҳа бори дигар хотиррасон шуд. Аз ҷумла, қабули "Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026" ва пешбинӣ гардидани як қатор ҳадафҳои мушаххас дар бахши суғурта, аз ҷумла рақамикунонии хизматрасониҳои суғуртавӣ, ворид намудани тағйироти дахлдор ба санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи соҳа, бартараф намудани инҳисор ва фароҳам овардани заминаи ҳуқуқӣ ҷиҳати дар амал татбиқ намудани суғуртаи исломӣ (такаффул) аз он шаҳодат медиҳанд.

Ҳамзамон, дар рафти суханронӣ аз қабули як қатор санадҳои нави танзимкунанда аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон, ки дар заминаи ичрои талаботи қонунгузории соҳа таҳия гардидааст, қайд карда шуд. Бо ин мақсад дар соли 2022 бо қарорҳои Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон "Талабот ба услуби баҳисобгирии тарифҳои суғуртавӣ" ва "Талабот ба мазмуни шартнома ва санади қабулу интиқоли портфели суғуртавӣ" таҳия ва тасдиқ гардиданд.

Дар баробари ин, дар давраи ҷамъбастӣ аз ҷониби мақоми танзимгар таҳлили молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ дар асоси принсипҳои асосии суғурта анҷом дода шуд ва дар робита ба ин, бо мақсади таъмини шаффофият ва эътимоднокии амалиётҳо барои ташкилотҳои суғуртавӣ шакли нави автоматикунонидашудаи ҳисоботҳои молиявӣ аз рӯи стандартҳои байналмилалӣ таҳия гардида, соли ҷорӣ мавриди амал қарор мегирад.

Муовини якуми раиси БМТ Фирдавс Толибзода зикр намуд, ки Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи ваколатҳои худ барои пешрафт ва расидан ба ҳадафҳои гузошташуда дар соҳаи суғурта тадбирҳои саривақтӣ ва самаранок андешида истодааст. Дар ин раванд, Ассотсиатсияи миллии ташкилотҳои суғуртавии Тоҷикистон ва ташкилотҳои суғуртавиро зарур аст, ки бахри расидан ба ҳадафҳои стратегӣ тадбирҳои заруриро роҳандозӣ намоянд.

Дар идомаи ҷаласа "Вазъи бозори суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022" аз ҷониби сардори идораи назорати суғуртавии Бонки миллӣ Ҳусейнова Дилбар ба таври муфассал шарҳу тавзеҳ дода шуд. Таваҷҷуҳи ҳозирин ба дороиҳои низоми суғурта, дороиҳои пардохтпазири низоми суғурта дар соли ҷамъбастӣ, ки баланд арзёбӣ шуда ба 82,9 фоиз баробар шуд, ҷалб карда шуд. Дар маҷмуъ, дар соли ҳисоботӣ тибқи маълумотҳои фаврӣ саҳми дороиҳои низоми суғурта дар таркиби дороиҳои умумии низоми молиявӣ 2,1 фоизро ташкил дода, нисбат ба ММД 0,6 фоиз баробар шуд. Сармояи худӣ дар соли 2022 ба андозаи 20,6 фоиз афзоиш ёфта, сармояи оинномавӣ бошад, 18,6 фоиз зиёд шуд.

Дар зимн, ташкилотҳои суғуртавӣ ва Ассотсиатсияи миллии ташкилотҳои суғуртавии Тоҷикистон дар мавриди суғуртаи фосилавӣ бо истифода аз барномаҳои махсус, тақвият бахшидани таблиғоту ташвиқот дар байни аҳолӣ ва тавсеаи ҳамкориҳои ташкилотҳои суғуртавӣ бо ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар самти суғуртакунонии маҳсулоти бонкӣ ибрози назар карданд.

Дар ҷамъбасти ҷаласа ташкилотҳои суғуртавӣ барои васеъ кардани доираи фаъолият дар манотиқи ҷумҳурӣ ба василаи таъсиси намояндагиҳо, ба роҳ мондани хизматрасониҳои нав, тақвият бахшидани робита бо ҷомеа дар самти маърифати суғуртавӣ сода ва шаффоф анҷом додани пардохтҳои суғуртавӣ муваззаф гардиданд.

МУЛОҚОТИ РАИСИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БО РАИСИ БОНКИ МАРКАЗИИ ҶУМҲУРИИ ОЗАРБОЙҶОН

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло бо раиси Бонки марказии Ҷумҳурии Озарбойҷон Казимов Талеҳ Таҳир 27 феврали соли 2023 дар Душанбе мулоқот анҷом дода, ҷонибҳо масоили густариши ҳамкориҳои судмандро дар масири нави тарафайн баррасӣ намуданд.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Озарбойҷонро дар самтҳои гуногун, манфиатҳои миллии ду кишвари бо ҳам дӯст ва бародар арзёбӣ намуд.

Дар идома ҳамкасбон аз Ҷумҳурии Озарбойҷон бо дастовардҳои низоми бонкии Тоҷикистон, аз ҷумла устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ новобаста аз омилҳои берунӣ, муътадилии сатҳи таваррум, сиёсати босамари пулию қарзӣ ва асъорӣ, фаъолияти босуботи низоми бонкӣ, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноативу кишоварзӣ, фазои мусоиди сармоягузорӣ ва дастгирии соҳибкорӣ, дар маҷмуъ таъмини рушди иқтисоди миллӣ шинос карда шуданд.

“Маҳз бо шарофати шарики стратегӣ қарор доштани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Озарбойҷон равобити рушди устувори иқтисодӣ таъмин гардида, самтҳои афзалиятноки ҳамкории байни бонкҳои ду кишвар муайян гардидаанд”, -таъкид дошт Ҳоким Холиқзода зимни мулоқот.

Раиси Бонки марказии Ҷумҳурии Озарбойҷон Казимов Талеҳ Таҳир низ аз дастовардҳои Бонки марказии Озарбойҷон, ки ба вазъи геосиёсии ҷаҳон ва афзудани таҳримҳои иқтисодиву тиҷоратӣ нигоҳ накарда, тавонист соли 2022-ро бо натиҷаҳои назаррас ҷамъбаст намояд, маълумот дод. Ҷаноби Талеҳ Таҳир аз раванди татбиқи ислоҳоти куллӣ дар низоми бонкии Озарбойҷон махсус таъкид намуда, пиёда кардани як қатор барномаҳо ва стратегияҳои навро дар ин раванд муҳим хонд. Зикр карда шуд, ки бо ин мақсад аз ҷониби Бонки марказии Озарбойҷон “Стратегияи рақобатпазирии иқтисодии кишвар барои то соли 2025”, “Стратегияи рушди хизматрасониҳои молиявии рақамӣ, “Барномаи дастгирии соҳибкории хурд ва миёна” ва “Рейтинги рақобатпазирии бонкҳо” таҳия шудаанд ва дар ояндаи наздик мавриди амал қарор хоҳанд гирифт.

Аз ин рӯ, раиси Бонки марказии Озарбойҷон Казимов Талеҳ Таҳир омодагии хешро ҷиҳати табодули таҷрибаи мутахассисони бонкии ду кишвар баён намуд, ки барои ба роҳ мондани ҳамкории судманди ҷонибҳо мусоидат хоҳад кард.

Ҳамзамон, роҳбарони бонкҳои марказии ду кишвар нияти ба имзо расонидани Ёддошти тафоҳумро барои ҳамкории байни Бонки миллии Тоҷикистон ва Бонки марказии Ҷумҳурии Озарбойҷон дар ояндаи наздик иброз доштанд.

Мулоқоти ҳамтоёни бонкҳои марказии Тоҷикистон ва Озарбойҷон дар фазои ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳусни тафоҳум доир гардид, ки барои таҳкими ҳамкориҳои минбаъдаи низоми бонкии ҳарду кишвар заминаи устувор хоҳад гузошт.

ДУ САНАДИ НАВИ ҲАМКОРӢ БАЙНИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ВА БОНКИ МАРКАЗИИ ҶУМҲУРИИ ОЗАРБОЙҶОН

Дар ҳошияи сафари Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Илҳом Алиев, ки рӯзҳои 5-6 апрел сурат гирифт, пас аз анҷоми мулоқоту музокироти сатҳи олии Тоҷикистону Озарбойҷон маросими имзои санадҳои нави ҳамкорӣ баргузор шуд.

Дар баробари санадҳои ҳамкории ду кишвар дар самтҳои геодезия, харитасозӣ, заминсозӣ, ҳифзи ҳуқуқ, хадамоти гумрук, кишоварзӣ, муносибатҳои дипломатӣ, фарҳанг, сармоягузорӣ, сайёҳӣ, содирот, савдо ва саноат, инчунин Бонки миллии Тоҷикистон бо ҳамтоёни худ аз Ҷумҳурии Озарбойҷон ду Ёддошти тафоҳумро ба имзо расонид.

Аз ҷумла Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ байни Бонки миллии Тоҷикистон ва Бонки марказии Ҷумҳурии Озарбойҷон аз ҷониби раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло ва раиси Бонки марказии Ҷумҳурии Озарбойҷон Казимов Талеҳ Таҳир ба имзо расонида шуд.

- Ёддошти тафоҳум байни Департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон ва Хадамоти мониторинги молиявии Ҷумҳурии Озарбойҷон оид ба хамкорӣ дар соҳаи мубодилаи иттилооти кашшофии молиявӣ вобаста ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, ҷиноятҳои асосӣ (предикатӣ) ва маблағгузории терроризм дуюм санаде мебошад, ки дар доираи сафари Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон ба Тоҷикистон бо Бонки миллии Тоҷикистон баста шуд.

Дар доираи мулоқоту музокирот, ҳамзамон байни ду кишвари дуст “Барномаи чорабиниҳо оид ба ҳамкории иқтисодӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Озарбойҷон то соли 2025” ба имзо расонида шуд.

Дар ҷараёни мулоқоту музокироти хосса ва бо иштироки ҳайатҳои расмӣ, президентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Озарбойҷон дар фазои дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ тамоми ҷанбаҳои муносибатҳои байнидавлатии ду кишварро баррасӣ намуда, атрофи масъалаҳои мубрами рӯзномаи байналмилалӣ ва минтақавӣ табодули афкор карданд.

www.president.tj

ҲАМКОРИИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БО ДАФТАРИ ШВЕЙТСАРИЯ ОИД БА ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДӢ

Дар мулоқоти муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс Назримад бо ҷаноби Рето Вайерманн, мудири барномаи макроиқтисодии Дафтари Швейтсария оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ (SECO) ва хонум Малика Иброҳимова, корманди асосии барномаи рушди иқтисодии SECO дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 3 феврали соли 2023 дар Бонки миллии Тоҷикистон баргузор гардид, самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои дуҷониба бо ташкилоти мазкур мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода дар ибтидо аз ҳамкориҳои самарабахши Дафтари Швейтсария оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ (SECO) бо Бонки миллии Тоҷикистон изҳори қаноатмандӣ намуда, ба роҳбарияти ташкилоти мазкур ҷиҳати роҳандозии ҳамкориҳои техникӣ ва машвератӣ, ки барои таҳвияти устувории бахши молиявӣ, рушди низоми пардохт, ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва такмили санадҳои меъёрӣ мусоидат мекунад, арзи сипос намуд.

Зимнан натиҷаҳои бадастоварда дар доираи марҳилаи якуми барнома оид ба таҳкими бахши молиявӣ, аз ҷумла дар самтҳои таҳкими суботи молиявӣ, воситаҳои коҳиш додани қарзҳои ғайрифаъол ва масъалаҳои андозбандии онҳо, рушди идоракунии корпоративӣ, рушди низоми пардохт ва ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Мудири барномаи макроиқтисодии SECO ҷаноби Рето Вайерман зимни сухаронӣ аз раванди муваффақонаи амалишавии марҳилаи якуми барнома изҳори хушнудӣ кард.

Ҷонибҳо аз ҷараёни амалишавии минбаъдаи марҳилаи якуми барнома ва имкони кумаки техникӣ дар доираи марҳилаи дуюми барнома оид ба таҳкими бахши молиявӣ изҳори назар намуданд.

Дар доираи мулоқот аз ҷониби воҳидҳои сохторӣ рӯнамо аз ҷараёни амалишавии марҳилаи якуми барнома, аз ҷумла дар самти таҳкими низоми бонкии кишвар, мукаммалсозии идоракунии корпоративӣ ва идорасозии хавфҳо дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ, таҳвияти иқтидори назорат аз рӯи фаъолияти низомҳои пардохтӣ, баланд бардоштани сатҳи масъулиятнокии ташкилотҳои қарзии молиявӣ нисбати хизматрасонии молиявӣ ба истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ манзур гардонида шуд.

Дар фаровард, ҳайати Дафтари Швейтсария оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ аз рафти ичрои Барномаи таҳкими бахши молиявии Тоҷикистон, ки дар якҷоягӣ бо Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ ва Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ татбиқ мегардад, бо қаноатмандӣ изҳор намуданд, ки минбаъд низ ҳамкории босамарро бо низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва махсус бо Бонки миллии Тоҷикистон идома хоҳанд дод.

Нишасти матбуотӣ оид ба натиҷаи фаъолият дар соли 2022

15 феврали соли 2023 дар Бонки миллии Тоҷикистон таҳти роҳбарии раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло нишасти матбуотӣ оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон ва низоми бонкии кишвар дар соли 2022 бо иштироки намояндагони воситаҳои ахбори омма доир гардид. Нишасти матбуотӣ тибқи амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 сентябри соли 2011, таҳти №АП-1729 дар асоси Нақшаи ташкил ва гузаронидани нишастҳои матбуотӣ дар вазорату идораҳо оид ба натиҷаҳои ҷамъбасти фаъолият дар соли 2022 баргузор шуд.

Аз ҷамъбасти фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон ва дар умум низоми бонкии кишвар раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода ҳисобот дод. Зикр гардид, ки Бонки миллии Тоҷикистон дар асоси дастуру супориш ва дастгирии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон танзиму назорати низоми бонкӣ ва сиёсати пулию қарзиро ба роҳ монда, бо таъмини устувории низоми бонкӣ ва нигоҳдории сатҳи таваррум дар рушди иқтисоди миллӣ саҳмгузор мебошад.

> **Бонки миллии Тоҷикистон минбаъд низ фаъолияти худро дар роҳи татбиқи самарабахши сиёсати пулию қарзӣ, танзиму назорати низоми бонкӣ, рушди иқтисоди рақамӣ, таъмини суботӣ молиявӣ, таъмини фарогирӣ ва баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои миллӣ идома хоҳад дод.**

Дар нишасти матбуотӣ намояндагони воситаҳои ах-

бори омма ба иҷрои дастуру супоришҳо аз Паёми Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти сиёсати пулию қарзӣ, нигоҳ доштани устувории қурби пули миллӣ, баланд бардоштани қобилияти пардохти низоми бонкӣ, сатҳи таваррум, рушди иқтисодиёти рақамӣ, инчунин таъмин намудани фаъолияти самараноки низоми пардохтҳо, таъмини саривақтии талаботи иқтисодиёт ба маблағгузорӣ ва махсус паст кардани фоизи қарзҳо таваҷҷуҳ зоҳир намуданд. Ҳамзамон, рӯзноманигорон оид ба масъалаи сифати хизматрасониҳо, пешниҳоди қарзҳои дастрас ва дарозмуҳлат, тағйири меъёри бозтамвил, рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, баланд бардоштани маърифати молиявӣ ва амсоли инҳо саволгузорӣ карданд ва посуҳҳои мушаххас дарёфт намуданд.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода аз таваҷҷуҳи воситаҳои ахбори омма ба низоми бонкӣ истиқбол карда, барои ҳамкорӣ ва инъикоси доимии масъалаҳои низоми бонкӣ аз ҷониби ВАО изҳори сипос намуд. “Бонки миллии Тоҷикистон минбаъд низ фаъолияти худро дар роҳи татбиқи самарабахши сиёсати пулию қарзӣ, танзиму назорати низоми бонкӣ, рушди иқтисоди рақамӣ, таъмини суботӣ молиявӣ, таъмини фарогирӣ ва баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои миллӣ идома хоҳад дод”, - гуфт дар ҷамъбаст раиси Бонки миллии Тоҷикистон.

(Суратгузориш аз рафти нишасти матбуотӣ)

ТАШРИФИ РАСМИИ ҲАЙАТИ ДЕПАРТАМЕНТИ ҲУҚУҚИИ ХАЗИНАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АСЪОР БА ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Рӯзҳои 6 то 10-уми февраля соли 2023 ташрифи расмии ҳайати департаменти ҳуқуқии Хазинаи байналмилалии асъор (ХБА) бо мақсади мукаммал намудани низоми қонунгузории кишвар дар самти муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом (МҚД/МТ/МПСҚО) сурат гирифт.

Дар доираи кӯмаки техникии ХБА коршиносони байналмилалӣ якҷо бо мақомоти марбутаи кишвар ҷиҳати иҷроиши бандҳои дахлдори Нақшаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рафъи камбудиҳои мутобиқати техникӣ ва баланд бардоштани самаранокии низоми МҚД/МТ/МПСҚО корбарӣ намуда истодаанд.

Бо дастгирии коршиносони зикршуда лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом” дар таҳрири нав таҳия шуда, санаи 18 январи соли 2023 дар ҷаласаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ ва қабул гардид.

Дар назар дошта шудааст, ки пас аз мавриди амал қарор гирифтани қонуни болозикр, тағйироту иловаҳо дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишвар бояд ворид карда шаванд.

Бо ин мақсад, дар Бонки миллии Тоҷикистон коршиносони ХБА бо иштироки намояндагони сохторҳои дахлдори бонк ва мақомоти дахлдори кишвар аз қабили вазоратҳои адлия, молия, корҳои хориҷӣ ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор вохӯриҳо анҷом доданд.

Дар ҷараёни вохӯриҳо коршиносони байналмилалӣ бо намояндагони вазорату идораҳои кишвар дар баробари такмили қонунгузорӣ, масъалаи пурзӯр намудани назорати самти МҚД/МТ/МПСҚО дар ҷумҳурӣ, инчунин риояи талаботу тавсияҳои Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявӣ (ФАТФ) мавриди муҳокимаронӣ қарор дода шуданд.

Ҳамзамон бо ин, дар доираи ин кумаки техникӣ баҳодиҳии хавфҳои қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм (ҚД/МТ) дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва суғуртавии кишвар амалӣ шуда истодааст. Барои муайян намудани хавфҳои ҚД/МТ дар ин самт, инчунин хавфҳои ошкоршуда дар ниҳодҳои зикршуда ва ё таҳдидҳои арзёбишудаи ҚД/МТ якҷо бо намояндагони мақомоти назоратӣ ва ҳифзи ҳуқуқ баррасӣ карда шуданд.

То анҷомёбии кумаки техникии ХБА табодули маълумот ва мувофиқанамоии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти МҚД/МТ/МПСҚО идома меёбад.

Департаменти
мониторинги молиявӣ

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар Анҷумани аввалини сармоягузорӣ ва рушди Тоҷикистон дар Лондон муаррифӣ намуд

28-29 марти соли 2023 дар шаҳри Лондони Британияи Кабир бо ибтикори Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Подшоҳии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ ва бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Анҷумани сармоягузорӣ ва рушди Тоҷикистон доир гардид.

Низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар Анҷумани нахустини сармоягузорӣ ва рушди Тоҷикистон раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло муаррифӣ намуд.

Дар кори ин Анҷуман, ки дар таърихи равобити дуҷонибаи Тоҷикистону Британияи Кабир бори аввал барпо шуд, доираи васеи ширкаткунандагон аз зумраи роҳбарону масъулини вазорату идораҳои давлатии кишвар, соҳибкорону сармоягузорон, роҳбарият ва намояндагони ширкату корхонаҳои бонуфузи ҷаҳон – дар маҷмуъ зиёда аз 250 нафар, иштирок намуданд.

Анҷумани сармоягузорӣ ва рушди Тоҷикистон бо мақсади таҳкиму густариши

ҳамкориҳои тиҷоратию сармоягузорӣ ба тариқи муколамаи озод байни мақомоти давлатӣ, низоми бонкӣ ва соҳибкорону сармоягузорон ва дар ин замина дарёфти роҳҳои нави амалӣ дар самти муносибатҳои тиҷоратию сармоягузорӣ ва ҳамкориҳои минбаъдаи муштарак баргузор карда шуд.

Дар ҳошияи Анҷуман ҷиҳати муаррифии низоми бонкии кишвар ва имкониятҳои сармоягузорӣ ба ин бахши иқтисодиёт раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло бо рӯнамо дар мавзуъҳои “Рақамикунонии бахши молия ва ҷорикунии технологияҳои нави молиявӣ дар Тоҷикистон” ва “Имкониятҳои сармоягузорӣ ҳамчун омили рушди Тоҷикистон” баромад намуд.

Зикр карда шуд, ки айни замон гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ яке аз ҷанбаҳои муҳимми баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳои давлатӣ ва тавсеаи фаъолияти бахши хусусӣ маҳсуб ёфта, Бонки миллии Тоҷикистон ба ҳайси танзимгари низом дар рушди технологияҳои рақамии молиявии кишвар нақши муассир дорад.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло зимни муаррифии низоми бонкӣ бо мақсади ба роҳ мондани ҳамкорӣ ва ҷиҳати эҳтимолияти оғоз намудани сармоягузорӣ ба низоми бонкӣ, аз ҷониби сармоядорони Британияи Кабир даъват ба амал овард, ки низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди омӯзиш қарор диҳанд. Зеро Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми имконият ва фазои мусоиди сармоягузориро бо пешниҳоди кафолатҳои давлатӣ барои сармоягузориҳои хориҷӣ фароҳам овардааст.

Дар Анҷумани сармоягузорӣ ва рушди Тоҷикистон дар Лондон бо мақсади роҳандозии ҳамкорӣ ва дарёфти имкониятҳои ба роҳ мондани муносибатҳои муросилотӣ роҳбарони КВД БА ҶТ “Амонатбонк”, ҶСК “Ориёнбонк”, ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон", ҶСП "Бонки байналмилалии

Тоҷикистон", ҶСП “Спитамен Бонк” ва ҶСП Бонки “Арванд” низ ширкат варзиданд.

Дар ҷараёни вохӯриҳо бо бонкҳои ICBC Standard Bank Plc ва Citibank UK ҳайати низоми бонкии кишвар дар мавриди ҳарчи зудтар вусъат додани муносибатҳои муросилотӣ байни бонкҳои тиҷоратии тарафҳо, изҳори омодагӣ намуданд.

Дар доираи Анҷумани мазкур масъулини КВД БА ҶТ “Амонатбонк”, ҶСК “Ориёнбонк”, ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" ва ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" бо ширкати International Compliance Association (ICA) баҳри баланд бардоштани тахассусияти кормандони низоми комплеанс Ёддошти тафоҳум ба имзо расониданд. Ҳамзамон, ҶСП Бонки “Арванд” бо Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ (IFC) барои ҷалби кумаки техникӣ Созишнома бастанд.

Дар ҳошияи ҳамоиши номбурда дар барои намоиши молу маҳсулоти бахшҳои саноат, истихроҷ, кишоварзӣ, сайёҳӣ, аз ҷумла намоиши хизматрасониҳои бонкии кишвар низ муаррифӣ гардиданд.

Мавриди зикр аст, ки бо назардошти вазъи имрӯзаи иқтисодии ҷаҳон ва минтақа баргузор намудани Анҷумани сармоягузорӣ ва рушди Тоҷикистон дар Лондон иқдоми саривақтӣ буда, ҷиҳати ҷалби бештари сармояву фанновариҳои муосир дар оянда ва таҳкими ҳамкориҳои дуҷонибаи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Британияи Кабир заминаи устувор хоҳад гузошт.

Бояд қайд кард, ки ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар Анҷумани сармоягузорӣ ва рушди Тоҷикистон вазорату идораҳои масъули соҳа, аз ҷумла Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Вазорати кишоварзӣ, Вазорати энергетика ва захираҳои об, Вазорати саноат ва технологияҳои нав, Вазорати корҳои хоричӣ, Вазорати нақлиёт, Вазорати молия, Бонки миллии Тоҷикистон ва як қатор бонкҳои кишвар ва ниҳодҳои соҳавӣ муаррифӣ намуданд.


Banking sector performance - structure
Number of Credit Financial Institutions
63
64
27
26
4
3
18
19
1
1
1
13
14
2021
2022
Banks
NBCO
Islamic banks
MCDO
MCO
MCF
Assets, Liabilities and Equity bln. (TJS)
Assets
Equity
Liabilities
22,4
22,4
17,3
5,1
30,0
30,0
23,7
6,3
Assets
Liabilities and Equity
Assets
Liabilities and Equity
2021
2022
Non - Performing Loans (bln. TJS and %)
3,0
35,8
1,6
12,0
10,8
100% covered funds
2017
2022
NPL (bln. TJS)
NPL (%)
Net NPL (%)


Banking sector performance - financial stability indicators
Capital Adequacy Ratio (%)
22,9
22,1
19,9
18,2
23,4
25,3
3,6
3,4
3,6
4,3
4,1
4,8
Min 12%
2017
2018
2019
2020
2021
2022
Regulatory Capital (bln. TJS)
K 1-1 (%)
Liquidity Ratio (%)
73,8
72,3
67,4
70,5
87,7
94,9
6,0
8,4
6,4
8,5
5,9
8,8
7,6
10,8
6,9
7,8
12,7
13,3
Min30%
2017
2018
2019
2020
2021
2022
Liquid Assets (bln. TJS)
Short Term-liabilities (bln.TJS)
Liquidity Ratio (%)


Banking sector performance - profitability
Banking Sector Profitability – Profit, ROA/ROE
Weight average interest rate
ROA
3,9%
Profit
1,2 bln.
somoni
ROE
18,7%
On loans
% 23,3
% 12,0
in NCY
in FCY
On deposits
% 10,4
% 4,2


PAYMENT SYSTEMS DEVELOPMENT - DEMAND FOR E-SERVICES
Digital payment tools, mln.
1,8x growth
1,6
1,7
1,8
2,1
2,8
3,5
5,1
0,24
0,35
1,71
3,53
6,33
2016 2017 2018 2019 2020 2021 2022
banking payment cards
e-wallets
Digital transactions (e-wallets), mln. TJS
2x growth
278,9
387,6
509,7
871,9
1 935,2
3 694,7
6 858,7
7 941,0
9 957,4
11 830,1
21 138,4
33 373,8
8 165,0
60 051,2
2016 2017 2018 2019 2020 2021 2022
Cash withdrawals
Payment infrastructure
1,6x growth
1 755
1 944
3 014
3 535
5 266
3 030
3 872
799
700
685
678
878
1 285
1 412
1 724
17 433
2016 2017 2018 2019 2020 2021 2022
ATM
POS

ДЕДОЛЛАРИКУНОНӢ - ҶАНБАИ МУҲИММИ ТАЪМИНИ СУБОТИ МОЛИЯВӢ

Яке аз роҳҳои таъмини суботи молиявӣ, коҳиш додани осебпазирии низоми молиявӣ аз тағйирёбии қурби асъор ва пешбурди сиёсати самараноки монетарӣ ин дедолларикунонии иқтисодиёт ва баланд бардоштани эътимод ба пули миллӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин асно, бо мақсади васеъ намудани истифодаи пули миллӣ ва дедолларикунонии бахши молиявӣ аксари бонкҳои марказӣ маҷмуи чораҳои заруриро дар самти ғайриҷолибнок намудани амалиётҳо бо асъори хориҷӣ дар қаламрави кишварашон татбиқ менамоянд. Бонки миллии Тоҷикистон низ дар пешбурди сиёсати дедолларикунонӣ солҳои охир якчанд воситаю механизмҳои натиҷабахшро роҳандозӣ намуд, ки онҳо қобили таваҷҷуҳ мебошанд.

Қурбоналиева Нигина,
иқтисодчӣ

▼ ШАКЛ, ОМИЛҲО, МОНЕАҲОИ БАВУҶУДОРАНДАИ ДОЛЛАРИКУНОНӢ ВА ТАДБИРҲО БАР МУҚОБИЛИ ОН

Мафҳуми долларикунонӣ дар адабиётҳои муосир ҳамчун падидаи бартарият ё пурра дар гардиш будани асъори хориҷӣ вобаста ба афзалият донистани он нисбат ба пули миллӣ шарҳ дода шудааст. Ба ибораи дигар, асъори хориҷӣ вазифаҳои пул - воситаи муомилот, пардохт, пасандоз ва ченаки арзишро дар иқтисодиёти дохили кишвар ба таври пурра ё васеъ ичро менамояд. Ба ин василаи тавзеҳоти классикии пул, дар мавриди мутаносибан долларикунонии пардохтҳо, молиявӣ ва воқеӣ[1] ҷой дорад. Ҳамзамон, долларикунонӣ дар шакли расмӣ, қисман расмӣ ва ғайрирасмӣ ва аз рӯи фарогирии иқтисодӣ дар шакли пурра ё қисман зоҳир мегардад.

Дар кишварҳо ва минтақаи ҷаҳон ба монанди Панама, Эквадор, Салвадор, Тимори Шарқӣ, Зимбабве ва ғайра долларикунонии расмӣ вобаста ба хусусиятҳои хоси сиёсию иқтисодӣ мавҷуд мебошад. Инчунин, долларикунонии қисман расмӣ дар кишварҳои Багама, Бутан, Бруней, Гаити, Камбоҷиа, Намибия ва ғайра ҷой дорад. Сатҳи ниҳоят баланди долларикунии қисман расмӣ ё ғайрирасмӣ бештар ба кишварҳои иқтисодиёташон рӯ ба гузариш хос буда, ин зуҳурот бештар дар давлатҳои Америкаи Лотинӣ ва собиқ

[1] 1. Долларикунонии пардохтҳо - истифодаи асъори хориҷӣ ҳамчун воситаи пардохт;

2. Долларикунонии молиявӣ – аз ҷониби резидентҳои кишвар нигоҳ доштани дороиҳои молиявӣ бо асъори хориҷӣ;

3. Долларикунонии воқеӣ — муқаррар гардидани нарҳҳои дохилӣ ва/ё музди меҳнат бо асъори хориҷӣ (Heysen, 2005)

Иттиҳоди Шуравӣ бараъло ба чашм мерасад.

Сабабҳои сатҳи баланди долларикунонӣ мухталиф буда, аксари онҳо аз таърихан ҷой доштани сатҳи баланди таваррум ва лаппишнокии аз эътидол зиёди қурби асъор, инчунин сатҳи пасти истеҳсолоти дохилӣ, касри идомаёбандаи тавозуни савдо ва дигар омилҳо вобаста мебошанд. Тавре дида мешавад, номуайяниҳо ва ноустувориҳои макроиқтисодӣ омилҳои асосии сатҳи баланди долларикунонӣ дар ин кишварҳо ба ҳисоб мераванд. Дар баробари ин, рушд наёфтани бозорҳои молиявӣ ва маҳдуд будани олатҳо (инструментҳо)-и молиявии ҷойгиркунии маблағҳо бо пули миллӣ боиси ин падида дар иқтисодиёт гардидааст. Илова бар ин, хусусиятҳои хоси иқтисодӣ, аз қабили кушодагию хурди иқтисодиёт, дараҷаи ҳассосияти иқтисодиёт ба омилҳои берунӣ, гардиши сармоя, вуруди интиқолҳои пулӣ аз омилҳои мусоидаткунандаи сатҳи баланди долларикунӣ дар бархе кишварҳо дониста шудааст.

▼ САТҲИ БАЛАНДИ ДОЛЛАРИКУНОНӢ - САБАБГОРИ КОСТА ГАРДИДАНИ СУБОТИ МОЛИЯВӢ

Сатҳи баланди долларикунонӣ бо зуҳуроти шакли алоҳида ва/ё дар якҷоягии шаклҳои мухталифи он монеаҳо ва хавфҳоро дар иқтисодиёт ба вуҷуд меорад. Бахусус, таъсири долларикунонӣ ҳамчун омили манфӣ дар бахши монетарӣ таҷассум гардида, самаранокии сиёсати пулӣ ва таъсирбахшии механизми трансмиссиониро коста менамояд. Дар иқтисодиёте, ки сатҳи долларикунонӣ баланд аст, барои бонкҳои марказӣ назорату танзими ҳаҷми пул ё пардохтпазирӣ ва ба ин васила муқаррар сохтани меъёрҳои фоизӣ бениҳоят душвор мегардад, зеро ҳиссаи назарраси амалиётҳои бо асъори хориҷӣ ифодаёфта - омилҳои берун аз идоракунии сиёсати монетарӣ мебошанд.

Дар баробари бахши монетарӣ сатҳи баланди долларикунонӣ низоми молиявиро аз хавфҳои берунӣ осебпазир намуда, ҳатто метавонад боиси бухронҳои молиявӣ гардад. Дар чунин мавридҳо, бонкҳои марказӣ ба хотири нигоҳдории суботи макроиқтисодӣ –молиявӣ ва истодагарӣ дар қиболи хавфҳои марбута маҷбуранд захираҳои байналмилалӣ ва маблағҳои асъориро барои ташкили буферҳои молиявӣ зиёд намоянд, ки ин раванд низ метавонад боиси афзоиши ҳаҷми пул ва фишорҳои таваррумию қурбӣ дар иқтисодиёт гардад.

Ҳамчунин, хавфҳои бавуҷудорандаи долларикунонӣ устувории низоми бонкиро коста менамояд. Махсусан дар ҳолати номутобиқатии уҳдадориҳою дороиҳои асъорӣ ва норасоии пардохтпазирии асъорӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ, бо тағйирёбиҳои назарраси қурбӣ хавфи пардохтпазирӣ ва хавфи надоштани қобилияти қарзпардозии ин ташкилотҳо зиёд мегардад. Дар шароити ғайричашмдошту буҳрони иқтисодӣ ва зиёд гардидани талабот ба асъори хориҷӣ, ҳангоми мубаддал гардонидани уҳдадориҳои асъорӣ ва надоштани дороиҳои кофии пардохтпазир бо асъори хориҷӣ эҳтимолияти баланд шудани қурби асъор ва таваррум ҷой дорад. Дар ин ҳолат, ҳангоми анҷом додани мудохилаи асъорӣ барои қонеъ гардонидани талаботи бозор бо асъори хориҷӣ боиси кам шудани захираҳои байналмилалӣ мегардад.

Аз ҷониби дигар, бо вуҷуди баланд будани сатҳи долларикунонӣ дар ҳолати бекурбшавии пули миллӣ сарбории қарзии бо асъори хориҷӣ гирифташудаи мизоҷон, ки сарчашмаи даромади онҳо бо пули миллӣ аст, зиёд гардида, қобилияти онҳоро барои хизматрасонии қарз коста мегардонад. Ин ҳолат ба сифати дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ таъсири манфӣ расонида, метавонад ба устувории қобилияти пардохти ташкилотҳои молиявӣ таҳдид намояд.

Илова бар ин, бо пайдо шудани хавфҳои барзиёди асъорӣ, фарқият (маржа)-и меъёри фоизӣ баҳри кам намудани зиёни имконпазири ташкилотҳои молиявӣ зиёд гардида, дар натиҷа гаронии фоизи қарзҳо ба раванди қарздиҳӣ ва рушди иқтисод таъсири манфӣ мерасонад.

Дар шароити сатҳи баланди долларикунонӣ дороиҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз хавф ва фишорҳои эҳтимолии қурбӣ осебпазир гардида, эътимоднокиро ба низоми бонкӣ коста мегардонанд.

Ниҳоят, истифодаи васеи асъори хориҷӣ дар шакли нақд иқтисоди пӯшидаро тавсеа дода, метавонад ба ноустувории бахши молияи давлатӣ ва даромади буҷет оварда расонад.

▼ ЧОРААНДЕШӢ БАҲРИ ДЕДОЛЛАРИКУНОНӢ ДАР ДИГАР КИШВАРҲО

Бо назардошти чунин оқибатҳои манфӣ ва ба суботи молиявӣ таъсиррасон, аксари кишварҳо чораҳои мустақим ва ғайримустақим алайҳи долларикунонӣ татбиқ менамоянд. Масалан, дар Туркия ва Перу солҳои 1999-2003 маҳдудиятҳо барои пешниҳоди қарзҳои бо асъори хориҷии ҳеҷнашуда, Аргентина солҳои 2002-2006 пешниҳоди қарзҳои асъорӣ танҳо барои содироткунандагон, дар Бразилия соли 2008 бошад, пешниҳоди қарзҳои асъориро манъ намуданд. Бархе аз кишварҳо, аз қабили Озарбойҷон, Хитой аз соли 1996, Аргентина аз соли 2006 барои кушодани суратҳисобҳои асъорӣ дар дохили кишвар талаботҳои маъмуриро ва дар Камерун солҳои 1996-1998, Парагвай солҳои 1998-2001, Тонго солҳои 2007-2009 бошад, ҳатто манъи суратҳисобҳои асъориро татбиқ намудаанд. Дар як қатор кишварҳо, аз ҷумла Арманистон, Озарбойҷон, Белорус аз соли 2001, Бразилия аз соли 2003 маҳдудиятҳои мухталиф дар гузаронидани амалиётҳо бо асъори хориҷиро ҳамчун воситаи коҳиш додани сатҳи долларикунонӣ истифода намудаанд. Инчунин, Бонки марказии Боливия аз соли 2009 меъёри иловагӣ барои қарзҳои бо асъори хориҷӣ ҳамчун дар сатҳи «А» (сифати беҳтарин) таснифшуда захираи иловагии то 1,5 фоизро муайян намуд.

Аз ин бармеояд, ки бонкҳои марказӣ бо истифода аз механизму воситаҳои мухталифи пруденсиалӣ ҷиҳати коҳиш додани падидаи барои иқтисодиёт номатлуб-долларикунонӣ чораҳои зарурӣ андешидаанд. Дар баробари ин, тавассути муътадил намудани таваррум ва пешбурди сиёсати муносиби қурби асъор бар муқобили долларикунонӣ мубориза бурдаанд ва ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидаанд. Тибқи таҳлилҳои муҳаққиқони Хазинаи Байналмилалии Асъор раванди дедолларикунонӣ, махсусан дар кишварҳои Осиёи Миёна ва Қафқоз ба чашм мерасад. (ниг. диаг. 1 ва 2).

▼ САБАБҲОИ ДОЛЛАРИКУНОНӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Дар солҳои 90-уми қарни гузашта Тоҷикистон дар баробари бархе аз кишварҳои собиқ Иттиҳоди

Диаграммаи 1 ва 2. Дедолларикунӣ дар бархе аз кишварҳо





Сарчашма: *бонкҳои марказӣ, маводҳои ХБА ва ҳисобҳои муаллиф*

Эзоҳ: маълумот барои Ӯзбекистон солҳои 2019-2022-ро фаро мегирад.

Шуравӣ дар давраи мураккаби гузариш аз иқтисоди маъмурӣ ба муносибатҳои бозаргонӣ ба ноустувории макроиқтисодӣ, аз қабили коҳиш ёфтани рушди иқтисодиёт, болоравии бесобиқаи сатҳи таваррум, касри бемайлони буҷети давлатӣ ва дигар мушкилиҳои иқтисодӣ рӯ ба рӯ шуд. Ба замми ин, мавҷуд набудани низоми пули миллӣ ва заминаи сиёсати монетарӣ барои ба эътидол овардани вазъи бавуҷудомада монеаҳо эҷод менамуд ва ин дар беэътимодноки ба пули миллӣ таҷассум ёфта буд. Дар ин давра аҳолӣ бо мақсади аз беқурбшавӣ эмин нигоҳ доштани пасандозҳои худ, бештар ба асъори хориҷӣ майл намуда, субъектони хоҷагидорӣ

амалиётҳоро бо дигар асъорҳо анҷом медоданд, ки ин бевосита ба сатҳи баланди долларикунонӣ дар иқтисодиёт оварда расонида буд. Он солҳо қурби асъори хориҷӣ нисбат ба пули миллӣ бошад, ҳамчун маҳаки асосӣ ба ҳисоб мерафт.

Минбаъд бо мурури татбиқи ислоҳотҳои пайгиронаи институтсионалӣ дар самти ба танзим даровардани гардиши пул, бунёди заминаи мукаммали сиёсати монетарӣ ва муҳайё гардонидани ҳисоббаробаркуниҳои муътамаду бонизом барои тадриҷан зиёд гардидани эътимод, ба низоми пулии кишвар замина гузошта шуд. Новобаста аз ин, мушкилии сатҳи баланди долларикунонӣ дар Тоҷикистон вобаста ба хотираҳои тӯлонии қаблӣ дар бораи таварруми аз эътидол зиёд ва бухронҳои давраи пасошӯравӣ дар солҳои 90-уми асри қаблӣ, пурра бартараф нагардид.

Тибқи маълумотҳои оморӣ дар кишвар тамоюли сатҳи пасандозҳо ва қарзҳои асъорӣ нисбат ба ҳаҷми умумии онҳо, ҳамчун инъикоскунандаи долларикунонии молиявӣ, дар давраҳои муайян раванди гуногунсамт дошта, қиматҳои баландтарини ин нишондиҳандаҳо дар соли 2007 ба ҳисоби миёна мувофиқан 79,4 фоиз ва 75,1 фоизро ташкил доданд. Дар давраи минбаъда сатҳи долларикунонӣ пас аз нисбатан коҳишёбӣ боз бо назардошти паёмадҳои навбатии бухронӣ дар соли 2015 раванди зиёдшавиро касб намуда, пасандозҳои асъорӣ нисбат ба ҳаҷми умумӣ дар ин давра ба ҳисоби миёна 69,5 фоиз ва ҳаҷми умумии қарзҳои асъорӣ нисбат ба ҳаҷми умумӣ 62,7 фоизро ташкил дод, ки ин аз сатҳи ниҳоят баланд будани долларикунонӣ гувоҳӣ медод. Аз соли 2016 нишондиҳандаҳои мазкур тадриҷан тамоюли поёнравиро дошта, дар интиҳои соли 2022 долларикунонӣ аз рӯи пасандозҳо ба 44,5 фоиз ва аз рӯи қарзҳо ба 28,0 фоиз баробар гардид, ки ин нишондиҳандаҳои пасттарин дар даҳсолаи охир маҳсуб меёбад (ниг. диаг. 2).

Усули дигари муайянкунии сатҳи долларикунонии молиявӣ ин ҳиссаи пасандозҳои асъорӣ дар нишондиҳандаи васеи ҳаҷми пул буда, тамоюли он бо пасандозҳо ва қарзҳои асъорӣ нисбат ба ҳаҷми умумии онҳо шабеҳ буда, дар солҳои 2016-2022 раванди коҳишёбиро касб намудааст (ниг. диаг. 3).

Диаграммаи 3. Тамоюли пасандозҳо ва қарзҳои асъорӣ нисбати ҳаҷми умумӣ

Диаграммаи 4. Тамоюли пасандозҳои асъорӣ нисбати нишондиҳандаи васеи ҳаҷми пул

Сарчашма: *БМТ ва ҳисобҳои муаллиф*

▼ МЕХАНИЗМҲОИ ТАТБИҚШУДАИ ДЕДОЛЛАРИКУНОНӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Сабабҳои асосии тадриҷан коҳишёбии долларикунонии молиявӣ ва ташкили фазои боэътимоди низоми пули миллӣ дар солҳои охир (солҳои 2015-2022) ин роҳандозии воситаҳои фаъоли дедолларикунонӣ тавассути пешбурди сиёсатҳои муносиби монетарию қурбӣ ва истифодаи механизмҳои макромақбул мебошанд.

Яке аз тадбирҳои баланд бардоштани эътимоднокӣ ба пули миллӣ ва истифодаи васеи он ин ислоҳотҳои муҳим дар самти сиёсати монетарӣ дар доираи стратегияи марбута[2] - гузариш ба реҷаи муосир "ҳадафгирии таваррум"маҳсуб меёбад. Таъкид бояд кард, ки татбиқи рукнҳои реҷаи мазкур - муайян ва тасмимгирии ҳадафи рақамии таваррум ва пешбурди стратегияи коммуникатсионӣ боиси пешбинишаванда ва боэътимод гардидани сиёсати монетарӣ гардид, ки ин ба дедолларикунии иқтисодиёт такони мусбӣ расонид.

Илова ба ин, ҷиҳати амалисозии рукни дигари ин реҷаи муосири монетарӣ тадричан гузариш ба реҷаи "қурби озод шинокунанда" ва коҳиш додани ҳассосияти иқтисодиёт ва аҳолӣ ба тағйирёбии қурби асъор, бо роҳи додани имконияти бештар ба тағйирпазирии қурби асъор мутобиқ ба вазъи бозори асъорӣ, тафовути қурби расмии пули миллӣ нисбат ба асъори хориҷӣ бо қурби бозории он наздик карда шуд. Ба ин васила, бо мақсади мусоидатнамоӣ ба рақобатпазирии истеҳсолоти ватанӣ тавассути нигоҳ доштани сатҳи муносиби қурби воқеии асъор нисбат ба шарикони асосии савдо сиёсати мутавозуни қурбӣ татбиқ карда шуд, ки ин барои дедолларикунонӣ дар иқтисодиёт мусоидат намуд.

Дар баробари ин, Бонки миллии Тоҷикистон бо истифода аз таҷрибаи пешрафта чораҳои макромақбул, аз қабили ба бонкҳо додани тавсияҳо оид ба манъи додани қарзҳои ипотекӣ бо асъори хориҷӣ барои муштариёне, ки бо пули миллӣ даромад доранд, муайян намудани қарзҳо бо асъори хориҷӣ ҳамчун дороиҳои дорои хавф то 150 фоиз, муқаррар намудани андозаи дифференсиалии пардохтҳои тафриқавии тақвимии бебозгашт аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ба Фонди суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ, инчунин андозаи ҷуброни пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ бо асъори миллӣ ва хориҷӣ, дар баробари зиёд намудани тафовути меъёри фоизи захираҳои ҳатмӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ, инчунин ташаккули маблағи захираҳои ҳатмӣ мутаносибан аз рӯи асъорҳои пасандозҳо ва уҳдадориҳо бо асъори миллӣ ва хориҷиро роҳандозӣ намуд.

Дар назар бояд дошт, ки тадбирҳои аз ҷониби бонки танзимгар алайҳи долларикунонӣ андешидашуда, ғайримустақим буда, ягон маҳдудияти миқдорӣ тавассути механизмҳои макропруденсиалӣ ҷорӣ нагардидааст. Ташкилотҳои қарзии молиявӣ низ бо дарки оқибатҳои манфии хавфи асъорӣ ҷиҳати идоракунии самараноки хавфҳои асъории дохилӣ тадбирҳои муносиб андешидаанд, ки ин низ аз ҷониби бонки марказӣ тавассути ҷой доштани меъёрҳои мақбули мавқеи асъории ташкилотҳои қарзӣ назорати қатъӣ бурда мешавад.

Қобили қайд аст, ки ташхис, баҳогузорӣ ва тадбирандешӣ нисбати коҳишдодани сатҳи долларикунонии молиявӣ дар иқтисодиёт возеҳ мебошад. Вале масъалаи муайяннамоӣ ва таҳлили амиқи нишондиҳандаҳои миқдории долларикунонии воқеӣ ва пардохтҳо дар иқтисодиёт, ки нақши асъори хориҷиро дар раванди нархгузорӣ ва муқаррар намудани музди меҳнат тавсиф мекунанд, инчунин дар муомилот то кадом андоза асъори хориҷӣ дар гардиш аст, амалан ғайриимкон аст. Вобаста ба ин, муҳаққиқон усулҳои таҳлилии сифатӣ тавассути гузаронидани пурсишномаҳо ва тадқиқотҳои интихобии субъектони хоҷагидориро истифода менамоянд, ки натиҷаҳои онҳо на ҳама вақт объективӣ буда, вазъи ҷойдоштаро пурра инъикос намекунанд. Аз ин лиҳоз, муайян намудани дараҷаи долларикунонии воқеӣ ва пардохтҳо дар қаламрави кишвар мураккаб буда, дар ин самт тадқиқотҳо дар таҷрибаи Тоҷикистон чандон кофӣ нест.

Бо назардошти баъзе аз хусусиятҳои хоси иқтисодиёти Тоҷикистон ба мисли дигар кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ аз қабили кушодагию хурд, вобастагӣ аз хавфҳои беруна ва дигар омилҳо долларикунонии воқеӣ ва пардохтҳо ҷой дорад. Бинобар ин, бо мақсади деасъоркунонии (рубли русӣ) иқтисодиёти дар дигар шаклҳо таҷассумшуда, аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон дар соли 2016 ҷиҳати кам намудани гардиши рубли русӣ дар муомилот ва ба ин васила коҳиш додани ҳассосияти иқтисодиёт аз қурби ин асъор ташкилотҳои қарзии мо-

[2] Стратегияи сиёсати пулию қарзӣ ва асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020

лиявиро водор намуд, ки тамоми маблағҳои ба шахсони воқеӣ аз хориҷи кишвар бо рубли русӣ тавассути бе кушодани суратҳисоб воридшударо мубодила ва ба муштариён бо пули миллӣ пардохт намояд.

Инчунин, ҷиҳати батанзимдарории гардиши асъори хориҷӣ ва шаффофгардонии бозори нақди асъор ва ба ин васила коҳиш додани долларикунии ғайрирасмӣ механизми мубодилаи асъор дар қаламрави кишвар тағйир дода шуд (манъи фаъолияти нуқтаҳои мубодилаи асъори шахсони воқеӣ), ки тибқи он шаҳрвандон амалиёти мубодилавӣ бо асъори нақди хориҷиро танҳо дар муассисаҳои бонки ваколатдор, бе маҳдудияти маблағ ва таъинот анҷом дода метавонанд.[3] Яъне дар кучаву хиёбон ва ҷойҳои таъиннашуда анҷом додани амалиёти мубодилавӣ қатъиян манъ карда шуда, дар ҳолати риоя накардани талаботи мазкур аз ҷониби шахсони воқеӣ қонуншиканӣ маҳсуб гашта, боиси ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ мегардад[4] .

[3] Банди 10 (а), боби 2-и Дастурамали 211 “Дар бораи тартиби анҷомдиҳии амалиёти мубодилавӣ бо асъори хориҷӣ”

[4] Моддаи 541-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 286-и Кодекси Ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Илова ба ин, бояд ёдовар шуд, ки тибқи қонунгузории амалкунанда дар қаламрави мамлакат пули миллии Тоҷикистон воситаи қонунии пардохт ба шумор меравад ва ҳамаи ҳисоббаробаркуниҳо бо пули миллӣ сурат мегирад[5]. Ҳамчунин, истифодаи асъори хориҷӣ, инчунин ҳуҷҷати пардохт бо асъори хориҷӣ ҳангоми анҷом додани ҳисоббаробаркунӣ дар қаламрави Тоҷикистон мутобиқи ҳуҳдадориҳо мувофиқи ҳолат, тартиб ва шартҳои муайяннамудаи қонун иҷозат дода мешавад.[6] Ҳуҳдадории пулӣ бояд бо пули миллӣ ифода ва пардохт карда шавад.

Тавре аз мушоҳидаҳо маълум гардид, ташаккули заминаи меъёри ҳуқуқии марбута ва тадбирҳои андешидашудаи муносиб дар самти дедолларикунонӣ натиҷаҳои самарабахш дода истодааст.

▼ ХУЛОСА

Бо вуҷуди мухталиф будани шакл, омил, оқибатҳои долларикунонӣ ва мавҷуд набудани ҳалли ягонаи масъалаи мазкур дар кишварҳои алоҳида, интихоб ва татбиқи стратегияи як кишвар ҳамчун таҷрибаи беҳтарин ва мувофиқ ба иқтисодиёти Тоҷикистон ғайриимкон аст. Чунончӣ, дар ҳолати истифодаи механизми дедолларикунонии ҳамаҷониба таҳлилнашуда метавонад натиҷаҳои манфӣ ба мисоли хуруҷи сармоя аз кишвар, зиёд гардидани гардиши ғайрирасмии асъори хориҷӣ ва дигар омилҳо боис гардад ё чораҳои андешидашуда чандон самарабахш нахоҳанд буд.

Аз ҷониби таҳлилгарон дар заминаи таҷрибаи кишварҳои мухталиф тадқиқотҳо дар масъалаи муайяннамоии сатҳи долларикунонӣ ва мубориза алайҳи шаклҳои мухталифи он хулосабарорӣ шудааст. Дар адабиётҳо оид ба стратегияи дедолларикунонӣ аз рӯи шаклҳои алоҳида якчанд тадбирҳои маъмурӣ, аз қабили маҳдуд намудани муомилоти расмии асъори хориҷӣ, муқаррар намудани ҳамаи ҷузъҳои хароҷоти расмӣ ва ғайрирасмӣ, ба монанди музди меҳнат, андозҳо, иҷорапулиҳо бо пули миллӣ, инчунин коҳиш додани алоқамандии шоҳҳои берунию дохилӣ, муҳтадилии сатҳи таваррум ва ғайра дарҷ гардидаанд, ки амалан татбиқ намудани онҳо таҳлилҳои мушаххасро талаб менамояд.

[5] Моддаи 155-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон

[6] Моддаи 340-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон

Рӯйхати адабиёт:

1. Bannister Geoffrey J. and Gardberg, Malin and Turunen, Jarkko, “Dollarization and Financial Development”. IMF Working Paper No. 18/200, September 2018.
2. Cakir S., Atamanchuk M., Al Riyami M., Sharashidze N., ReyesN., “Reducing dollarization in the Caucasus and Central Asia”, IMF, July, 2022.
3. Kokenyne A., Ley J., Veyrune R. “Dedollarization”, IMF, August ,2010.
4. Heysen S., “Dollarization: Controlling Risk Is Key” Finance & Development, Vol. 42, №1, March 2005, pp. 44-45.
5. Гусейнов Д.А. «Долларизация национальной экономики и функции денег», Экономика зарубежных стран. «Вестник Московского университета. Серия 6. Экономика». 2010. № 5. Стр. 24-31.

ТАВАРРУМ ВА ОМИЛҲОИ ТАЪСИРРАСОН БА ОН

Мусоҳиба бо директори департаменти сиёсати монетарӣ, тадқиқотӣ ва рушд, Убайдуллоев Диловар Шамолиддинович

Дар натиҷаи пешбурди самарабахши сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон сатҳи таваррум дар соли 2022 дар кишвар 4,2 фоизро ташкил намуд, ки яке аз нишондиҳандаҳои муътадил дар кишварҳои минтақа ва ИДМ маҳсуб меёбад. Ҳамин нуқта аз ҷониби Роҳбари Олии мамлакат низ ҳангоми натиҷагирӣ аз ҷамъбасти рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар дар соли 2022 махсусан истиқбол карда шуд. Ба ин хотир, маҷаллаи “Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ” тасмим гирифт аз тадбирҳои дар ин самт андешидашуда ва омилҳои таъсиррасон ба таваррум, ҳадаф, дурнамо ва интизориҳои таваррумӣ бо роҳбари сохтори масъули татбиққунандаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон суҳбат ороянд.

Дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки 23 декабри соли 2022 ироа гардид, гуфта шудааст, ки сатҳи таваррум 4,2 фоизро ташкил дода, яке аз нишондиҳандаҳои муътадил дар кишварҳои минтақа ва ИДМ ба ҳисоб меравад. Бонки миллии Тоҷикистон, ки мақсади асосиаш нигоҳдории муътадилии сатҳи нархҳо мебошад, баҳри ноил гардидан ба ин нишондиҳанда чӣ тадбирҳо андешидааст?

Бале, чи тавре ки дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (23.12.2022) ироа гардид, дар соли 2022 сатҳи таваррум дар кишвар 4,2 фоизро ташкил намуд, ки дар байни кишварҳои минтақа ва ИДМ пасттарин нишондиҳанда ба ҳисоб рафта, дар ҳудуди поёнии нишондиҳандаи мақсаднок (6% ±2 банди фоизӣ) қарор гирифтааст.

Тибқи маълумотҳои омориӣ дар соли 2022 сатҳи таваррум дар Туркия 64,3 фоиз, Қазоқистон 20,3 фоиз, Қирғизистон 14,7 фоиз, Белорус 12,8 фоиз, Ӯзбекистон 12,3 фоиз, Русия 11,9 фоиз ва Гурҷистон 9,8 фоизро ташкил намуд, ки берун аз нишондиҳандаи мақсаднок (ҳадаф) мебошад.

Бонки миллии Тоҷикистон дар давоми соли 2022 бо мақсади нигоҳ доштани муътадилии сатҳи нархҳо ва маҳдуд сохтани таъсири омилҳои монетарӣ як қатор чораҳои зарурӣ андешид, аз

◙ ҶАДВАЛИ 1. САТҲИ ТАВАРРУМ ДАР МИНТАҚА ВА КИШВАРҲОИ ШАРИКОНИ САВДО ДАР СОЛИ 2022 (БО ФОИЗ)

Кишварҳо	Ҳадаф	Таваррум	Фарқият, банди фоизӣ
Туркия	5,0	64,3	-59,3
Қазоқистон	4,0-6,0	20,3	-15,3
Қирғизистон	5,0-7,0	14,7	-8,7
Белорус	5,0	12,8	-7,8
Ӯзбекистон	5,0	12,3	-7,3
Русия	4,0	11,9	-7,9
Гурҷистон	3,0	9,8	-6,8
Арманистон	4,0	8,3	-4,3
Тоҷикистон	6%±2б.ф.	4,2	+1,8

ҷумла:

- меъёри бозтамвил дар давоми соли 2022 дар асоси дурнамои таъсири хавфҳои эҳтимолии дохилию берунӣ ба иқтисодиёт ва интизориҳои таваррумӣ мавриди бозбинӣ қарор гирифта, дар сатҳи мусбат нигоҳ дошта шуд;
- ҷиҳати танзими ҳаҷми пул ва идоракунии самараноки сатҳи пардохт-пазирии ташкилотҳои қарзӣ фурӯши коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон ва ҷалби амонатҳои шабонарӯзӣ (Standing facilities) аз ташкилотҳои қарзӣ ба роҳ монда шуда, ба ҳисоби миёна дар як рӯз дар атрофи 1,3 млрд. сомонӣ маблағҳои озоди онҳо ҷалб карда шуд;
- бо мақсади саривақт ва пурра қонеъ намудани талаботи ширкатҳои воридкунандаи молу маҳсулоти ниёзи аввалияи мардум ва субъектҳои хоҷагидорӣ бо асъори хоричӣ ҷиҳати таъмини бозори истеъмолии дохилии кишвар ва коҳиш додани фишорҳои қурбӣ-таваррумӣ аз ҷониби низоми бонкии кишвар мудохилаи асъорӣ анҷом дода шуд;
- қурби расмии пули миллӣ нисбат ба доллари ИМА 9,7 фоиз устувор гардида, ба муътадилии сатҳи нархҳои воридотии молу маҳсулот мусоидат намуд.

Қобили қайд аст, ки дар баробари тадбирҳои андешидаи Бонки миллии Тоҷикистон, дигар чораҳои таъсиррасон аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдори давлатӣ ҷиҳати таъмин намудани бозори истеъмолии дохилӣ ва муътадил нигоҳ доштани сатҳи нархҳо таъсири мусбат расонид.

◙ Ба сатҳи таваррум дар соли 2022 асосан кадом намуди омилҳо таъсир расонидаанд ва болоравии нархи кадом маҳсулот ба қайд гирифта шуд?

Дар соли 2022 дар маҷмуъ, бештар қиматшавии нархи молу маҳсулоте ба қайд гирифта шуд, ки бо омилҳои ғайримонетарӣ, яъне омилҳои берунӣ, маъмурӣ ва мавсимӣ алоқаманд мебошанд. Аз рӯи номгӯи молу хизматрасониҳо бошад, бинобар таъсири омилҳои болозикр болоравии нархи орди навъи якум, биринҷ, тухм, шакар, пиёз, сабзӣ, маводи доруворӣ ва шустушӯй, либосу пойафзол, хизматрасонии манзилию коммуналӣ (қувваи барқ), хизматрасонии маориф ва дигар ба қайд гирифта шуд.

◙ Меъёри бозтамвил, ки дар татбиқи сиёсати пулию қарзӣ фишанги асосӣ ба ҳисоб меравад, фоизи он чи тавр муайян карда мешавад ва он ба сатҳи таваррум чи гуна таъсир мерасонад?

Меъёри бозтамвил дар татбиқи сиёсати пулию қарзӣ барои анҷом додани амалиётҳои монетарӣ фишанги калидӣ ба ҳисоб рафта, дар асоси дурнамои таъсири хавфҳои эҳтимолии дохилию берунӣ ба иқтисодиёт ва интизориҳои таваррумӣ муқаррар карда мешавад. Тибқи таҷрибаи бонкҳои марказӣ (миллӣ) ва маводи адабиёти иқтисодӣ меъёри бозтамвил дар он маврид тағйир дода мешавад, ки агар сатҳи таваррум, дурнамои он ва интизориҳои таваррумӣ аз

ҳадаф (target)-и таваррумии муқарраргардида фарқият дошта бошанд.

Агар сатҳи таваррум, дурнамои он ва интизориҳои таваррумӣ аз ҳадаф боло бошанд, меъёри бозтамвил бояд баланд ва дар ҳолати поён будан, баръакс, фоизи он бояд паст карда шавад.

Тағйир додани меъёри мазкур (паст ва ё баланд кардан) ба фоизи қарзҳои байнибонкӣ, раванди пардохтпазирии низоми бонкӣ, фоизи қарзҳои пешниҳодшавандаи ташкилотҳои қарзӣ ба иқтисодиёт, ҳаҷми пул дар муомилот, қурби пули миллӣ, маҷмуи талабот ва ниҳоят ба сатҳи таваррум таъсир мерасонад.

Бояд қайд намуд, ки меъёри бозтамвил дар давоми соли 2022 дар асоси дурнамои таъсири хавфҳои эҳтимолии дохилию берунӣ ба иқтисодиёт ва интизориҳои таваррумӣ таҷдиди назар карда шуда, дар сатҳи мусбат нигоҳ дошта шуд. Айни замон бошад, нишондиҳандаи мазкур дар сатҳи 13,0 фоизи солона қарор дорад (қарори Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2022, №31).

Диаграммаи 1. Меъёри бозтамвил ва сатҳи таваррум

Ҷиҳати гузариш ба реҷаи ҳадафгирии таваррум то имрӯз дар самти сиёсати пулию қарзӣ кадом корҳо ба анҷом расонида шудааст?

Давоми солҳои охир аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон дар самти татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ҷиҳати таҳкими дараҷаи таъсирбахшии фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ ва таҳвияти эътимод ба он, идоракунии самарабахши пардохтпазирӣ ва пешбурди сиёсати фоизӣ як қатор ислоҳот барои гузариши ботадриҷ аз ҳадафи амалиётии пойгоҳи пулӣ ба реҷаи сифатан нави пулию қарзӣ - ҳадафгирии таваррум амалӣ гардид.

Аз ҷумла, “Стратегияи сиёсати пулию қарзӣ ва асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020”, “Стратегияи коммуникатсионии Бонки миллии Тоҷикистон дар самти сиёсати пулию қарзӣ барои солҳои 2019 - 2021” ва “Стратегияи сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025” таҳия ва ба тасвиб расиданд.

Дар санадҳои мазкур густариши ислоҳоти институтсионалӣ, таъсирбахш намудани самтҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ ва механизми трансмиссионӣ, ташкили инфрасохтори муосири амалиётӣ – молиявӣ, оммафаҳм ва шарҳу тавзеҳ додани татбиқи гузариш ба реҷаи ҳадафгирии таваррум, инчунин боло бурдани сатҳи маърифати молиявии аҳолӣ ва дараҷаи бохабарии онҳо пешбинӣ шудааст.

Бояд қайд намуд, ки аксари бандҳои ҳуҷҷатҳои мазкур дар ҳамбастагӣ бо дастгирии бевоситаи ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ (тибқи таҷрибаи ҷаҳонӣ) дар муҳлатҳои муқарраршуда иҷро гардида истодааст, аз ҷумла:

- тибқи таҷрибаи ҷаҳонӣ

Диаграммаи 2. Сатҳи таваррумии солона ва ҳадафи он дар давраи миёнамуҳлат



мавриди истифода қарор гирифтани фишангҳои доимамалкунандаи монетарӣ, аз қабили қарзи рӯзона (интрадей), қарзи шабонарӯзӣ (овернайт) ва амонатҳои шабонарӯзӣ (овернайт) баҳри таъмини истифодаи самараноки воситаҳои сиёсати пулию қарзӣ, дастгирии ташкилотҳои қарзӣ, тавсеа бахшидани бозори байнибонкӣ ва танзими пардохтпазирии кӯтоҳмуҳлати низоми бонкӣ;

- дар доираи кумаки техникии ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ҷорӣ гардидан ва такмил додани модели асосии дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ модели муосир (DSGE) ва (QPM) барои гузаронидани таҳлил ва таҳияи дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ҷиҳати афзун намудани иқтидори таҳлилию тадқиқотӣ ва такмили раванди ояндабинӣ;
- дар доираи ҳамкориҳои техникӣ бо ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ таҳия ва такмил шудани моделҳои макрофискалӣ баҳри ривоҷ додани иқтидори таҳлил ва тадқиқот, ки яке аз шартҳои муҳимми гузариш ба реҷаи “ҳадафгирии таваррум” мебошад;
- гузаронидани назарсанҷӣ миёни аҳолии кишвар барои муайян намудани интизориҳои таваррумии аҳолӣ ҷиҳати мусоидат ба маърифати молиявии аҳолӣ дар самти равобит бо ҷомеа;
- таъмини шаффофияти фаъолият дар самти таҳия ва татбиқи сиёсати монетарӣ тавассути нашри маълумотҳои дахлдор дар сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар васоити ахбори омма.

Тибқи таҷрибаи бонкҳои марказӣ (миллӣ) ва маводи адабиёти иқтисодӣ меъёри бозтамвил дар он маврид тағйир дода мешавад, ки агар сатҳи таваррум, дурнамои он ва интизориҳои таваррумӣ аз ҳадаф (target)-и таваррумии муқарраргардида фарқият дошта бошанд.

Интизории таваррум чист ва ба ҳадафгирии таваррум чӣ алоқамандӣ дорад?

Тибқи таҷрибаи бонкҳои марказии кишварҳои рушдёфта интизории таваррум воситаи муҳимми пешбурди реҷаи ҳадафгирии таваррум арзёбӣ мегардад. Инчунин, барои баланд бардоштани маърифати иқтисодӣ-молиявии аҳолӣ, вусъат ёфтани раванди коммуникатсионӣ дар самти сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон ва дастрас намудани маълумот оид ба интизории аҳолӣ дар бораи тағйирёбии сатҳи

нархҳо дар кишвар мусоидат менамояд.

Бонки миллии Тоҷикистон аз соли 2020 то инҷониб ҷиҳати муайян намудани интизории таваррум дар байни аҳолӣ мунтазам назарсанҷӣ (ҳар семоҳа) гузаронида истодааст ва ин иқдом аз ҷониби аҳолӣ хуш пазируфта шудааст.

Ҳамзамон, натиҷаи назарсанҷӣ дар таҳлилҳои эмпирикӣ, дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ ва татбиқи босамари сиёсати пулию қарзӣ истифода бурда мешавад.

Интизориҳои таваррум дар кишвар чӣ тарз пешгӯй карда мешаванд?

Дар соли 2023 интизор меравад, ки омилҳои бештар ба болоравии сатҳи таваррум дар дохили кишвар таъсир мерасонанд, асосан хусусияти ғайримонетарӣ дошта, аз ҳисоби таконҳои берунӣ ба вуҷуд хоҳанд омад. Зеро дар гардиши савдои хориҷии кишвар ҳиссаи воридот нисбат ба содирот бамаротиб зиёд мебошад, яъне дар бозорҳои дохилӣ новобаста ба зиёд гардидани истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ ҳоло ҳам ҳиссаи зиёди молу маҳсулоти аз хориҷи кишвар воридшаванда бештар аст, инчунин ҳиссаи маҳсулоти воридотӣ дар сабади истеъмолӣ низ назаррас мебошад.

Тибқи таҳлил ва арзёбии созмонҳои бонуфузи байналмилалии молиявию иқтисодӣ, бахусус Хазинаи Байналмилалии Асъор ва Бонки Ҷаҳонӣ, бинобар идома ёфтани мураккабии вазъи геосиёсӣ, номуайянӣ ва номувозинатии таносуби талаботу таклифот дар бозорҳои ҷаҳонӣ ва афзоиш ёфтани нархи маҳсулоти хӯрокворӣ, маводи сӯзишворӣ, энергетикӣ, инчунин болоравии бемайлони сатҳи таваррум дар бештари кишварҳои ҷаҳон, ки боиси пешбурди сиёсати қатъии монетарӣ аз ҷониби бонкҳои марказӣ гаштааст, омилҳо ва хавфҳои зиёди молиявию иқтисодӣ, бахусус омилҳои назарраси таваррумӣ дар соли 2023 низ боқӣ хоҳанд монд.

Аз ҷумла, тибқи пешгӯии Хазинаи Байналмилалии Асъор, дар солҳои минбаъда паст намудан ва муътадил нигоҳ доштани сатҳи таваррум ва интизории таваррумӣ мушкилоти асосӣ маҳсуб меёбад. Зеро пайомадҳои манфии пандемияи коронавирус (COVID-19) дар соли 2020, пешбурди сиёсати ҳавасмандгардонии пулию қарзӣ ва фискалӣ дар давоми солҳои 2020 – 2021, инчунин ноустувории вазъи сиёсию молиявӣ дар ҷаҳон омилҳои таваррумиро то ҳадде зиёд намудаанд, ки бартараф намудани онҳо аз рӯи сенарияи базавӣ то охири соли 2024 ва аз рӯи сенарияи пессимистӣ зиёда аз 5 солро дар бар хоҳад гирифт. Хазинаи Байналмилалии Асъор таъкид намудааст, ки ҷиҳати бартараф намудани омилҳои асосии таваррумӣ диққати махсус ба нарх ва таъмини маҳсулоти нафтию хӯрокворӣ дода шавад. Зеро маҳсулоти хӯрокворӣ ва маводи нафтӣ молҳои истеъмолии ниёзи аввалияи аҳолӣ маҳсуб ёфта, иваз намудани онҳо бо дигар молҳои истеъмолӣ ғайриимкон мебошад.

Қобили қайд аст, ки Хазинаи Байналмилалии Асъор бо дарназардошти андешидани чораҳои дахлдори зиддитаваррумӣ аз ҷониби кишварҳои ҷаҳон сатҳи таваррумро барои соли 2023 дар атрофи 6,6 фоиз пешбинӣ намудааст, ки нисбат ба соли қаблӣ ин нишондиҳанда 2,2 банди фоизӣ кам мебошад.

Бонки миллии Тоҷикистон дар соли 2023 низ баҳри иҷрои саривақтии дастуру вазифаҳое, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баён доштанд, бо дарназардошти хавфҳо ва фишорҳои эҳтимолии таваррумӣ ва идомаи ислоҳот баҳри гузариш ба реҷаи ҳадафгирии таваррум тадбирҳои заруриро роҳандозӣ менамояд.

Аз ҷумла, Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи ваколатҳои хеш бо дарназардошти хавфҳо ва фишорҳои эҳтимолии таваррумӣ пешбурди сиёсати пулию қарзиро бо истифода аз механизму фишангҳо ҷиҳати ноил гардидан ва муътадил нигоҳ доштани сатҳи таваррум дар доираи ҳадафи муқарраргардида, яъне 6% ±2 банди фоизӣ роҳандозӣ хоҳад намуд.

Мусоҳиб
Мавҷуда Ҳ.Э.

ДАСТРАСӢ БА МАБЛАҒГУЗОРИҲОИ ҚАРЗӢ ДАР ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ МОЛИЯВӢ

Чаро бояд коҳиш ёбад?

Масъалаи дастрасии бештар ба қарзҳо яке аз масъалаҳои муҳимме мебошад, ки дар марказі таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон қарор дорад. Бонки миллии Тоҷикистон талош мекунад, ки барои беҳтар намудани дастрасӣ ба қарзҳо ва коҳиши фоизи қарзҳо ҳамагуна шароитро фароҳам орад. Дар ин замина, ташкилотҳои қарзии ҷумҳурӣ низ муваззаф шудаанд, ки тадобир андешанд, то фоизи қарзҳо коҳиш ёбанд ва дарёфти қарзҳо осонтар шаванд.

ЧАРО ДАСТРАСӢ БА ҚАРЗҲО ЗАРУР АСТ?

Дастрасии бештар ба қарзҳо барои ҳалли мушкилоти гуногуни аҳолию соҳибкорон, пешрафти тиҷорату соҳибкорию кишоварзӣ ва соҳаҳои дигар бениҳоят муҳим аст. Зеро ҳамон андозае, ки қарзҳо барои соҳаҳои иқтисод дастрас бошанд, ҳамон қадар иқтисод бештар рушд мекунад. Ба ин далел, коршиносон дастрасӣ ба қарзҳоро чун яке аз воситаҳои асосии таъмини рушди устувори иқтисод, вусъат додани истеҳсолоти ватанӣ, устувор намудани иқтидори содиротӣ ва бунёди ҷойҳои нави корӣ маҳсуб мекунанд.

Барои дастрасии бештари аҳолӣ ба қарзҳо ва афзоиши сатҳи даромаднокии фаъолияти соҳибкорию тиҷоратӣ пешниҳоди қарзҳо бо меъёри фоизии пасттар муҳим аст. Пешниҳоди қарзҳо бо фоизи пасттар аз як ҷониб барои бештар намудани фоиданокии фаъолияти соҳибкорию тиҷоратии қарзгирандагон мусоидат кунад, аз ҷониби дигар барои осон намудани бозпардохти он барои қарзгирандагон ва барои қарзи мушкилситон нашудани онҳо мусоидат мекунад.

Ин масъала дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мавриди таъкид қарор гирифта, тибқи он бонкҳо муваззаф гардидаанд, ки фоизи қарзҳоро барои соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт махсусан, барои соҳаи соҳибкории истеҳсолӣ паст намуда, инчунин, ҷиҳати бо фоизи дастрас афзоиш додани пешниҳоди қарзҳои ипотекӣ чорачӯй намоянд. Чун ҳар қадар ба аҳолӣ ва субъектҳои хоҷагидор қарзҳои дастрас бештар пешниҳод карда шаванд, суръати рушди соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ ҳамон қадар баланд мегардад.

Бо таваҷҷуҳ ба аҳамияти ин масъала дар чанд соли охир аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон барои коҳиши меъёри фоизи қарзҳо ҳамчун яке аз омилҳои афзоиши дастрасӣ ба қарзҳо тадбирҳо андешида мешаванд. Ба ин далел, ба ташкилотҳои қарзӣ барои коҳиши меъёри фоизӣ тавсияҳо шудаанд.

БОНКҲО БО КАДОМ ФОИЗҲО ҚАРЗ МЕДИҲАНД?

Бархе аз ташкилотҳои қарзӣ бо қабули тавсияҳои Бонки миллии Тоҷикистон қарор додаанд, вобаста ба намуди фаъолият маҳсулоти қарзиро бо меъёрҳои фоизии нисбатан пасттар пешниҳод кунанд. Масалан, ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" меъёри фоизи қарзиро ба андозаи 4 фоизи солона коҳиш додааст. ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" тавсияҳои Бонки миллии Тоҷикистон ва нуктаҳои муҳимми Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Тоҷикистонро маншаъи кори худ қарор дода, барои бештар дастрас намудани қарзҳо ба аҳолӣ мунтазам вобаста ба талаботи замон маҳсулоти қарзиро бо паст намудани фоизҳо ва дароз намудани муҳлатҳои қарз ба роҳ мемонад: "Масалан, барои маҳсулоти қарзии барои эҳтиёҷоти шахсӣ ва васеъ намудани фаъолияти соҳибкорӣ пешбинишуда фоизҳо бо пули миллӣ аз 26 ба 22 фоизи солона паст карда шуданд", иттилоъ доданд дар ин бонк.

Тибқи иттилои БДА ҶТ "Амонатбонк", дар ин самт як қатор тадбирҳо андешида шуданд, аз ҷумла моҳи ноябри соли 2022 низомномаи қарзӣ мавриди таҷдид қарор гирифта, шарту талабот барои гирифтани қарз нисбатан содатар гардонида шуд, ки бар асоси он номгӯи ҳуҷҷатҳо барои пешниҳоди қарз ба мизоҷон кам карда шуд.

Бино ба иттилои БДА ҶТ "Амонатбонк", дар моҳи декабри соли 2022 "Тартиби пешниҳоди қарзҳо ба бонувон бо номи "Занҳои муваффақ" ва "Тартиби пешниҳоди қарз барои харидории автомобил дар БДА ҶТ "Амонатбонк" бо фоизҳои нисбатан паст ва муҳлати нисбатан дароз роҳандозӣ шуда, пешниҳоди қарз ба шахсони воҷеӣ осонтар карда шуд. Дар баробари ин, ба муштариёни боэътимоде, ки қарзҳои қаблан гирифтаашонро саривақт пардохт намуда, бо бонк робитаи зич доранд, бо роҳи 1 банд паст намудани фоизи қарзи онҳо имтиёз дода шуд. БДА ҶТ "Амонатбонк" бо таваҷҷуҳ ба муҳиммияти рушди соҳаҳои саноату тиҷорату кишоварзӣ пешниҳоди қарз ба ин соҳаҳоро вобаста ба имконият ва дархости муштариён бо додани то 1 соли имтиёзӣ дар пардохти қарзи асосӣ осон кардааст. Аз ин бармеояд, ки "Амонатбонк" пайваста кӯшиш ба харҷ медиҳад, бо пешниҳоди маҳсулоти нави қарзӣ талаботи муштариёнро қонеъ гардонида, бо ин роҳ ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ саҳми худро гузорад.

ФОИЗИ ҚАРЗҲОИ КАДОМ БОНК ПАСТТАР АСТ?

КВД "Саноатсодиротбонк" низ дастгирии молиявии корхонаҳои саноатӣ ва соҳибкорони инфиродии ба истеҳсоли молу маҳсулоти воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда марбутро аз ҳадафҳои аслии худ қарор дода кӯшиш намудааст, қарзҳоро бо меъёри фоизии дастрас пешниҳод намояд:

"Айни замон "Саноатсодиротбонк" бо мақсади дастгирии қишри ниёзманди аҳолӣ ва дастгирии ҳунарҳои мардумӣ барои рушди соҳибкории хурду миёна, ба соҳибкорон дар соли ҷорӣ маҳсулоти имтиёзноки қарзии навро бо меъёри 10 фоизи солона бо пули миллӣ пешниҳод намуда истодааст. Ҳадаф аз роҳандозӣ намудани ин имтиёз бори дигар дастгирии соҳибкории хурд ва рушди тиҷорати оилавӣ буда, он иҷроиши саривақтии дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар бонк ифода менамояд. Лозим ба зикр аст, ки дигар маҳсулотҳои қарзии бонк низ барои дастгирии соҳибкорон нигаронида шудааст ва меъёри онҳо аз 14 то 18 фоизи солона бо пули миллиро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳандаҳо нисбат ба меъёри миёнавазни қарзҳо дар ҷумҳурӣ бо пули миллӣ мутаносибан аз 5 то 7 банди фоизӣ пасттар мебошанд. Саноатсодиротбонк дастрасии соҳибкорон ба қарзҳои мусоидро пайваста густариш медиҳад. Пешниҳоди қарзҳо аз ҷониби ин бонк агар дар соли 2021 дар 35 шаҳру ноҳияҳо сурат гирифта бошад, пас дар соли 2022 ин нишондиҳанда 53 шаҳру ноҳияҳоро фаро гирифтааст".

Дар самти паст кардани фоизи қарзҳо дар ҳошияи дастуру супоришҳои Роҳбари Олии мамлакат ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" ҳам тадбирҳои зарурӣ андешидааст. Тибқи маълумоти ин бонк, меъёри фоизҳои амалкунанда дар ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" нисбатан пасттар буда, ин бонк талаботи пешниҳоди қарзро низ мукаммалу сода гардонидааст.

"Бонк вобаста ба муайян намудани арзиши қарз усул ва тавсияҳои Бонки миллии Тоҷикистонро мавриди амал қарор дода, ҳамзамон самтҳои афзалиятноки паст кардани арзиши қарз ва дарёфту ҷалби манобеи нисбатан арзони онро омӯхта, корҳои амалиро

пайваста ба роҳ мемонад. Аз ин лиҳоз, баҳри афзоиши дастрасӣ ба қарзҳо дархостҳои қарзӣ вобаста ба сохтору хусусияти ҳар соҳа дар алоҳидагӣ баррасӣ мешаванд ва вобаста ба маҳсулоти қарзӣ имтиёзҳо пешниҳод карда мешаванд. Бояд қайд кард, ки меъёри фоизи солонаи қарзҳо дар бонки мо бо пули миллӣ аз 10%-и солона сар мешавад ва бо асъори хориҷӣ - доллари ИМА аз 12,5%-и солона оғоз мегардад".

"АМОНАТБОНК" ВА ХОҲИШИ МУШТАРИЁН

Ба ин минвол, мушоҳидаҳо ва маълумоти пешниҳоднамудаи бонкҳо нишон медиҳанд, ки бо ин вуҷуд ки бархе ташкилотҳои қарзӣ барои коҳиш додани меъёри фоизи қарзҳо иқдом кардаанд, вале боз ҳам зарурати коҳиш додани фоизи хизматрасонии қарзҳо мавзуи рӯз боқӣ мемонад.

Бино ба таҳлилҳои БДА ҶТ "Амонатбонк" баланд будани фоизи қарзҳо боиси худдории муштариён аз гирифтани қарз мешавад ва муштариён пайваста ҳангоми дархост намудан хоҳиш менамоянд, ки бо фоизҳои пасттар ба онҳо қарз пешниҳод карда шавад. Ба гуфтаи масъулин "Амонатбонк" бо таваҷҷуҳ ба он ки фоизҳои паст ва муҳлати дарози қарзҳо аз омилҳои ҷалбкунандаи муштариён ба бонкҳо маҳсуб мешаванд, пайваста байни мардум кор бурда, имконияту хоҳишҳои онҳоро ҳангоми пешниҳоди хизматрасониҳо ба инобат мегирад.

ЧӢ БОЯД КАРД ТО ФОИЗИ ҚАРЗҲО ПАСТТАР ШАВАД?

Ҳоло суоли матраҳ ин аст, ки ташкилотҳои қарзӣ чӣ бояд кунанд, ки фоизи қарзҳо пасттар шавад ва дастрасӣ ба қарзҳо барои шаҳрвандон осонтар гардад? Ба ин пурсиш чанде аз масъулини ташкилотҳои қарзӣ посух доданд.

Посухи БДА ҶТ "Амонатбонк":

"Барои паст кардани фоизи қарз бояд фоизи амонату пасандозҳои ҷалбгардида коҳиш дода шавад. Ҳамзамон, сармояи арзон аз хориҷи кишвар бо фоизҳои паст ва муҳлатҳои дароз ҷалб карда шавад. Инчунин, ҳадди ниҳоии фоизи амонату пасандозҳо барои ташкилотҳои қарзӣ то қадри имкон танзим карда шавад. Дар ин сурат имконият пайдо мегардад, ки дастрасӣ ба қарзҳо осон гардида, шаҳрвандон бо истифода аз маблағгузории қарзӣ нақшаҳои худро амалӣ намоянд ва ба ин васила талаботи истеъмолиашонро қонеъ гардонанд".

Ба ақидаи масъулини ТАҚХ "Имон Интернешнл" баланд бардоштани сатҳи боваринокии аҳолӣ барои кушодани суратҳисобҳои амонатии муҳлатнок дар ташкилотҳои қарзӣ яке аз омилҳои муҳим барои коҳиши фоизи қарзҳо ба ҳисоб меравад. Ба таъкиди онҳо, барои нисбатан пасттар кардани фоизи қарз ва беҳтар намудани дастрасии шаҳрвандон ба воситаҳои молиявӣ, ҳоло "Имон Интернешнл" пеш бурдани корҳои ташвиқотӣ ва маълумотдиҳиро ба аҳолӣ ҷиҳати баланд бардоштани боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ ва афзоиши саводнокии молиявии шаҳрвандон ба роҳ мондааст. Ин ташкилоти қарзӣ бо ин хотир, ҳамчунин маҳсулоти нави пасандозиро бо фоизҳои нисбатан баланд ба таври доимӣ пешниҳод намудааст.

Масъулини Бонки байналмилалии Тоҷикистон низ ҳарчӣ бештар ҷалб намудани маблағҳои озоди аҳолӣ ва захираҳои арзонро барои коҳиши меъёри фоизии қарзҳо муҳим меҳисобанд. Роҳбарияти ин бонк рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдиро аз омилҳои муҳим барои коҳиши арзиши қарз меҳисобад, аз ҷумла: "Дар ҳошияи сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мондани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ яке аз омилҳои пайдоиши маблағҳои муваққатан озод барои бонкҳо маҳсуб меёбад. Аз ин лиҳоз гузариши пурраи аҳолии кишвар ба ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ барои бонкҳо ва ҷалби захирахои озоду арзон боиси коҳиши арзиши карз мегардад. Ин омил боиси бештар шудани дастрасии аҳолӣ ба маҳсулоти қарзӣ хоҳад гашт".

Дар баробари ин авомил, ба андешаи коршиносон барои дастрасии бештар ба қарз ва кам кардани меъёри фоизи қарзҳо истифода аз роҳҳои дигар, ба мисли коҳиш додани хароҷоти пешниҳоди қарзҳо, вобаста ба коҳиши мизони таваррум коҳиш додани меъёри фоизи қарзҳо, коҳиши хавфҳои қарзӣ ва дар заминаи он пасттар намудани фоизи қарзҳоро муҳим мешуморанд. Ба назари коршиносон ба инобат гирифтани ин омилҳо ва бар пояи онҳо пешниҳод намудани қарзҳо ба муштариён то андозае барои коҳиши меъёри фоизи қарзҳо ва дастрасии бештар ба қарзҳо мусоидат менамояд. Қарзҳои дастрас дар навбати худ ба рушди иқтисодиёт, бунёди ҷойҳои корӣ ва некӯаҳволии мардум мусоидат мекунанд.

Аслам Мӯминов,
"БТҶ"

Вазъи ҷории рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар кишвар ва татбиқи технологияҳои муосири молиявии рақамӣ

Фаъолияти муосири бонкӣ бидуни истифодаи технологияҳои муосири молиявии рақамӣ, ки сифати хизматрасониҳоро беҳтар ва номгӯи онҳоро зиёд мекунад, ғайриимкон аст. Тавре ки таҷриба нишон медиҳад, аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ татбиқ намудани технологияҳои муосиру инноватсионӣ афзоиши назарраси фаъолияти ҷории онҳоро таъмин намуда, эътимоди аҳолии кишварро ба низоми бонкӣ боз ҳам таҳвият мебахшад. Дурнамои рушди бахши бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бештар ба такмили усулҳои фаъолияти бонкӣ дар асоси истифодаи технологияҳои муосир алоқаманд мебошад.

Салоҳиддинов Шуҳрат,
Сардори Идораи низоми пардохт

Бонки миллии Тоҷикистон, ҳамчун ҷузъи асосии инфрасохтори молиявӣ ва мақоми танзимкунандаи низоми пардохти кишвар, бо мақсади иҷрои саривақтии дастуру супоришҳои Ҳукумати мамлакат ҷиҳати вусъат бахшидани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар муомилоти пулии кишвар дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои давлатӣ, ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва шарикони рушд мунтазам тадбирҳои зарурӣ андешида истодааст.

Як қатор ташкилотҳои қарзии молиявии ватанӣ технологияҳои муосири молиявии рақамӣ, аз қабили кортҳои пардохтии бонкӣ, ҳамёнҳои электронӣ, бонкдории мобилӣ, Интернет-бонкинг, пардохтҳо тавассути POS – терминал ва QR-рамзро татбиқ намуда, ба аҳолӣ имкониятҳои осон, дастрас ва ба таври ғайринақдӣ пардохт намудани молу хизматрасониҳоро пешниҳод менамоянд. Дар ин замина аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ мунтазам корҳои ҳавасмандгардонии муштариён барои истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ ва вусъат додани пардохтҳои ғайринақдӣ анҷом дода мешаванд, ки пешниҳоди “Cash back”, яъне баргардонидани маблағи муайян ба муштарӣ дар маврриди пардохти ғайринақдӣ, аксияҳои бурднок, бонусҳо, пешниҳоди фоиз ба бақияи суратҳисобҳои кортҳои пардохтӣ аз қабили онҳо мебошанд.

Қобили қайд аст, ки айни замон шабакаи терминалии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ васеъ паҳн гардида, кортҳои пардохтии бонкии низоми

пардохтии миллии “Корти миллӣ”, инчунин низомҳои пардохтии байналмилалии Visa, Mastercard, UnionPay ва American Express – ро хизматрасонӣ менамояд ва ин ба муштариён имкон медиҳад амалиёти пардохти ғайринақдии молу хизматрасонӣ, гирифтани пули нақд ва дигар хизматрасониҳоеро, ки аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявии кишвар роҳандозӣ гардидаанд, бе мамониат анҷом диҳанд.

Тибқи маълумотҳои оморӣ то 31 декабри соли 2022 аз ҷониби 21 ташкилоти қарзии молиявӣ дар маҷмуъ 5,1 млн. адад корти пардохтии бонкӣ ба муомилот бароварда шудааст, ки шумораи онҳо нисбат ба ҳамин санаи соли қаблӣ 45,5 фоиз зиёд мебошад. Теъдоди умумии ҳамёнҳои электронӣ ба 6,3 млн. адад баробар гардида, нисбат ба соли қаблӣ 79,1 фоиз афзоиш ёфтааст. (Диаграммаи 1). Ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои таъмини хизматрасонӣ ба дорандагони кортҳои пардохтии бонкӣ ба ҳолати 31 декабри соли 2022 дар маҷмуъ 1 724 адад банкомат ва 2 132 адад терминали электронӣ дар нуқтаҳои пешниҳоди пули нақд насб намудаанд, ки нишондиҳандаҳои мазкур нисбат ба соли 2021 мувофиқан 22,1 фоиз ва 15,4 фоиз зиёд мебошанд. Илова бар ин, барои анҷом додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ 3 872 адад POS - терминал ва 17 433 адад QR–рамз насб карда шуданд, ки теъдоди онҳо назар ба ҳамин санаи соли 2021 мувофиқан 27,8 фоиз ва 58,0 фоиз зиёд мебошад. (Диаграммаи 2).

Дар давоми соли 2022 бо истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ (кортҳои пардохтии бонкӣ ва ҳамёнҳои электронӣ) дар маҷмуъ 33,4 млн. амалиётҳои пардохти ғайринақдӣ ба маблағи 8,2 млрд. сомонӣ гузаронида шуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 мувофиқан 46,3 фоиз ва 2,3 маротиба зиёд мебошад. (Диаграммаи 3).

Диаграммаи 1. Воситаҳои электронии пардохтӣ (млн. адад)



Диаграммаи 2. Рушди инфрасохтори пардохтӣ (адад)



Диаграммаи 3. Амалиётҳои тавассути воситаҳои электронии пардохтӣ анҷомдодашуда



Ҳамин тавр, дар ин давра таносуби ҳаҷми амалиётҳои гирифтани пули нақд ва пардохти ғайринақдии молу хизматрасонӣ бо истифода аз воситаҳои электронии пардохтӣ 88,0 фоиз ба 12,0 фоизро ташкил дода, ҳиссаи амалиётҳои пардохти ғайринақдӣ нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 2,4 банди фоизӣ зиёд гардидааст.

Боиси қайд аст, ки яке аз навовариҳо дар низоми пардохтии кишвар татбиқи лоиҳаи “QR-рамзи ягона” мебошад, ки он дар доираи Низоми пардохтҳои босуръат амалӣ гардида, аллакай ба фаъолият шуруъ кард. QR-рамзи ягона ба рушди ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар кишвар мусоидат намуда, имкон фароҳам меорад, ки дар нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ пардохтҳо аз дилхоҳ ҳамёни электронии ташкилотҳои қарзии молиявӣ амалӣ карда шаванд. Тибқи муҳлати муқарраркардаи Бонки миллии Тоҷикистон, ташкилотҳои қарзии молиявӣ бояд то 1 июни соли 2023 QR-пардохтҳоро тавассути QR-рамзи ягона пурра ба роҳ монанд.

Дар баробари ин, Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади такмили низоми пардохти кишвар ва созмон додани низомҳои муосир, лоиҳаи Низоми пардохтии “Ватан”-ро, ки барои интиқоли маблағ бе кушодани суратҳисоби бонкӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ дар дохили кишвар фаъолият хоҳад кард ва такмили фаъолияти Низоми пардохти миллии “Корти миллӣ”-ро ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид ва рақобати солим байни иштирокдорони низом фаъолона амалӣ карда истодааст.

Бонки миллии Тоҷикистон мунтазам таҷрибаи беҳтарини ҷаҳониро дар самти рушди хизматрасониҳои молиявии рақамӣ мавриди омӯзиш қарор дода, ҷиҳати мусоидат ба рушди ин самт ва вусъат бахшидани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ созмон додани Равзанаи ягонаи пардохти хизматрасониҳои давлатӣ, татбиқи Низоми пардохтҳои босуръат (IFT), таъсиси Маркази ягонаи мушаххаскунӣ (SMART ID) ва ташкили Плат-

формаи ҳамгироии миллӣ (National SWITCH) барои анҷом додани амалиёт бо кортҳои пардохтии бонкиро ба мақсад мувофиқ мешуморад.

Бояд қайд кард, ки оммавӣ гаштани истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ (кортҳои пардохтии бонкӣ, ҳамёнҳои электронӣ ва ғ.) ҳангоми пардохти молу хизматрасонӣ ба вусъат ёфтани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар муомилоти пулии кишвар мусоидат намуда, як қатор бартариятҳоро фароҳам меоварад, аз ҷумла:

- дар иқтисодиёт ҷараёнҳои молиявӣ шаффоф гардида, ҳаҷми иқтисодиёти ғайрирасмӣ коҳиш меёбад, дар натиҷа воридоти маблағҳои андоз зиёд мешавад, инчунин барои ҷалби сармояи хориҷӣ шароити мусоид фароҳам меоварад;

- пардохти молу хизматрасонӣ, аз ҷумла пардохтҳои давлатӣ осон ва дастрас гардида, талаботи аҳолӣ ба пули нақд коҳиш меёбад. Дар натиҷа, навбатпӯй дар назди банкоматҳо ва хазинаҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои гирифтани пули нақд кам шуда, боиси сарфаи вақту камшавии роҳкирои муштариён мегардад;

- ташкилотҳои қарзии молиявӣ имкон пайдо мекунанд, ки амалиётҳои иловагиро коҳиш дода, вақтро сарфа намоянд ва бо тезонидани суръати пешниҳоди хизматрасониҳои бонкӣ муштариёни навро ҷалб кунанд.

ТАЛАБОТ БАРОИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ

Тибқи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 9 декабри соли 2022, №139 "Талабот ба мазмуни шартнома ва санади қабулу интиқоли портфели суғуртавӣ" тасдиқ гардид. Ин ҳуҷҷат 23 декабри соли 2022, №1260 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шуд ва баъд аз нашр шудан дар матбуоти расмӣ қувваи қонунӣ пайдо кард. Бар асоси ин ҳуҷҷати нав ба ташкилотҳои суғуртавӣ зарур мешавад, ки дар вақти бозхонди иҷозатнома, риоя нагардидани талаботи қонунгузорӣ дар соҳаи суғурта, азнавташкилкунӣ ё барҳамдиҳӣ, ихтиёран рад кардани амалисозии фаъолияти суғуртавӣ ва асосҳои дигар муқаррароти санади меъёрии ҳуқуқии мазкурро риоя намоянд. Ҳангоми қабулу интиқоли портфели суғуртавӣ иҷро намудани муқаррароти ин санад барои ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ҳатмӣ мебошад.

- **Ба ҶДММ Ташкилоти амонатии қарзии хурди "Эмин Сармоя" иҷозатнома дода шуд**

Мутобиқи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 14 декабри соли 2022, таҳти №140 ба ҶДММ Ташкилоти амонатии қарзии хурди "Эмин Сармоя" барои анҷом додани амалиёти бонкӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ иҷозатнома дода шуд.

- **Ба ҶДММ "Тад Дюти Фри" иҷозатнома дода шуд**

Ба ҶДММ "Тад Дюти Фри" бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 16 январи соли 2023 таҳти №5, барои фаъолият оид ба анҷомдиҳии амалиёт бо асъори хориҷӣ ба муҳлати 3 сол иҷозатнома дода шуд.

- **Иҷозатнома ба "Платёжный Центр"**

Дар асоси қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 10 январи соли 2023, таҳти №2 ба Ташкилоти қарзии ғайрибонкии ҳисоббаробаркунии "Платёжный Центр", ки дар Русия таъсис ёфтааст, барои фаъолияти оператори низоми пардохтии "Золотая Корона" ба муҳлати 5 сол иҷозатнома дода шуд.

- **Дар бораи ҶСП Ташкилоти амонатии қарзии хурди "Шукр Молия"**

Бино ба қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 14 декабри соли 2022, таҳти №141 ба ҶСП Ташкилоти амонатии қарзии хурди "Шукр Молия" барои анҷом додани амалиёти бонкӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ иҷозатнома дода шуд.

- **Ба ҶДММ "Васл" иҷозатнома дода шуд**

Дар асоси қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2022, таҳти №151 ба ҶДММ Ташкилоти қарзии ғайрибонкии "Васл" барои анҷом додани амалиёти бонкӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ иҷозатнома дода шуд. Дар асоси қарори мазкур иҷозатномаи ҶДММ Ташкилоти амонатии қарзии хурди "Васл", ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 4 октябри соли 2019, таҳти №123 дода шудааст, бинобар табдилёбӣ ба ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ беэътибор дониста шуд.

- **Муҳлати фаъолияти КВД "Тоҷиксуғурта" тамдид ёфт**

Дар асоси қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 7 марти соли 2023, №28 ба Корхонаи воҳиди давлатии "Тоҷиксуғурта" барои амалӣ намудани фаъолияти суғуртавӣ бо роҳи тамдид намудан ба муҳлати 5 сол иҷозатнома дода шуд. Тибқи ин қарор, ҳамин гуна иҷозатномаи пешинаи КВД "Тоҷиксуғурта", ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон 13 июли соли 2021, таҳти №112 ҷиҳати амалисозии фаъолияти суғуртавӣ дода шуда буд, аз эътибор соқит дониста шуд.

- **Амали иҷозатномаи MoneyGram Payment Systems, Inc. қатъ гардид**

Бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2022, №146 амали иҷозатномаи MoneyGram Payment Systems, Inc. (МаниГрам Пеймент Системс, Инк), ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон 30 августи соли 2019, №110 дода шудааст, бинобар анҷом ёфтани муҳлаташ қатъ гардид.

- **Дар бораи ҶДММ "Ташкилоти суғуртавии Меҳрубон"**

Бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 16 январи соли 2023, таҳти №3 бинобар сабаби дағалона вайрон гардидани талаботи қонунгузорӣ дар асоси ҳалномаи эътибори қонунипайдокардаи Суди иқтисодии шаҳри Душанбе аз 11 октябри соли 2022, амали иҷозатномаи ҶДММ "Ташкилоти суғуртавии Меҳрубон", ки барои анҷом додани фаъолияти суғуртавӣ дода шудааст, қатъ гардид.

- **Дар бораи қатъи фаъолияти ҶДММ "БЭСТ"**

Тибқи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2022, №147 амали иҷозатномаи ҶДММ "БЭСТ", ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2019, №109 дода шудааст, бо сабаби ба охир расидани муҳлаташ қатъ карда шуд.

Нақши занон дар рушди низоми бонкӣ

Он миллате саодатманд ва пирӯз аст, ки Сарвараш оқилу хирадманд ва соҳибфазилат бошад.

Назирӣ Гулбаҳор Назир
Муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон
Раиси Шурои бонувони БМТ
доктори илмҳои иқтисодӣ

Хушбахтона, дар симои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳу эътибори хосаро нисбат ба бонувони кишвар беш аз пеш эҳсос менамоем.

Дар даврони соҳибистиқлолии кишвар Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Пешвои маҳбуби миллат вобаста ба ҳифзи ҳуқуқҳои конституцсионии занон ва таҳкими мақоми онҳо тамоми тадбирҳои имконпазирро андешида, мутобиқи меъёрҳои ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона ба масъалаи занону бонувон, ҳамчун нерӯи тавоно ва пешбарандаи ҷомеа аҳаммияти махсус зоҳир намуда, саҳми бонувони соҳибфазилату соҳибҳунари тоҷикро дар рушди устувори миллӣ муҳим арзёбӣ менамояд.

САРПАРАСТ ВА САРВАРИ КУЛЛИ БОНУВОН

Нақши бонувону занон дар эъмори ҷомеаи демократӣ ва дунявӣ хеле бузург мебошад.

Аз он сарфароз ва шарафмандем, ки ба ҳайси сарвари кулли бонувони тоҷик, ки дар мансаби баланди давлатӣ фаъолият менамоянд ва сарпарасти тамоми бонувони тоҷик шинохта шудаанд, **бонуи ботадбиру хирадманди миллат Озода Раҳмон мебошанд**.

Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муаллимаи гиромиқадри мо на танҳо барои баланд бардоштани мақому манзалати зани тоҷик, ҳамзамон баҳри номварии зани тоҷик дар арсаи байналмилалӣ саҳми беназир доранд ва аз ҷониби **Созмони байналмилалии "Занони сиёсатмадори роҳбар" сафири ин созмон интихоб гардидаанд.**

Имрӯзҳо ба шарофати ин сарварию пуштибонӣ мақому манзалати занону бонувон рӯзафзун боло меравад, ҷойгоҳи шахсияти зан ва нақши ӯ аз лиҳози фардӣ ва иҷтимоӣ дар Тоҷикистон муқаддас дониста мешавад.

Воқеан ҳам, имрӯз дар кишвар соҳае нест, ки занону бонувони тоҷик дар он фаъолияти пурсамар надошта бошанд. Занону бонувон дар баробари фаъолият дар соҳаҳои сиёсати давлатӣ, дипломатӣ, иҷтимою иқтисодӣ, фарҳангӣ, дар низоми бонкии кишвар низ софдилонаву содиқона заҳмат кашида истодаанд.

ПАЁМИ НАВБАТИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ АЗ НАҚШИ ФАЪОЛИ ЗАНОН

Дар Паёми навбатии худ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо таваҷҷуҳ ба масъалаи дастгирии занону бонувон ва баланд бардоштани мавқеи зан дар ҷомеа иброз доштанд, ки занону духтарон дар ҷомеаи имрӯзаи мо нақши фаъол дошта, дар аксар соҳаҳо, бахусус дар бахшҳои иҷтимоӣ бештар кору фаъолият менамоянд. Ҳамин аст, ки алҳол аз шумораи умумии хизматчиёни давлатӣ 25 фоиз, аз ҷумла кадрҳои роҳбарикунанда қариб 20 фоизро бонувону занон ташкил медиҳанд. Инчунин, бонувону занон дар соҳаи маориф 73 фоиз, тандурустӣ 71, фарҳанг 47, бонкдорӣ 39, алоқа 25, аз ҷумла дар соҳаи хизматрасонии иттилоотӣ қариб 40 фоиз мебошанд.

Таъсиси грантҳои президентӣ ба густариши фаъолияти соҳибкории занону бонувон мусоидат намуд ва онҳо дар баробари беҳтар сохтани шароити оилавии худ ҳоло ба рушди иқтисоди кишвар таъсири назаррас расонида истодаанд.

Соли 2022 ба зиёда аз 600 ҳазор занону бонувон аз ҷониби муассисаҳои бонкӣ ба маблағи беш аз 3 миллиарду 400 миллион сомонӣ қарз дода шудааст, ки нисбат ба соли 2018-ум 2,4 баробар зиёд мебошад.

Умуман, **дар панҷ соли охир маблағи қарзи ба занону бонувон пешниҳодшуда 12,4 миллиард сомониро ташкил кардааст.**

Рақамҳои зикршуда гувоҳи равшани **фаъол будани занону бонувон дар иқтисодиёт**и кишвар мебошанд.

Пешвои миллат ҳамеша дар суханрониҳояшон пешниҳод менамоянд, ки ҷалби занону духтарон ба кор дар муассисаҳои низоми бонкӣ ва дигар бахшҳои хизматрасонӣ бештар гардад, то ки дар ин сохторҳо низому тартиботи кор боз ҳам таҳвият ёбад. Мақсад аз чунин пешниҳод истифодаи боз ҳам бештари неруи созандаи бонувону духтарон барои амалӣ гардидани ташаббусҳои созанда мебошад.

САҲМИ БОНУВОН ДАР БОНКИ МИЛЛӢ

Ҷиҳати иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа”, дар Бонки миллии Тоҷикистон ба масъалаи рушди касбӣ ва ба вазифаҳои роҳбарӣ пешбарӣ кардани занҳо диққати махсус дода мешавад.

Ҳамин аст, ки дар сохтори Бонки миллии Тоҷикистон аз шумораи умумии воқеии кормандон дар ин давра аз 735 нафар 244 нафар ё 33,2%-ро занон ва дар дастгоҳи марказӣ аз 454 нафар 147 нафар ё 32,4%-ро занон ташкил медиҳанд.

Аз ин шумора 26 нафар дар вазифаҳои роҳбарикунанда кору фаъолият менамоянд.

Дар дастгоҳи марказии бонк 7 нафар бонувон дорои унвони илмӣ, аз ҷумла 6 нафари онҳо **номзади илм** ва 1 нафар соҳиби **дараҷаи илмии доктор** мебошанд.

Мебояд ёдовар шуд, ки 3 нафар бонувон - мутахассисон зинаи магистратураро дар доираи **лоиҳаи Маркази ҳамкориҳои**

байналмилалии Япония (JICE) бомуваффақият хатм карданд. Айни замон дар ин самт 3 нафар зан кормандони БМТ таҳсилро давом дода истодаанд.

Бонувони Бонки миллии Тоҷикистон дар **Барномаи муштараки Бонки Ҷаҳонӣ дар якҷоягӣ бо Иттиҳоди фарогирии молиявӣ ва Мактаби тиҷоратии Донишгоҳи Оксфорд,** ки барои занон – роҳбарони муассисаҳои танзимгари молиявӣ ва мутахассисони ҷавон пешбинӣ шудааст, муддати шаш моҳ тариқи онлайн-сессия бомуваффақият таҳсил намуда, соҳиби сертификати байналмилалӣ гардиданд.

Бо назардошти фаъолияти пурсамар, саҳми арзанда дар рушду инкишофи низоми бонкӣ, рафтори намунавӣ ва ба муносибати 31 – солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 3 нафар занон мукофотҳои соҳавӣ дода шуд.

Ҳамчунин, бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **якчанд нафар занон бо мукофотҳои давлатӣ**, Ифтихорномаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо медали ҷашнии “20 солагии Созмони ҳамкориҳои Шанхай” сарфароз гардонида шуданд.

ФАЪОЛИЯТИ ШУРОИ БОНУВОН ТАҚВИЯТ МЕЁБАД

Бо мақсади дастгирии зануну духтарон дар Бонки миллии Тоҷикистон Шурои бонувон фаъол аст, ки роҳбарии онро муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон ба ухда дорад. Ҳадаф аз ташкили ин Шуро - ҳифз ва таъмини ҳуқуқу манфиатҳои бонувон ва дани вазъи иҷтимоию фарҳангии бонувон ба таври мунтазам таҳия намуда, барои дарёфти роҳҳои нави ҳалли масъалаҳои баробарии гендерӣ, баррасии саривақтии муроҷиатҳои бонувони Бонки миллӣ, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо, такмили ихтисос тариқи ташкили барномаҳои омӯзишӣ тадбирҳои зарурӣ меандешад.

Воқеан ҳам, ширкати бонувон дар ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар, фаъолияти онҳо дар мансабҳои давлативу сиёсӣ ва маҷлисҳои маҳалливу ҷумҳуриявӣ далели раднопазири татбиқи рукнҳои ҷомеаи демократии кишвар мебошад.

Дар замони соҳибистиқлолӣ дар мансабҳои давлатӣ даҳҳо нафар бонувони тоҷик дар мансаби вазир, дар мансаби муовини сарвазир ва даҳҳои дигар дар вазифаҳои

оила, ба даст овардани баробарии гендерӣ, васеъ намудани доираи иштироки бонувон дар ҳалли масоили иҷтимоию иқтисодӣ, такмили ихтисос ва омодагии касбии мутахассисон аз ҳисоби бонувон мебошад. Шурои бонувон нақшаи чорабиниҳоро оид ба беҳтар намуроҳбарикунандаи шаҳру ноҳияҳо фаъолият намуда истодаанд.

Сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат, ки занону бонувон дар меҳвари он қарор доранд, аз марому ҳадафҳои Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон маншаъ мегирад.

БОНУВОН ВА СИЁСАТ

Аз рӯзҳои нахустини таъсисёбии ҳизб, бо пешниҳоди Раиси муаззами ҲХДТ дар Барномаи пешазинтихоботии ҳизб баланд бардоштани мақому манзалату мартабаи занону духтарони тоҷик ҷойгоҳи вижаро касб намудааст.

Ҳизби раҳнамо аз оғози фаъолият бо барномаҳои мукаммал дар рушди устувори иқтисодӣ ва зиндагии шоистаи мардуми кишварамон ҳиссаи сазовор гузошта, дар татбиқи сиёсати гендерӣ низ пешсаф мебошад. Барои расидан ба баробарҳуқуқии воқеии мардону занон дар ҷомеа, ҷалби бонувон ба корҳои давлатию ҷамъиятӣ пайваста талош меварзад ва дар маҷмуъ, бонувон ҳамчун як қишри муҳимми ҷомеа дар маркази таваҷҷуҳи ҳизби пешоҳанг қарор доранд.

Ҳамин аст, ки аз ҷониби Шурои бонувони Бонки миллии Тоҷикистон мунтазам бо занҳои сиёсатмадор мулоқоту вохӯриҳо доир карда шуда, фаъолияти пурсамар ва саҳми арзандаи онҳо дар рушду инкишофи ҷомеа ба сифати намунаи ибрат таблиғу ташвиқ карда мешавад. Аз ҷумла, дар мулоқоти бонувони Бонки миллии Тоҷикистон бо муовини раиси Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон Хайринисо Юсуфӣ, раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Қурбонзода Ҳилолбӣ, узви Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон Хидирзода Махфират, ин занҳои сиёсатмадор ва намунаи ибрат барои бонувон оид ба дастгириҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати кишвар дар самти баланд бардоштани мақому манзалати зан дар ҷомеа ибрози назар карданд. Зимни мулоқот таваҷҷуҳи бонувони Бонки миллӣ ба масъалаҳои муҳимми ҳаёт ва фаъолияти бонувон, иштироки фаъоли онҳо дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар, нақши онҳо дар тарбияи насли солими ҷомеа, аз ҷумла таълиму тарбияи фарзанд ва одобу фарҳанги либоспӯшии бонувон, бунёди оилаи солим, риояи муқаррароти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”, “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва “Дастурамали либосҳои тавсиявӣ барои духтарон ва занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, танзими расму ойин ва анъанаву маросимҳои миллӣ ҷалб карда шуд.

ҶАЛБИ БОНУВОН БА НИЗОМИ БОНКӢ

Аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон баҳри татбиқи дастуру супоришҳои Пешвои миллат ҷиҳати рушди иқтисод ва пешрафти соҳаи бонкдорӣ тадбирҳо амалӣ мегардад, ки дар иҷрои онҳо саҳми бонувони кишвар шоиста арзёбӣ мегардад. Ин иқдом дар навбати худ ба вусъат бахшидани фаъолияти бонкӣ ва беҳтар гардидани сатҳу сифати хизматрасониҳои молиявию бонкӣ беш аз пеш мусоидат менамояд.

Роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон дар баробари масъалаҳои муҳимми низоми

бонкӣ, ба масъалаи ҷалби бештари бонувон ба кор дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ пайваста таваҷҷуҳ зоҳир менамояд.

Баъди таваҷҷуҳи зиёди Ҳукумати кишвар ба масъалаи мазкур ва андешидани як қатор тадбирҳо аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон, таҳлили омории шумораи умумии кормандони бонкҳои ҷумҳурӣ нишон дод, ки сафи бонувон дар низоми бонкӣ сол аз сол тамоюли афзоиш дорад.

Ҳамин аст, ки дар соли 2022 аз

шумораи умумии кормандони низоми бонкӣ 6 952 нафарро бонувон (ё 39,2 фоиз) ташкил медиҳанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 513 нафар зиёд мебошад. Аз теъдоди умумии бонувони дар низом фаъолияткунанда 475 нафар ба бахши роҳбарикунанда рост меоянд (18,8 фоизи шумораи умумии вазифаҳои роҳбарикунанда дар низоми бонкӣ), ки нисбат ба соли гузашта раванди афзоиш дорад.

Бо вуҷуди зиёд шудани теъдоди бонувон дар низоми бонкии мамлакат, Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии кишвар барои зиёд намудани шумораи бонувон дар низом андешидани тадбирҳои зарурӣро идома медиҳад. Бонки миллии Тоҷикистон ба ташкилотҳои қарзӣ дар доираи салоҳият пайваста тавсия медиҳад, ки зимни қабули кормандон ба занону духтарони соҳибтахассус афзалият дода шавад ва сафи бонувон дар низом афзоиш ёфта, ба ин васила баҳри беҳдошти вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ ва маънавии занону бонувон заминаи воқеӣ гузошта шавад.

Дар баробари ин, Бонки миллии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои вусъат додани фаъолияти соҳибкорӣ, таҳвияти бахшидани рушди соҳаҳои гуногуни саноат, кишоварзӣ, рушди деҳот, соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ бо роҳи пешниҳод намудани маблағгузории қарзӣ талош менамояд. Зеро маблағгузории қарзӣ яке аз воситаҳои асосии таъмини рушди устувори иқтисодиёт, вусъат додани истеҳсолоти ватанӣ, устувор намудани иқтидори содиротӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ дар кишвар ба ҳисоб меравад.

Бонки миллии Тоҷикистон минбаъд низ баҳри дастгирии занону бонувони соҳибкор ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар саҳми худро хоҳад гузошт.

САЗОВОРИ ДАСТГИРИҲО ВА ҒАМХОРИҲО БОШЕМ

Ғамхориҳои пайвастаи Пешвои муаззами миллат моро водор месозад, ки қабл аз ҳама, дар ҳифзи беҳтарин ва ноёбтарин ганҷи инсоният дар рӯи замин - соҳибистиқлолӣ, вахдати миллӣ ва сулҳу осоиши ватани маҳбубамон дар баробари мардон муваззаф бошем ва фарзандони хешро дар руҳияи худшиносию худогоҳӣ, ватандӯстию меҳанпарастӣ тарбия намоем.

Зеро танҳо модарон метавонанд дар замири фарзанд меҳру муҳаббати ватанро парварида, фарзанди нексиришту некномро барои хизмати ватани азиз, ободию пешрафти ҷомеа тарбия намоянд, то ки пояҳои истиқлолу озодии кишвараамон боз ҳам устувортар гарданд.

Дар ин робита, мо, занону бонувон бояд дар ҷавоб ба эътимод, дастгирӣ ва ғамхориҳои пайвастаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъулияти модарӣ, инсонӣ ва шаҳрвандии худро таҳвияти дода, фарҳанги миллии худро таҳким бахшем, то тавонем амнияти ва манфиатҳои миллиро ҳамчун беҳтарин василаи пайванди қарнҳои гузашта, имрӯза ва ояндаи ҷомеа таъмин намоем.

Бинобар ин вазифаи ҷонии ҳар яки мо - занҳост, ки дастовардҳои бузурги милливу давлатиро таҳким бахшида, ояндаи дурахшони ватанамонро бо кору фаъолияти содиқонаву софдилона, бо дастони худамон созем ва ба сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба мақому манзалати зан дар ҷомеа арҷ гузорем ва барои расидан ба ҳадафҳои созандаамон кӯшиш ба харҷ диҳем.

Айём амонӣ шуд, Наврӯз ҷаҳонӣ шуд,
Эй ҳамдилу ҳампаймон,
Наврӯз муборак бод!

Таҷлили Рӯзи Модар

Таҷлили ҷашни фархундаи Рӯзи Модар дар Бонки миллии Тоҷикистон таҳти раёсати раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло, 7 марти соли 2023.

дар Бонки миллии Тоҷикистон

ҶАШНИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ НАВРӮЗ

Дар остонаи таҷлили ҷашни байналмилалии Наврӯз 17 марти соли 2023 дар Бонки миллии Тоҷикистон чорабинии бошукӯҳи фарҳанги баргузор гардид. Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло ҳамаи кормандони низоми бонкии мамлакатро бо фаро расидани ҷашни байналмилалии Наврӯз самимона табрику таҳниятҳо гуфт.



Мавқеи ҷавонон дар

Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон

Боиси хушнудии мо ҷавонон аст, ки Пешвои маҳбуби миллат дар Паёмҳои ҳарсолаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба нақшу саҳми ҷавонон дар рушду нумуи кишвари азизамон изҳороти мусбат ва умедворкунанда иброз менамоянд. Аз ҷумла, дар Паёми навбатии худ бори дигар ба ин қувваи ҷавону неруи созандаи кишвар рӯ оварда, чунин таъкид доштанд: “Ҷавонони кишвар дар рушди давлат ва ободии Ватан фаъолона саҳм гузошта, марзу буми сарзамини аҷдодиро ҳимоя карда, ватандӯсту ватанпарвар, бонангу номусанд ва ба халқу давлати Тоҷикистон содиқ мебошанд”.

Ин гуфтаҳои Президенти кишварамон барҳақанд, чунки ҷавонони кишвар дар самти рушди соҳибкории хурду миёна, махсусан соҳибкории истеҳсолӣ саҳми назаррас доранд ва бо ин дар раванди саноатикунонии босуръати кишвар ҳиссагузор мебошанд.

Дар самти ҳифзи марзу буми Ватани азизамон низ қисми асосии нигоҳдорикунандаи мудофиаи кишварро ҷавонон дарбар мегиранд ва онҳо сипари аслии ҷомеа ва сарзамини мо мебошанд. Ҷавонон Ватани аҷдодиро ҳамеша ҳимоя менамоянд ва дахлнопазирии марзу бумро ҳифз мекунанд. Маҳз ҷавонони бонангу номуси дар хизмати ҳарбӣ қарордошта, суботу муътадилии ҷомеаро таъмин намуда, оромиву сулҳро барои ҳар як фарди ҷомеа таъмин менамоянд.

> “Ҷавонони Тоҷикистони соҳибистиқлол неруи созандаи Ватан буда, нақши онҳо дар тараққиёти ҳамаи соҳаҳои ҳаёти давлат ва ҷомеа бисёр арзишманд ва назаррас мебошад”.
>
> Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Дар баробари ин, саҳми ҷавонон дар оммавигардонии варзиш дар қаламрави кишвар бо барномаҳову чорабиниҳои гуногун аз ҷумла тариқи барномаҳои телевизионӣ, гузаронидани машқҳои гуногун бо ҷалби ҷавонони соҳаҳои мухталиф, ташкили Дави миллӣ, баргузории мусобиқаҳои дигари варзишӣ бениҳоят арзанда ва шоистаи таҳсин мебошад.

Ногуфта намонад, ки ҷавонон зери таваҷҷуҳи ҳамешагӣ ва хоссаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд. Бинобар ин, бо қабули “Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022 - 2026” ва “Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими

ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023 - 2027” тамоми паҳлуҳои ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии ҷавонон зери ҳимоя ва таҳти пешбурди Ҳукумат қарор гирифтааст.

Ба ҳамагон маълум аст, ки дар замони ҷаҳонишавӣ ва паҳншавии равияҳои радикалии динӣ ҷавонон қишри осебпазир буда, Президенти мамлакат ҳамеша онҳоро ба хотири ободиву пешрафти Ватан ва таъмини амнияту суботи ҷомеа бо дастгириву ғамхорӣ фаро гирифта, ҳаллу фасли мушкилоти ҳаёти онҳоро меҳвари сиёсати давлатӣ қарор додаанд.

Дар ин замина, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатӣ ба Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш супориш доданд, ки якҷоя бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати қабули барномаҳои маҳаллии кор бо ҷавонон тадбирҳои амалӣ андешида, барои мукаммал намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷиҳати пешгирӣ аз шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои мамнуъ ва рушди маърифатнокии ҷавонон бо зиёд намудани майли онҳо ба илмҳои дақиқ ва ташаккули шуурнокии дурусти сиёсии ҷавонон, чораҳои таъхирнопазир андешанд.

Аз ин рӯ, мо ҷавонони Бонки миллии Тоҷикистон дар посух ба ин ҳама ғамхориву дастгириҳои Пешвои миллат бояд тамоми саъю кӯшиши худро барои рушду нумуи Ватани маҳбубамон анҷом дода, ҳар кадом дар соҳаи худ саҳми арзанда гузорем.

Фаромӯз Раҳмонзода,
роҳбари Созмони ҷавонони БМТ

ҲАДАФИ СОЗАНДА БАРОИ РУШДИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

Ислоҳоти низоми молиявию бонкӣ дар партави Паёми Пешвои миллат

Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд “дар панҷ соли охир таъсири манфии бархӯрдҳои геосиёсӣ, низоъҳои тиҷоратӣ, паҳншавии беморихои сироятӣ, инчунин, пайомадҳои тағйирёбии иқлим ба иқтисоди кишварҳои ҷаҳон шиддат ёфта, яроқнокшавии бошитоб ва оғози марҳалаи «ҷанги сард» боиси халалдор шудани низоми муносибатҳои иқтисодиву тиҷоратии байни давлатҳо ва ба вуқуъ омадани буҳрони ҷаҳонии иқтисодӣ гардид ”. Чунин пайомаду зуҳуроти манфӣ ва ҷорӣ гардидани таҳримҳои нави иқтисодӣ нисбат ба шарики асосии стратегии кишвар Федератсияи Русия, афзоиши муноқишаи сиёсӣ миёни баъзе аз давлатҳои ҷаҳон ба ноустувории низоми молиявию бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бетаъсир нахоҳад буд.

Пешвои муаззами миллат бо нигаронӣ таъкид доштанд, ки авҷ гирифтани нобасомониҳо ва мураккаб гардидани ҳолати геосиёсӣ ба вазъи бе ин ҳам ноустувори молиявию иқтисодии давлатҳо таъсири манфӣ расонида, сабабгори шиддат гирифтани таҳримҳои пайдарпай ва мутақобилаи иқтисодӣ байни давлатҳо ва ба вуҷуд овардани монеаҳо дар муносибатҳои молию пулӣ, хароб гаштани вазъи молиявии давлатҳо, болоравии сатҳи нархҳо ва коҳишёбии руш-

ди мутавозини иқтисодиёти ҷаҳон мегардад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷузъи таркибии иқтисоди ҷаҳонӣ аст, нисбат ба бархӯрд ва ихтилофу муноқишаҳои сиёсии давлатҳо бетафовут буда наметавонад, ба ин далел омилҳои мазкур дар давраи дарозмуддат то андозае ба мунтазамии рушди иқтисод, фаъолияти низоми молиявию бонкии кишвар ва инкишофи он таъсири манфӣ мерасонанд.

Қобили қайд аст, ки дар чунин шароити ҳассос ба низоми молиявию бонкӣ, бахусус Бонки миллии Тоҷикистон муяссар шуд, ки ҷиҳати коҳиш додани хавфу хатарҳои афзоянда ва таъмини рақобатпазирии бахши молиявию қарзии кишвар тадбирҳои саривақтӣ андешад ва барои бозҳоштани болоравии бемайлони намояи нархҳои истеъмолӣ дар кишвар сатҳи таваррумро дар доираи 4,2% нигоҳ дорад. Бонки миллӣ ҷиҳати таъмини рушди устувори иқтисодиёт ва рафъи мушкилоти мавҷудаи бахши молиявӣ, ки дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 дарҷ гардидааст, якҷо бо ташкилотҳои қарзии молиявӣ низоми муосири босуръат афзояндаро таъсис дод, ки қодир аст маҳсулоти мухталифи босифат пешниҳод намояд.

Маврид ба зикр аст, ки дар Паёми навбатӣ Пешвои миллат ба масъалаи рушду таҳкими низоми молиявию бонкӣ ва ислоҳоти бахшҳои он таваҷҷуҳи хос зоҳир намуданд ва бо боварӣ метавон гуфт, ки рушди иқтисод дар баробари дигар соҳаҳо ба фаъолияти босамари низоми бонкӣ вобаста мебошад.

> **Дар ин замина, ҳадафҳои созандаи Пешвои миллат дар ҳама соҳаҳои иқтисодиёт ҷавобгӯи талаботи замон мебошанд, зеро ислоҳот дар бахши хизматрасонии молиявию бонкӣ яке аз воситаҳои муҳимми инноватсионии ҳалли масъалаҳои рӯзафзун барои ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар маҳсуб мегардад.**

Дар ин радиф новобаста аз мушкилоти ҷойдошта, Бонки миллии Тоҷикистон бо дастгирии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати рушди бахши молиявию бонкӣ ва ислоҳоти сохтори он, инчунин таъмини босуботи иқтисоди миллӣ тамоми чораҳои заруриро андешида истодааст.

Дар доираи сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон андешидани тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати дастгирии фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ, рушди минбаъдаи инфрасохтори пардохти ғайринақдӣ ва ташкили равзанаи ягонаи пардохти тамоми хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли ғайринақдӣ масъалаҳои муҳим ва саривақтӣ ҳисобида мешаванд. Гузаронидани ислоҳоти инфрасохтори технологӣ ва рушди афзояндаи навъҳои муосири пардохтҳои электронӣ тақозои замон буда, то ҳадди назаррас омилҳои ба вуҷуд овардани коррупсиониро коҳиш ва монеаҳои сунъиро бартараф месозанд.

Бинобар ин, ҷиҳати мусоидат ба рушди бахши молиявӣ ва расидан ба ҳадафҳои пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Пешвои миллат супориш дода шуд, ки аз 1-уми июли соли 2023 пардохти ҳамаи андозҳо ва боҷҳои давлатӣ барои додани иҷозат ва иҷозатномаҳо, ҷаримаҳо, маблағи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ ва дигар намудҳои хизматрасонии давлатӣ пурра ба таври ғайринақдӣ ба роҳ монда шавад. Дар ин зимн, **Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон вазифадор гардидаанд, ки ҷиҳати таъсис додани махзани ягонаи маълумот доир ба суратҳисобҳои ҳамаи сохтору мақомоти давлатӣ ва ташкилоту муассисаҳо, тавсеаи инфрасохтори пардохти ғайринақдӣ ва ташкили равзанаи ягонаи пардохти тамоми хизматрасониҳои давлатӣ тадбирҳои зарурӣ ва қатъӣ андешанд.**

Ҳақ ба ҷониби Пешвои миллат аст, зеро дар замони рушди бемайлони технологӣ татбиқи ҳадафҳои стратегии кишварро бе дарназардошти ислоҳоти бахши молиявӣ, рушди низоми босуръат ва рақобатпазири бонкӣ, ки хизматрасониҳои босифати муосири молиявиро пешниҳод карда, дар муқобил ба таъсири омилҳои дохилию берунӣ устувор мебо-

шад, тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Дар ин замина, ҳадафҳои созандаи Пешвои миллат дар ҳама соҳаҳои иқтисодиёт ҷавобгӯи талаботи замон мебошанд, зеро ислоҳот дар бахши хизматрасонии молиявию бонкӣ яке аз воситаҳои муҳимми инноватсионии ҳалли масъалаҳои рӯзафзун барои ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар маҳсуб мегардад.

Бояд қайд намуд, ки пурра ташаккул наёфтани бахши молиявӣ, маҳдуд будани номгӯи хизматрасониҳои молиявию бонкӣ, ҷавобгӯ набудан ба талаботи бахши воқеии иқтисодиёт ва истифодаи бештари ҳисоббаробаркуниҳои нақдӣ монеаи асосии маблағгузории иқтисоди миллӣ буда, ҷиҳати азнавсозии иқтидори истеҳсолӣ ва мувофиқ намудани хизматрасониҳои молиявӣ ба талаботи замон зарурати ислоҳотро дар ин бахш ба миён овард.

Ҳамчунин, дар ин самт як қатор мушкилоти дигар низ ҷой дорад, ки ислоҳоти низоми молиявию бонкӣ ва ҳалли масъалаҳои инноватсионии молиявиро талаб менамоянд.

Ислоҳоти бахши моливию бонкӣ яке аз ҳадафҳои асосӣ барои дастрасии бештар ба хизматрасониҳои муосири молиявӣ буда, рушди босуръати муассисаҳои молиявии рақобатпазир ва пешниҳоди маҳсулоти босифати инноватсионии молиявиро таъмин менамояд. Ин раванд дар таъмини ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва дастрасии саривақтии ҳамаи гурӯҳҳои аҳолӣ ба хизматрасониҳои маҷозии молиявии сифатнок таъсири назаррас дорад.

Бояд тазаккур дод, ки дар бахши молиявию бонкӣ як қатор масъалаҳо ҷой доранд, ки ислоҳотро дар ин низом тақозо менамоянд.

Таъмини мунтазамии рушди бахши молиявӣ ва рафъи мушкилоти асосӣ дар он, пеш аз ҳама ислоҳоти бахши молиявӣ ва таъмини қобилияти пешниҳоди маҳсулоти мухталифи инноватсионии молиявиро дар бар мегирад.

Яке аз масъалаҳои асосӣ дар ин самт зиёд намудани иқтидор ва рақобатпазирии муассисаҳои молиявӣ ва рушди инфрасохтори ин бахш мебошад, ки он тақвияти иқтидор ва рақобатпазирии ташкилотҳои қарзии молиявӣ, суғуртавӣ, лизингӣ, биржаи коғазҳои қиматнок ва ғайраро аз ҳисоби ҷорӣ намудани низоми стандартҳои байналмилалии фаъолият дар назар дорад.

Масъалаи дигари ҷойдошта ин диверсификатсияи воситаҳои маблағгузории дарозмуҳлати бахши воқеии иқтисодиёт мебошад, ки ташаккули бозори қарзии байнибонкӣ ва фароҳам овардани шароити мусоидро барои ташкили бозори такрории коғазҳои қиматнок ва рушди минбаъдаи босуръати ширкатҳои лизингӣ дар бар мегирад.

Ҳамзамон, бештар намудани маҳсулот ва хизматрасониҳои молиявии пешниҳодшаванда, ки дорои хусусияти навоварӣ мебошанд, масъалаи дигари ин самт ба шумор меравад, ки густариши ислоҳоти институтсионалӣ дар бахши молиявию бонкӣ ва таҳкими иқтидори захираҳои ташкилотҳои қарзии молиявиро тақозо менамояд.

Ҳамаи масъалаҳои ҷойдошта зарурияти таҳияи Стратегияи миллии фарогирии молиявиро ба миён овард, ки мунтазамии рушди бахши молиявиро таъмин намуда, имконият медиҳад, ки мушкилоти асосӣ бартараф гардида, маҳсулоти мухталифи инноватсионии молиявӣ истеҳсол карда шавад. Бинобар ин, ҳангоми таҳияи Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 ин масъалаҳо ба инобат гирифта шуда, роҳҳои самараноки низоми пардохт ва пешбурди сиёсати пулию қарзӣ пешбинӣ гардидааст.

Бахусус, масъалаи аз худ намудани маҳсулот ва хизматрасониҳои молиявии пешниҳодшаванда, ки дорои аломати инноватсионӣ мебошанд, дар мадди аввал қарор дошта, истифодаи васеи воситаҳои муосирро ҷиҳати ҷалби пасандозу амонатҳо ва рушди воситаҳои нави идоракунии пардохтпазир дар сатҳи Бонки миллӣ ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ пешбинӣ менамояд.

Азбаски низоми бонкӣ яке аз бахшҳои асосии амаликунандаи сиёсати пулию қарзӣ дар кишвар ба ҳисоб меравад, бинобар ин ислоҳот дар ин низом ногузир буда, нақши он дар устувор нигоҳ доштани қурби пули миллӣ ва сатҳи таваррум ё таъмин намудани фаъолияти самараноки низоми пардохт хеле назаррас мебошад.

Бинобар ин, дар Паёми навбатӣ ба Бонки миллӣ, Вазорати молия ва дигар вазорату идораҳои дахлдор дастур дода шуд, ки бо мақсади тавсеаи фарогирии

молиявӣ дар кишвар барои рушди шабакаи хизматрасониҳои молиявии рақамӣ, таъмин намудани гуногуншаклии хизматрасониҳои молиявӣ, ҳимояи ҳуқуқи истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ чорачӯй намоянд .

Чуноне ки маълум аст, маблағгузорӣ ба соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт яке аз муҳаррикони асосии рушди иқтисод ба шумор меравад, бинобар ин дар Паём таъкид гардид, ки масъалаи таъмини саривақтии талаботи иқтисодиёт ба маблағгузорӣ, хусусан, қарздиҳӣ бояд ҳамеша дар меҳвари фаъолияти низоми молия ва бонкии кишвар қарор дода шавад, зеро ҳар қадар ки аз ҷониби бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ ба аҳолӣ ва субъектҳои хоҷагидор қарзҳои дастрас зиёд пешниҳод карда шаванд, суръати рушди соҳаҳои иқтисодиву ичтимоӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ ҳамон қадар беҳтар мегардад.

Инчунин, ин иқдом дар навбати худ ба раванди рушди инноватсионии соҳибкории хурду миёна, дастрасию истифодаи хизматрасониҳои баландсифати бонкӣ, зиёд гардидани миқдори суратҳисобҳо дар ташкилотҳои қарзӣ, ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ тавассути низомҳои пардохтии электронӣ, интиқоли маблағҳои пулӣ, пасандозҳои аҳолӣ ва гирифтани қарз мусоидат менамояд.

Илова бар ин, дар натичаи татбиқи ин ислоҳот сохтори бахши молиявӣ такмил ёфта, ташкили бозори такрории коғазҳои қиматнок таъмин мегардад ва имконияти диверсификатсияи воситаҳои маблағгузории бахши воқеии иқтисодиёт муҳайё гардида, сатҳи баланди муомилоти нақдӣ дар бахши молиявӣ аз байн меравад.

> **Тавре дар Паём қайд гардидааст, ислоҳоти бахши молиявӣ дар самти баланд бардоштани иқтидор ва рақобатпазирии муассисаҳои молиявӣ, рушди инфрасохтори он андешидани як қатор тадбирҳоро тақозо менамояд, ки қисме аз онҳо ба низоми бонкии кишвар марбут мебошанд.**

Татбиқи босамари ислоҳот дар ин низом барои ташаккули бахши муосири молиявӣ ва таъсиси низоми муассисаҳои молиявии рақобатпазир замина муҳайё намуда, имкониятҳои иқтисодии соҳибкорону дигар сармоягузоронро васеъ мегардонад ва ба ин восита барои рушди иқтисоди миллӣ шароити мусоид фароҳам меорад.

Тавре дар Паём қайд гардидааст, ислоҳоти бахши молиявӣ дар самти баланд бардоштани иқтидор ва рақобатпазирии муассисаҳои молиявӣ, рушди инфрасохтори он андешидани як қатор тадбирҳоро тақозо менамояд, ки қисме аз онҳо ба низоми бонкии кишвар марбут мебошанд.

Самти дигари муҳимми ислоҳоти низоми молиявию бонкӣ, ки дар фаъолияти босифати низоми бонкӣ нақши назаррас дорад, саводнокии молиявии аҳолӣ ба ҳисоб меравад, ки он донишу малакаи муосири молиявӣ ва усулҳои истифодаи босамари захираҳои молиявиро дар бар мегирад. Қобили тазаккур аст, ки барои баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявӣ, заминаи асосии он таъмини фарогирии молиявӣ ба ҳисоб меравад, ки яке аз омилҳои асосии ҳадафҳои рушди устувор ҷиҳати фароҳам овардани хизматрасонии босифати инноватсионии молиявӣ барои аҳолии кишвар мебошад. Дуруст идора намудани захираҳои пулӣ ба сатҳи саводнокии молиявӣ асос ёфтааст, ки оқилона истифода бурдани захираҳои пулӣ ва фарҳанги пасандозгузориро барои маблағгузории минбаъда дар назар дорад.

Бояд тазаккур дод, ки ҳамаи масъалаҳое, ки дар Паём вобаста ба ислоҳоти низоми молиявию бонкӣ пешбинӣ гардидаанд, ба афзудани иқтидор ва рақобатпазирии ташкилотҳои қарзии молиявӣ мусоидат намуда, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 дар кишвар заминаи устувор хоҳад гузошт.

Мирзоев С.С., Усмонов М.Ш.,
пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии БМТ

ТАТБИҚИ ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ АВФ БИНОБАР ҚОНУНИГАРДОНИИ ДОРОИҲО ВА МАБЛАҒҲОИ ШАҲРВАНДОНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

АСОС:

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии аз ҷониби давлат гузаронидани иқдоми истисноии якдафъаина оид ба авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамояд.

МАҚСАД:

Фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармояи шаҳрвандон ба иқтисодиёти миллӣ, таъмин намудани шаффофият, коҳиш додани ҳиссаи иқтисодиёти пинҳонӣ, бозгардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисодиёти миллии Тоҷикистон, фаъол намудани сармоягузорӣ барои рушди соҳибкорӣ мебошад.

ҚАБУЛ ГАРДИД:

2 июли соли **2021**

таҳти №1802

ТАМДИД КАРДА ШУД:

20 июни соли **2022**

таҳти №1888 бо назардошти тағйиру иловаҳо

1 2 3 4

АЗ ЛАҲЗАИ АМАЛИ ҚОНУН МАБЛАҒИ ҚОНУНИГАРДОНИДАШУДА

2 335,4

МЛН. СОМОНИРО ТАШКИЛ ДОД

- АМОНАТИ МУҲЛАТНОК
- САРМОЯГУЗОРӢ
- САМТҲОИ ДИГАР

БДА ҶТ «Амонатбонк» фаъолияти худро дар соли 2022 бо фоида ҷамъбаст намуд

Санаи 06-уми феврали соли 2023 дар асоси Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 сентябри соли 2011, №АП-1729 нишасти матбуотӣ оид ба ҷамъбасти фаъолияти БДА ҶТ «Амонатбонк» дар соли 2022 бо иштироки доираи васеи намояндагони воситаҳои ахбори омма баргузор гардид.

Раиси Раёсати БДА ҶТ "Амонатбонк" Икромӣ Сирочиддин Салом аз натиҷаҳои молиявии Бонк дар соли 2022 дар назди намояндагони воситаҳои ахбори омма маълумот дод. Зикр карда шуд, ки Амонатбонк дар соли 2022 ба наздики 25 ҳазор корхонаю ташкилотҳо, зиёда аз 784 ҳазор нафар нафақагирони мақомотҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, зиёда аз 1,8 млн. нафар амонатгузорон тавассути 75 филиал ва 547 адад марказҳои хизматрасонии бонкӣ бо шумораи наздики 3000 нафар кормандон дар тамоми манотиқи ҷумҳурӣ хизматрасонӣ намуд. Зимни нишаст оид ба ҳаҷми дороиҳо, сатҳи пардохтпазирӣ, сармоя ва фоидаи софи Бонк дар соли 2022 ба ҳозирин маълумот пешниҳод гардид. Дороиҳои Бонк дар давраи ҳисоботӣ маблағи 6,3 млрд. сомонӣ ва уҳдадориҳои Бонк 5,6 млрд. сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2021 мутаносибан 42,8 ва 45,4 фоиз зиёд мебошад. Сармояи Бонк ба 720,5 млн. сомонӣ расонида шуд, ки дар муқоиса ба соли 2021 25,2 фоиз зиёд аст. Фоидаи софи Бонк дар давраи ҳисоботӣ 101,6 млн. сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба соли 2021 53,5 афзоиш ёфтааст. Ҳамин тариқ, пардохтпазирии Бонк дар соли ҳисоботӣ дар сатҳи муътадил нигоҳ дошта шуд.

Қайд гардид, ки ҷиҳати саҳмгузории Бонк дар татбиқи сиёсати иқтисодиёти рақамӣ ва боз ҳам рушд додани хизматрасониҳои ғайринақдӣ, Бонк 683 нуқтаҳои қабули маблағҳои коммуналӣ ва 372 нуқтаҳои қабули маблағҳои андоз ва пардохтҳои ҳатмиро роҳандозӣ намуда, 822 адад QR - рамз ва 656 адад постерминалҳоро дар муассисаҳои давлатӣ, нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ насб намудааст. Айни замон 18 адад ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба низоми биллингии Амонатбонк пайваст буда, тавассути низомҳои дохилии корти бонкӣ, ҳамёни электронӣ ва мобилбонк ба муштариёни худ имкони амалӣ намудани пардохтҳои гуногунро (барқ, об, шабакаи гармидиҳӣ) доранд.

"Дар робита ба дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллат дар маросими савгандёдкунӣ ва Паёми солона, Бонк аз ҳисоби захираҳои дохилию хориҷӣ ба 46 ҳазор муштарӣ 1 482,4 млн. сомонӣ маблағҳои қарзӣ пешниҳод намудааст. Ҳаҷми қарзҳои додашудаи Бонк нисбат ба соли 2021, 102,4 млн. сомонӣ афзудааст", - изҳор намуд Икромӣ С.С.

Дар рафти нишаст инчунин оид қарзҳои имтиёзноки Бонк таҳти унвони «Кишоварз», «Дониш», "Автокредит" ва «Занҳои муваффақ», қарзҳои ипотекӣ, барномаи мобилии "Амонат-мобайл", "Интернетбонк", фаъолияти назарраси маркази тамоси Бонк ва ғайра маълумот манзур карда шуд.

Вобаста ба ҳамкориҳои дучонибаи Амонатбонк бо бонкҳои хориҷи кишвар иттилоъ дода шуд, ки айни замон БДА ҶТ "Амонатбонк" бо 16 бонкҳои хориҷӣ бо истифода аз 49 суратҳисобҳои муросилотӣ ҳамкорӣ дорад.

Баъд аз ҳисоботи раиси Раёсат аз ҷониби рӯзноманигорон вобаста ба фаъолияти соҳа суолҳо пешниҳод гардида, ба онҳо посухҳои мушаххас гардонида шуд.

АМОНАТБОНК



НОМГӮИ МАҲСУЛОТИ ҚАРЗИИ БДА ҶТ «АМОНАТБОНК»

№	Намуди қарз	Меъёри % солона	Муҳлати қарз	Таъминот
1	Қарзи истеъмолӣ	24 бо сомонӣ 10 бо доллари ИМА	то 36 моҳ	бе зомин бе гарав
2	Қарзи истеъмолӣ	24 бо сомонӣ 10 бо доллари ИМА	то 36 моҳ	бо зомин
3	Қарзи истеъмолӣ	24 бо сомонӣ 10 бо доллари ИМА	то 36 моҳ	Гарави амволи манқул ва ғайриманқул
4	Қарз ба соҳаи кишоварзӣ (хоҷагии қишлоқ)	21 бо сомонӣ 10 бо доллари ИМА	то 1 сол	Гарави амволи манқул ва ғайриманқул
		22 бо сомонӣ 10 бо доллари ИМА	то 2 сол	Гарави амволи манқул ва ғайриманқул
		23 бо сомонӣ 10 бо доллари ИМА	то 3 сол	Гарави амволи манқул ва ғайриманқул
5	Қарз ба соҳаи саноат	22 бо сомонӣ 10 бо доллари ИМА	то 3 сол	Гарави амволи манқул ва ғайриманқул
6	Қарз барои рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ	18 бо сомонӣ 10 бо доллари ИМА	то 3 сол	Гарави амволи манқул ва ғайриманқул
7	Қарз ба соҳаи сохтмон ва нақлиёт	24 бо сомонӣ 10 бо доллари ИМА	то 3 сол	Гарави амволи манқул ва ғайриманқул
8	Қарз ба соҳаи тиҷорат ва хизматрасонӣ	24 бо сомонӣ 10 бо доллари ИМА	то 3 сол	Гарави амволи манқул ва ғайриманқул
9	Қарзи гумрукӣ	24 бо сомонӣ	то 3 сол	Гарави амволи манқул ва ғайриманқул
10	Қарзи овердрафтӣ	24 бо сомонӣ 10 бо доллари ИМА	то 3 сол	Гарави амволи манқул ва ғайриманқул
11	Қарзи ипотекии манзилӣ ба шахсони воҳеӣ барои сохтмони манзил	22 бо сомонӣ 10 бо доллари ИМА	то 7 сол	Гарави амволи манқул ва ғайриманқул
12	Қарзҳои ипотекии манзилӣ ба шахсони воҳеӣ барои хариди манзил	22 бо сомонӣ 10 бо доллари ИМА	то 10 сол	Амволи харидоришаванда
13	Қарзҳои ипотекии манзилӣ ба шахсони воҳеӣ барои хариди амволҳои дар ҳисоби бозфурӯш қарордошта	18 бо сомонӣ	то 10 сол	Амволи харидоришаванда ва ё дигар амволи ғайриманқул
14	Қарз барои бонувон "Занҳои муваффақ"	20 бо сомонӣ 10 бо доллари ИМА	то 4 сол	Гарави амволи манқул ва ғайриманқул
15	Қарз барои хариди автомашина "Автоқарз"	22 бо сомонӣ 10 бо доллари ИМА	то 5 сол	Автомашинаи харидоришаванда

ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ НИЗОМСОЗ ВА ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ ЭҲТИМОЛӢ* МУАЙЯН ШУДАНД

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ҶИҲАТИ АМАЛӢ НАМУДАНИ СИЁСАТИ МАКРОПРУДЕНСИАЛӢ ВА ТАНЗИМУ НАЗОРАТИ ФАЪОЛИЯТИ БОНКӢ, ДАР АСОСИ "ҚОИДАҲОИ МУАЙЯН НАМУДАНИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ НИЗОМСОЗ" СОЛЕ ЯК МАРОТИБА ДАР МОҲИ ЯНВАР БО ҲИСОБИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ МЕЪЁРӢ, РӮЙХАТИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ НИЗОМСОЗРО БАРОИ ДАВРАИ АЗ 1 ЯНВАР ТО 31 ДЕКАБРИ СОЛИ ОҒОЗШУДА МУАЙЯН МЕНАМОЯД.

ҲАДАФ АЗ МУАЙЯН НАМУДАНИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ НИЗОМСОЗ, ИН БА РОҲ МОНДАНИ ТАТБИҚИ САМАРАНОКИ СИЁСАТИ МАКРОПРУДЕНСИАЛИИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН, НАЗОРАТ ВА БАҲОДИҲИИ ДУРУСТИ НИЗОМИ БОНКӢ ВА КОҲИШ ДОДАНИ САТҲИ ХАВФҲОИ ЭҲТИМОЛӢ БА НИЗОМИ БОНКӢ МЕБОШАД.

ҲАМИН ТАРИҚ, БО ҚАРОРИ РАЁСАТИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН АЗ 18 ЯНВАРИ СОЛИ 2023, №7, "ДАР БОРАИ ТАСДИҚ НАМУДАНИ РӮЙХАТИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ НИЗОМСОЗ ВА ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ ЭҲТИМОЛӢ БАРОИ СОЛИ 2023, 3 ТАШКИЛОТИ ҚАРЗИИ МОЛИЯВӢ ҲАМЧУН ТАШКИЛОТИ ҚАРЗИИ НИЗОМСОЗ ВА 1 ТАШКИЛОТИ ҚАРЗӢ БА РӮЙХАТИ МАЗКУР ҲАМЧУН ТАШКИЛОТИ ҚАРЗИИ ЭҲТИМОЛИИ НИЗОМСОЗ ДОХИЛ КАРДА ШУДАНД.

Замима
ба қарори Раёсати
Бонки миллии Тоҷикистон
аз "18" 01 с. 2023, № 7

РӮЙХАТИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ НИЗОМСОЗ ВА ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ ЭҲТИМОЛӢ* БАРОИ СОЛИ 2023

Ташкилотҳои қарзии низомсоз	Меъёри ҷамъбастӣ
БДА ҶТ "Амонатбонк"	24,27
ҶСК "Ориёнбонк"	20,06
ҶСК "Бонки Эсхата"	14,39
Ташкилоти қарзии эҳтимолӣ	
ҶСП ТАҚХ "Имон Интернешнл"	5,17

* Ба ташкилотҳои қарзии эҳтимолӣ ташкилотҳое дохил мегарданд, ки аз рӯи баҳодиҳии навбатӣ метавонанд ташкилоти қарзии низомсоз эътироф шаванд.

“АМОНАТБОНК” - КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ

Дар маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои марбут ба Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон “Амонатбонк” баррасӣ карда шуданд. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон номи Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон “Амонатбонк” ба Корхонаи воҳиди давлатии “Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон “Амонатбонк” иваз карда шуда, инчунин Шурои нозирони бонк таъсис ва ҳайати он тасдиқ гардид.

Бино ба иттилои расмӣ, лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шурои нозирони Корхонаи воҳиди давлатии “Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон “Амонатбонк” бо ҷорӣ намудани асосҳои идоракунии корпоративӣ дар фаъолияти корхонаҳои давлатӣ ва ташкили шуроҳои нозирон дар онҳо барои таъмини назорат ва шаффофияти фаъолияти молиявию хоҷагидории корхонаҳои воҳиди давлатӣ таҳия гардидааст.

Таъкид мешавад, ки ин тағйирот шаффофияти фаъолияти молиявию хоҷагидории бонкро беҳтар мекунад.

“Амонатбонк” яке аз бонкҳои низомсози Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар соли 1998 мақоми давлатӣ гирифт ва бонки амонатгузории давлатӣ ба ҳисоб меравад.

“СПИТАМЕН БОНК“ МУҲЛАТИ ИҚДОМИ “ФОИЗҲОИ ҶОЛИБ”-РО ТАМДИД КАРД

ҶСК «Спитамен Бонк» аз тамдид намудани иқдоми “Фоизҳои ҷолиб” хабар медиҳад, ки тибқи он ба мизоҷон бо меъёри пасттари фоизӣ қарз пешниҳод карда мешавад. Бино ба хабари расмӣ, ин иқдом 20 июли соли 2022 оғоз шуда буд ва бонк тасмим гирифтааст, ки бо дарназардошти хуб пазируфта шудани он аз ҷониби мизоҷон муҳлати онро тамдид кунад. Дар доираи ин чорабинӣ мизоҷон метавонанд бо мақсадҳои дилхоҳ аз бонк барои харидани молҳои гуногун, аз ҷумла, барои харидани техникаи маишӣ ва ҳатто барои харидани манзил қарз гиранд.

Тибқи ин иқдом, “Спитамен Бонк” ба мизоҷон бо фоизҳои 20% бо асъори миллӣ ва 14% бо доллари ИМА барои ҳама гуна мақсадҳо қарз медиҳад. Меъёри фоизи қарз бо пули миллӣ аз маблағи қарз вобаста аст:

- пешниҳоди қарзҳо ба маблағи аз 1000 то 300 000 сомонӣ – бо 24 фоизи солона;
- пешниҳоди қарзҳо ба маблағи аз 300 001 то 500 000 сомонӣ – бо 22 фоизи солона;
- пешниҳоди қарзҳо ба маблағи аз 500 001 то 1 000 000 сомонӣ - бо 20 фоизи солона.

Барои гирифтани чунин қарзҳо ба муштариён лозим аст, ки шиносноma ва РМА-и худро ҳамроҳ бо ҳуҷҷати тасдиқкунандаи манбаи даромади худ ба бонк пешниҳод кунанд. ҶСК “Спитамен Бонк” ҳамчунин барои осон шудани дархости қарз, сомонаи яксаҳифагиеро ба кор андохтааст, ки дар он мизоҷон имкон доранд, дархости онлайни худро барои гирифтани қарз ироа кунанд.

“БОНКИ ЭСХАТА” БА МУШТАРИЁНАШ IPHONE 13 PROMAX ҲАДЯ КАРД

ҶСК “Бонки Эсхата” марҳилаи охирони иқдоми “Бурди афсонавӣ”-ро, ки барои ҳавасманд кардани муштариён ба пардохтҳои ғайринақдӣ созмон дода буд, ҷамъбаст намуда, ғолибони даври чоруми ин иқдомро эълон кард.

Иқдоми “Бурди афсонавӣ” аз 09.09.2022 то 31.12.2022 баргузор шуд. Дар доираи он, мизоҷоне, ки бо корти VISA дар фурӯшгоҳҳо, нуқтаҳои хизматрасонӣ ва инчунин аз интернет ба маблағи на кам аз 100 сомонӣ хароҷот кардаанд, имкон доштанд, роҳхатҳо ба шаҳри Дубай ва смартфони навъи IPhone 13 ProMax – ро бурд намоянд.

Дар натиҷаи ин иқдом се нафар аз шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд ва Исфара соҳиби роҳхат ба Дубай шуданд ва смартфони навъи iPhone 13 Pro Max-ро фаъолтарин иштирокчии иқдом– мизоҷи филиали ҶСК “Бонки Эсхата” дар ш.Душанбе, ки шумораи бештари купонҳоро дар моҳи декабри соли 2022 ба даст овардааст, бурд кардааст.

Ғолибон тавассути интихоби тасодуфӣ дар назди комиссияи махсус муайян карда шуданд. Дар доираи ин иқдом дар маҷмуъ, дар чор давр мизоҷон 12 роҳхат ба давлатҳои Миср, Туркия ва АМА бурд карданд ва чор нафар иштирокчиёни фаъолтарин соҳиби смартфони навъи iPhone 13 Pro Max гардидаанд.

ҲАЙАТИ “АРВАНД” БО ИҚТИСОДИ САБЗИ КОРЕЯИ ҶАНУБӢ ОШНО ШУД

Як ҳайати ҶСП Бонки “Арванд” дар давраи омӯзишии марбут ба маблағгузории сабз дар шаҳри Сеули Кореяи Ҷанубӣ иштирок намуданд. Зимни ин сафар иштирокдорон бо таҷрибаи табдили иқтисоди Кореяи Ҷанубӣ ба иқтисоди сабзи устувор бо таваҷҷуҳ ба бахши молиявӣ ошно шуданд.

Ин сафар ба иштирокчиён имкон дод, ки таҷрибаи Кореяи Ҷанубиро роҷеъ ба дигаргуниҳои иқтисоди сабз омӯзанд ва дар бораи таҳаввулот, муваффақият ва монеаҳои татбиқи иқтисоди сабз мубодилаи афкор намоянд.

Инчунин, ҳайати Бонки “Арванд” дар анҷуман оид ба иқтисоди сабз, ки аз ҷониби Институти тадқиқоти иқтисодии Донишгоҳи Корея ва БАТР ташкил шудааст, ширкат варзиданд. Дар ин анҷуман Шоира Содиқова, раиси Бонки “Арванд” дар бораи дурнамои фаъолияти бонки мазкур суханронӣ намуд.

“ҲУМО” ФОИЗИ ПАСАНДОЗҲОРО ТО 18% АФЗУД

ҶДММ ТАҚҲ “Ҳумо” хабар медиҳад, ки фоизи пасандозҳоро то 18% боло бурдааст. Мизоҷон метавонанд бо шартҳои барои худ муносиб маблағҳои худро бо меъёри то 18% солона дар “Ҳумо” нигоҳ доранд.

Масъулини ТАҚҲ “Ҳумо” ба таври бе маҳдудият ворид намудани маблағ аз ҳар терминал ва ё ворид намудани маблағ тавассути барномаи “Ҳумо Online”, ҳармоҳа гирифтани пардохти фоизҳои пасандоз, ҳисоби фоизҳои устувор, бароориши корти пластикии ройгон, насби барномаи бонкдории мобилӣ бо ҳамаи суратҳисобҳо дар смартфони мизоҷон ва пардохти ҳаққи хизматрасониҳо бе комиссия дар ҳамаи терминалҳои пойтахтро аз афзалиятҳои амонатгузорӣ дар ин ташкилоти қарзӣ унвон кардаанд.

ТАҚҲ “Ҳумо” аз соли 2013 узви Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ буда, пасандозҳои мизоҷонро тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар барои суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ” бима мекунад.

“Ҳумо” ташкилоти амонатии қарзии хурди инкишофёбанда ҳисоб мешавад, ки пешниҳоди хизматрасониҳои молиявии босифат ва дастрас ба аҳолии минтақаҳои дурдаст ва мусоидат ба рушди тиҷорати хурдро аз вазифаҳои худ медонад.

“МАТИН” БО БАТР СТРАТЕГИЯИ РУШДАШРО БАРРАСӢ КАРД

ТАҚҲ “Матин” ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд масоили ҳамкории дуҷонибаро баррасӣ карданд. Ин мулоқот бо ҳадафи баррасии вазъи бахши молия дар паи тағйироти кунунии иқтисодӣ, арзёбии дурнамои ҳамкориҳо ва ҷалби сармоя баргузор шудааст.

Дар он Георгий Орлов, директори департаменти БАТР оид ба муассисаҳои молиявӣ дар Осиёи Марказӣ, Қафқоз ва Туркия, Ҷаҳонгир Шамсиев, муовини директори департаменти БАТР оид ба кор бо муассисаҳои молиявӣ дар Осиёи Марказӣ, Рустам Ботуров, муассиси ТАҚҲ “Матин” ва Олим Олимов, раиси раёсати ташкилоти мазкур ширкат доштанд.

Дар мулоқот ҷонибҳо ба зарурати таъмини бештари аҳолии кишвар бо қарзҳои имтиёзнок, афзоиши даромади онҳо ва беҳтар намудани вазъи зиндагии онҳо бо дарназардошти эҳёи иқтисодиёти ҷаҳон пас аз рафъи бемории “COVID-19” ва ба эътидол омадани вазъи муассисаҳои молиявӣ таъкид карданд.

ТАҚҲ “Матин” аз зумраи ташкилотҳои молиявист, ки дар рушди бахши молиявии кишвар, дастгирии бахши хусусӣ ва баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ саҳм мегузорад.

Қаблан, ин созмон бо ёрии ташкилотҳои донор, бахусус БАТР дониши беш аз 200 нафар корманди худро дар даврахои омӯзишӣ такмил додааст.

Гирдоваранда,
Аслам Мӯминов

ПУЛҲОИ КОҒАЗИИ НАМУНА ВА БАРОРИШИ СОЛИ 2022

Бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 7 марти соли 2023, таҳти №26 мутобиқи моддаҳои 65, 67 ва 77 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” бо мақсади таъмин намудани иқтисодиёт бо нишонаҳои пулӣ, Бонки миллии Тоҷикистон пулҳои коғазии намуна ва барориши соли 2022-ро бо арзишҳои номиналии 10, 20, 50, 100, 200 ва 500 сомонӣ ба муомилот баровард.

Тибқи қарори мазкур, пулҳои коғазии намуна ва барориши соли 2022 бо арзишҳои номиналии 10, 20, 50, 100, 200 ва 500 сомонии намунаи соли 2022 дар баробари пулҳои коғазии барориши солҳои 1999, 2010, 2017, 2018 ва 2021, ки дар муомилот қарор доранд, баробар гардиш менамоянд.

Бонки миллии Тоҷикистон барои ҳамлу нақл, баҳисобгирӣ ва ташкил намудани шароит ҷиҳати ба муомилот баровардани пулҳои коғазии намуна ва барориши соли 2022 бо арзишҳои номиналии 10, 20, 50, 100, 200 ва 500 сомонӣ, тибқи тартиби муқарраршуда чораҳои зарурӣ меандешад.

ВАЗЪИ НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2022

64 адад ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ МОЛИЯВӢ

- БОНКИ АНЪАНАВӢ — **14 адад**
- ТАШКИЛОТИ АМОНАТИИ ҚАРЗИИ ХУРД — **19 адад**
- БОНКИ ИСЛОМӢ — **1 адад**
- ТАШКИЛОТИ ҚАРЗИИ ХУРД — **3 адад**
- ТАШКИЛОТИ ҚАРЗИИ ҒАЙРИБОНКӢ — **1 адад**
- ФОНДИ ҚАРЗИИ ХУРД — **26 адад**

1862 АДАД ВОҲИДҲОИ СОХТОРИИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ МОЛИЯВӢ

- **310 адад** — ФИЛИАЛ
- **2 адад** — РАВЗАНАИ БОНКИ ИСЛОМӢ
- **1205 адад** — МАРКАЗҲОИ ХИЗМАТРАСОНИИ БОНКӢ
- **343 адад** — МАРКАЗҲОИ ХИЗМАТРАСОНИИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ХУРД
- **4 адад** — ВОҲИДҲОИ САЙЁР

ҲИСОБОТИ БОНКҲО

БАРОИ СОЛИ 2022

(млн. сомонӣ)

ДОРОИҲО

НОМГӮИ БОНКҲО	31.12.2021	31.12.2022	Тағйирот нисбати 31.12.2021	
			номиналӣ	нисбӣ
БДА ҶТ "Амонатбонк"	4 437,7	6 336,8	1 899,1	42,8%
ҶСК "Ориёнбонк"	4 067,1	4 588,2	521,1	12,8%
ҶСК "Бонки Эсхата"	3 248,9	4 264,5	1 015,6	31,3%
ҶСК "Алиф Бонк"	703,8	1 801,5	1 097,6	156,0%
ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон"	902,7	1 629,2	726,5	80,5%
ҶСП "Спитамен Бонк"	1 154,6	1 374,4	219,8	19,0%
ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд"	1 122,9	1 132,1	9,2	0,8%
ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон"	609,9	1 104,3	494,4	81,1%
ҶСП "Душанбе Сити Бонк"	375,9	1 100,8	724,9	192,9%
ҶСП Бонки "Арванд"	766,2	1 005,4	239,2	31,2%
КВД БССТ "Саноатсодиротбонк"	496,4	583,5	87,1	17,5%
ҶСП "Халиқ Бонк Тоҷикистон"	397,4	291,9	-105,5	-26,6%
Шӯъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ	69,3	70,8	1,5	2,1%
ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон"	32,5	42,9	10,3	31,8%
ҶСК "Тавҳидбонк"	185,6	226,7	41,0	22,1%

(млн. сомонӣ)

УҲДАДОРИҲО

НОМГӮИ БОНКҲО	31.12.2021	31.12.2022	Тағйирот нисбати 31.12.2021	
			номиналӣ	нисбӣ
БДА ҶТ "Амонатбонк"	3 862,0	5 616,3	1 754,3	45,4%
ҶСК "Ориёнбонк"	3 040,8	3 452,8	411,9	13,5%
ҶСК "Бонки Эсхата"	2 674,4	3 442,0	767,6	28,7%
ҶСК "Алиф Бонк"	586,3	1 628,5	1 042,2	177,8%
ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон"	772,8	1 406,8	634,0	82,0%
ҶСП "Спитамен Бонк"	1 000,1	1 196,3	196,2	19,6%
ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд"	955,5	934,4	-21,1	-2,2%
ҶСП "Душанбе Сити Бонк"	298,0	847,4	549,4	184,3%
ҶСП Бонки "Арванд"	641,3	829,4	188,0	29,3%
ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон"	374,3	825,5	451,2	120,6%
ҶСП "Халиқ Бонк Тоҷикистон"	294,9	191,0	-103,8	-35,2%
КВД БССТ "Саноатсодиротбонк"	23,1	76,4	53,3	231,0%
Шӯъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ	34,1	34,1	0,0	-0,1%
ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон"	17,9	25,8	7,9	44,2%
ҶСК "Тавҳидбонк"	76,4	109,9	33,4	43,8%

(млн. сомонӣ)

САРМОЯ

НОМГӮИ БОНКҲО	31.12.2021	31.12.2022	Тағйирот нисбати 31.12.2021	
			номиналӣ	нисбӣ
ҶСК "Ориёнбонк"	1 026,3	1 135,5	109,2	10,6%
ҶСК "Бонки Эсхата"	574,5	822,5	248,0	43,2%
БДА ҶТ "Амонатбонк"	575,7	720,5	144,8	25,2%
КВД БССТ "Саноатсодиротбонк"	473,3	507,1	33,7	7,1%
ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон"	235,6	278,7	43,1	18,3%
ҶСП "Душанбе Сити Бонк"	77,8	253,4	175,6	225,6%
ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон"	129,9	222,4	92,5	71,2%
ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд"	167,4	197,7	30,3	18,1%
ҶСП "Спитамен Бонк"	154,5	178,1	23,6	15,2%
ҶСП Бонки "Арванд"	124,8	176,0	51,2	41,0%
ҶСК "Алиф Бонк"	117,6	173,0	55,4	47,1%
ҶСП "Халиқ Бонк Тоҷикистон"	102,5	100,8	-1,7	-1,7%
Шӯъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ	35,2	36,7	1,5	4,3%
ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон"	14,6	17,1	2,4	16,6%
ҶСК "Тавҳидбонк"	109,2	116,8	7,6	7,0%

(млн. сомонӣ)

БАҚИЯИ САНДУҚИ ҚАРЗӢ

НОМГӮИ БОНКҲО	31.12.2021	31.12.2022	Тағйирот нисбати 31.12.2021	
			номиналӣ	нисбӣ
ҶСК "Ориёнбонк"	3 340,3	3 080,9	-259,4	-7,8%
ҶСК "Бонки Эсхата"	2 069,2	2 539,2	470,1	22,7%
БДА ҶТ "Амонатбонк"	1 073,0	1 358,8	285,8	26,6%
ҶСП Бонки "Арванд"	614,5	758,1	143,7	23,4%
ҶСП "Спитамен Бонк"	613,3	684,9	71,6	11,7%
ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд"	503,0	532,5	29,5	5,9%
ҶСК "Алиф Бонк"	429,5	490,1	60,6	14,1%
ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон"	267,6	395,1	127,5	47,7%
ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон"	269,5	326,0	56,5	20,9%
КВД БССТ "Саноатсодиротбонк"	217,2	287,0	69,8	32,1%
Шӯъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ	18,9	21,2	2,2	11,8%
ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон"	11,8	8,6	-3,2	-27,0%
ҶСП "Душанбе Сити Бонк"	1,3	4,8	3,4	256,9%
ҶСП "Халиқ Бонк Тоҷикистон"	9,5	2,6	-7,0	-73,3%
ҶСК "Тавҳидбонк"	26,4	78,8	52,4	198,2%

(млн. сомонӣ)

АМОНАТҲО

НОМГӮИ БОНКҲО	31.12.2021	31.12.2022	Тағйирот нисбати 31.12.2021	
			номиналӣ	нисбӣ
БДА ҶТ "Амонатбонк"	3 217,8	4 885,0	1 667,2	51,8%
ҶСК "Бонки Эсхата"	1 501,5	2 097,2	595,7	39,7%
ҶСК "Ориёнбонк"	1 249,0	1 829,2	580,2	46,5%
ҶСК "Алиф Бонк"	333,1	1 356,2	1 023,1	307,2%
ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон"	590,7	1 130,3	539,6	91,4%
ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд"	859,6	832,4	-27,2	-3,2%
ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон"	272,6	665,5	392,9	144,1%
ҶСП "Душанбе Сити Бонк"	210,9	562,6	351,7	166,8%
ҶСП "Спитамен Бонк"	478,8	509,6	30,8	6,4%
ҶСП "Халиқ Бонк Тоҷикистон"	217,9	172,4	-45,6	-20,9%
ҶСП Бонки "Арванд"	154,4	162,8	8,4	5,4%
КВД БССТ "Саноатсодиротбонк"	7,9	15,2	7,3	92,5%
Шӯъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ	28,7	9,9	-18,8	-65,6%
ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон"	9,0	9,8	0,8	8,6%
ҶСК "Тавҳидбонк"	61,3	78,6	17,3	28,2%

(млн. сомонӣ)

ФОИДА/ЗАРАР

НОМГӮИ БОНКҲО	31.12.2021	31.12.2022	Тағйирот нисбати 31.12.2021	
			номиналӣ	нисбӣ
ҶСК "Бонки Эсхата"	116,0	317,2	201,2	173,5%
ҶСП "Душанбе Сити Бонк"	5,3	150,0	144,7	2730,1%
БДА ҶТ "Амонатбонк"	66,2	101,6	35,4	53,5%
ҶСК "Ориёнбонк"	127,7	98,4	-29,3	-22,9%
ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон"	21,5	92,5	71,0	330,8%
ҶСП Бонки "Арванд"	9,0	51,5	42,5	471,8%
ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон"	11,2	43,7	32,5	289,0%
ҶСК "Алиф Бонк"	-12,6	42,6	55,1	439,0%
ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд"	29,1	39,4	10,3	35,4%
КВД БССТ "Саноатсодиротбонк"	30,5	35,6	5,1	16,9%
ҶСП "Спитамен Бонк"	5,5	27,4	21,9	401,2%
Шӯъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ	-337,7	2,7	340,4	100,8%
ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон"	-41,8	2,4	44,2	105,8%
ҶСП "Халиқ Бонк Тоҷикистон"	-5,2	-0,9	4,3	83,4%
ҶСК "Тавҳидбонк"	4,4	12,0	7,6	211,9%

ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ БАРОИ СОЛИ 2022

(ҳазор сомонӣ)

ДОРОИҲО

НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ	2022	2021	Тағйирот (бо маблағ)	Тағйирот (бо фоиз)
ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ"	277 401,0	215 418,8	61 982,2	28,8%
ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс"	111 047,9	103 586,0	7 461,9	7,2%
ҶСП ТС "Паймон Иншуренс"	51 692,9	29 430,0	22 262,9	75,6%
КВД "Тоҷиксуғурта"	51 465,5	51 174,3	291,2	0,6%
ҶДММ "ТС Бима"	50 345,7	33 643,2	16 702,5	49,6%
ҶДМ "ТС "Муин""	16 031,7	16 339,6	-307,9	-1,9%
ҶДММ "ДС суғурта"	10 710,0	10 845,0	-135,0	-1,2%
ҶДММ "ТС "Меҳнат""	8 959,6	4 854,0	4 105,6	84,6%
ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт"	7 974,5	8 235,4	-260,9	-3,2%
ҶДММ "ТС Эсхата-Суғурта"	5 458,5	2 914,3	2 544,2	87,3%
ҶДММ "Суғуртаи асри 21"	5 210,4	3 503,0	1 707,4	48,7%
ҶДММ "ТС Итминон"	3 376,1	2 874,6	501,5	17,4%
ҶДММ "Суғуртаи Шарқ"	3 124,0	2 655,1	468,9	17,7%
ҶДММ "ТС Меҳрубон" *	2 633,3	2 280,1	353,2	15,5%
ҶДММ "ТС Такаффул"	2 101,0	513,0	1 588,0	4,0 мар.
ҶСП "ТС Кафил" *	2 065,0	2 072,0	-7,0	-0,3%
ҶДММ "ТС Сипаҳр"	1 997,8	1 695,8	302,0	17,8%
ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин"	643,5	1 702,8	-1 059,3	-62,2%
КВДС "Тоҷиксармоягузор" *	0,0	32 240,0	-32 240,0	-100,0%
Ҳамагӣ	**612 238,4**	**525 977,0**	**86 261,4**	**16,4%**

УҲДАДОРИҲО

НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ	2022	2021	Тағйирот (бо маблағ)	Тағйирот (бо фоиз)
ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ"	93 377,8	85 683,0	7 694,8	9,0%
КВД "Тоҷиксуғурта"	42 595,3	44 032,1	-1 436,8	-3,3%
ҶДММ "ТС Бима"	34 948,4	29 784,3	5 164,1	17,3%
ҶСП ТС "Паймон Иншуренс"	25 522,7	15 342,8	10 179,9	66,3%
ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс"	9 533,2	5 881,9	3 651,3	62,1%
ҶДММ "ТС "Меҳнат""	6 271,8	2 257,8	4 014,0	2,8 мар.
ҶДММ "ТС "Муин"	3 761,6	4 720,7	-959,1	-20,3%
ҶДММ "ТС Эсхата Суғурта"	3 305,0	737,4	2 567,6	4,5 мар.
ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт"	2 875,8	3 177,2	-301,4	-9,5%
ҶДММ "ДС суғурта"	1 790,0	531,0	1 259,0	3,4 мар.
ҶДММ "ТС Итминон"	905,4	427,8	477,6	2,1 мар.
ҶДММ "Суғуртаи асри 21"	550,8	155,0	395,8	3,6 мар.
ҶДММ "Суғуртаи Шарқ"	335,0	319,2	15,8	4,9%
ҶСП "ТС Кафил" *	65,0	47,0	18,0	38,3%
ҶДММ "ТС Меҳрубон" *	26,3	0,0	26,3	100,0%
ҶДММ "ТС Такаффул"	26,0	5,0	21,0	5,2 мар.
ҶДММ "ТС Сипаҳр"	23,7	35,4	-11,7	-33,1%
ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин"	4,2	42,8	-38,6	-90,2%
КВДС "Тоҷиксармоягузор" *	0,0	12 333,5	-12 333,5	-100,0%
Ҳамагӣ	**225 918,0**	**205 513,9**	**20 404,1**	**9,9%**

(ҳазор сомонӣ)

◙ САРМОЯ

НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ	2022	2021	Тағйирот (бо маблағ)	Тағйирот (бо фоиз)
ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ"	184 023,2	129 735,8	54 287,4	41,8%
ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс"	101 514,7	97 704,0	3 810,7	3,9%
ҶСП ТС "Паймон Иншуренс"	26 170,2	14 087,2	12 083,0	1,6 мар.
ҶДММ "ТС Бима"	15 397,3	3 858,9	11 538,4	4,0 мар.
ҶДММ "ТС "Муин"	12 270,1	11 618,9	651,2	5,6%
ҶДММ "ДС суғурта"	8 920,0	10 314,0	-1 394,0	-13,5%
КВД "Тоҷиксуғурта"	8 870,2	7 142,2	1 728,0	24,2%
ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт"	5 098,7	5 058,2	40,5	0,8%
ҶДММ "Суғуртаи асри 21"	4 659,6	3 348,0	1 311,6	39,2%
ҶДММ "Суғуртаи Шарқ"	2 789,0	2 335,9	453,1	19,4%
ҶДММ "ТС "Меҳнат""	2 687,8	2 596,2	91,6	3,5%
ҶДММ "ТС Меҳрубон" *	2 607,0	2 280,1	326,9	14,3%
ҶДММ "ТС Итминон"	2 470,7	2 446,8	23,9	1,0%
ҶДММ "ТС Эсхата Суғурта"	2 153,5	2 176,9	-23,4	-1,1%
ҶДММ "ТС Такаффул"	2 075,0	508,0	1 567,0	4,0 мар.
ҶСП "ТС Кафил" *	2 000,0	2 025,0	-25,0	-1,2%
ҶДММ "ТС Сипаҳр"	1 974,1	1 660,4	313,7	18,9%
ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин"	639,3	1 660,0	-1 020,7	-61,5%
КВДС "Тоҷиксармоягузор" *	0,0	19 906,5	-19 906,5	-100,0%
Ҳамагӣ	**386 320,4**	**320 463,0**	**65 857,4**	**20,6%**

◙ ВОРИДОТИ МУКОФОТ

НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ	2022	2021	Тағйирот (бо маблағ)	Тағйирот (бо фоиз)
ҶДММ "ТС Бима"	92 836,0	107 543,8	-14 707,8	-13,7%
ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ"	84 465,7	86 867,8	-2 402,1	-2,8%
ҶСП ТС "Паймон Иншуренс"	46 883,3	24 200,0	22 683,3	1,9 мар.
КВД "Тоҷиксуғурта"	40 969,9	35 656,7	5 313,2	14,9%
ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс"	11 684,8	5 076,4	6 608,4	2,3 мар.
ҶДММ "ТС "Меҳнат""	7 050,8	5 789,6	1 261,2	21,8%
ҶДММ "ТС "Муин""	4 351,9	4 260,5	91,4	2,1%
ҶДММ "ДС суғурта"	4 284,3	1 179,1	3 105,2	3,6 мар.
ҶДММ "ТС Меҳрубон" *	3 906,6	4 602,7	-696,1	4,2 мар.
ҶДММ "ТС Эсхата-Суғурта"	3 451,5	344,0	3 107,5	10,0 мар.
ҶДММ "ТС Итминон"	2 244,5	1 312,0	932,5	71,1%
ҶДММ "Суғуртаи Шарқ"	2 244,1	1 260,3	983,8	1,8 мар.
ҶДММ "Суғуртаи асри 21"	1 213,4	600,2	613,2	102,2%
ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин"	150,0	598,6	-448,6	-74,9%
ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт"	100,0	4 534,9	-4 434,9	-97,8%
ҶДММ "ТС Сипаҳр"	73,6	65,6	8,0	12,2%
ҶДММ "ТС Такаффул"	0,0	0,0	0,0	0,0%
ҶСП "ТС Кафил" *	0,0	235,0	-235,0	-100,0%
КВДС "Тоҷиксармоягузор" *	0,0	2 282,0	-2 282,0	-100,0%
Ҳамагӣ	**305 910,4**	**286 409,2**	**19 501,2**	**6,8%**

(ҳазор сомонӣ)

ПАРДОХТ

НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ	2022	2021	Тағйирот (бо маблағ)	Тағйирот (бо фоиз)
ҶДММ "ТС Бима"	13 662,9	80 609,5	-66 946,6	-83,1%
КВД "Тоҷиксуғурта"	6 028,4	6 294,0	-265,6	-4,2%
ҶДММ "ДС суғурта"	2 879,8	264,4	2 615,4	11,0 мар.
ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ"	1 895,3	2 235,9	-340,6	-15,2%
ҶДММ "ТС "Муин""	551,1	436,6	114,5	26,2%
ҶДММ "ТС "Меҳнат""	468,6	213,6	255,0	2,2 мар.
ҶСП ТС "Паймон Иншуренс"	274,3	34,8	239,5	7,9 мар.
ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс"	227,3	105,6	121,7	2,2 мар.
ҶДММ "ТС Итминон"	101,2	76,7	24,5	31,9%
ҶДММ "ТС Эсхата-Суғурта"	59,2	91,9	-32,7	-35,6%
ҶДММ "Суғуртаи Шарқ"	58,4	75,7	-17,3	-22,9%
ҶДММ "Суғуртаи асри 21"	54,6	394,2	-339,6	-86,1%
ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин"	11,5	348,2	-336,7	-96,7%
ҶДММ "ТС Сипаҳр"	9,5	104,0	-94,5	-90,9%
ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт"	1,8	0,0	1,8	100,0%
ҶДММ "ТС Меҳрубон" *	0,0	0,0	0,0	0,0%
ҶДММ "ТС Такаффул"	0,0	0,0	0,0	0,0%
ҶСП "ТС Кафил" *	0,0	0,0	0,0	0,0%
КВДС "Тоҷиксармоягузор" *	0,0	533,3	-533,3	-100,0%
Ҳамагӣ	**26 283,9**	**91 818,4**	**-65 534,5**	**-71,4%**

ШАРТНОМАҲО

НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ	2022	2021	Тағйирот (бо маблағ)	Тағйирот (бо фоиз)
ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ"	956 035	991 271	-35 236	-3,6%
КВД "Тоҷиксуғурта"	565 931	599 325	-33 394	-5,6%
ҶСП ТС "Паймон Иншуренс"	517 615	273 521	244 094	1,9 мар.
ҶДММ "ТС Бима"	26 990	23 554	3 436	14,6%
ҶДМ "ТС "Муин""	26 405	66 786	-40 381	-60,5%
ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс"	14 916	13 277	1 639	12,3%
ҶДММ "ДС суғурта"	3 856	22	3 834	175,3 мар.
ҶДММ "Суғуртаи асри 21"	2 206	2 128	78	3,7%
ҶДММ "ТС Итминон"	180	157	23	14,6%
ҶДММ "ТС "Меҳнат""	178	57	121	3,1 мар.
ҶДММ "ТС Сипаҳр"	88	50	38	1,8 мар.
ҶДММ "ТС Эсхата-Суғурта"	38	18	20	2,1 мар.
ҶДММ "Суғуртаи Шарқ"	10	65	-55	-84,6%
ҶДММ "ТС Меҳрубон" *	2	3	-1	-33,3%
ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин"	1	5	-4	-80,0%
ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт"	0	13	-13	-100,0%
КВДС "Тоҷиксармоягузор" *	0	379	-379	-100,0%
ҶСП "ТС Кафил" *	0	1	-1	-100,0%
ҶДММ "ТС Такаффул"	0	0	0	0,0%
Ҳамагӣ	**2 114 451**	**1 970 632**	**143 819**	**7,3%**

Эзоҳ: *Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2022, №301 КВДС "Тоҷиксармоягузор" барҳам дода шуд;
*ҶСП "ТС Кафил" бинобар сабаби ба итмом расидани амали иҷозатнома бо қарори Раёсати БМТ аз 21.10.2022, №122 қатъ карда шуд;
*Амали иҷозатномаи ҶДММ "ТС Меҳрубон" бо қарори Суди иқтисодӣ аз 27.12.2022, №1-194/22 қатъ гардид.

67
ТАТБИҚИ ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ АВФ БИНОБАР КОНУНИГАРДОНИИ ДОРОИҲО ВА МАБЛАҒҲОИ ШАҲРВАНДОНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»
АСОС
МАҚСАД
ҚАБУЛ ГАРДИД
2
июли соли
2021
тахти №1802
ТАМДИД КАРДА ШУД
20
июни соли
2022
тахти №1885
АЗ ЛАҲЗАИ АМАЛИ ҚОНУН МАБЛАҒИ ҚОНУНИГАРДОНИДАШУДА
2 335,4
МЛН. СОМОНИРО ТАШКИЛ ДОД
929,7 млн. сомонӣ
904,6 млн. сомонӣ
501,1 млн. сомонӣ
АМОНАТИ МУҲЛАТНОК
САРМОЯГУЗОРӢ
САМТҲОИ ДИГАР

70
ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ НИЗОМСОЗ ВА ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ ЭҲТИМОЛӢ* МУАЙЯН ШУДАНД
РӮЙХАТИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ НИЗОМСОЗ ВА ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ ЭҲТИМОЛӢ* БАРОИ СОЛИ 2023
Ташкилотҳои қарзии низомсоз
Меъёри ҷамъбаста
БДА ҶТ "Амонатбонк"
24,27
ҶСК "Ориёнбонк"
20,06
ҶСК "Бонки Эскатa"
14,39
Ташкилоти қарзии эҳтимолӣ
ҶСП ТАҚҲ "Имон Интернешнл"
5,17

74
ВАЗЪИ НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2022
64 адад ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ МОЛИЯВӢ
БОНКИ АНЪАНАВӢ 14 адад
БОНКИ ИСЛОМӢ 1 адад
ТАШКИЛОТИ ҚАРЗИИ ҒАЙРИБОНКӢ 1 адад
ТАШКИЛОТИ АМОНАТИИ ҚАРЗИИ ХУРД 19 адад
ТАШКИЛОТИ ҚАРЗИИ ХУРД 3 адад
ФОНДИ ҚАРЗИИ ХУРД 26 адад
1862 адад воҳидҳои соҳтории ташкилотҳои қарзии молиявӢ
310 адад ФИЛИАЛ
2 адад РАВЗАНАИ БОНКИ ИСЛОМӢ
1205 адад МАРКАЗҲОИ ХИЗМАТРАСОНИИ БОНКӢ
343 адад МАРКАЗҲОИ ХИЗМАТРАСОНИИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ХУРД
4 адад ВОҲИДҲОИ САЙЁР

Экономика - не просто наука об использовании ограниченных ресурсов, но наука о рациональном использовании ограниченных ресурсов

Герберт Саймон,
американский экономист